*Мақолаи мазкур ба масоили таъмини амнияти озуқаворӣ дар доираи иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои гуногуни илмӣ кушиш ба харҷ додааст, ки таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифатро ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳимтарини иқтисоди миллӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ нишон диҳад. Рушди соҳаи кишоварзӣ барои таъмини аҳолии кишвар бо озуқаворӣ тавассути афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани сатҳи даромад ва таъмини шуғли аҳолӣ мусоидат менамояд. Пешниҳод карда мешавад, ки дар ҷумҳурӣ Стратегияи бехатарии озуқаворӣ (барои мисол то давраи соли 2030) таҳия ва татбиқ карда шавад, то ки ҳадафҳо ва масъалаҳо аз рӯи принсипи умумӣ муайян карда шуда, роҳҳои ноилшавӣ дақиқ карда шаванд.*

*Натиҷаҳои таҳлилии муаллиф имконият медиҳад, ки вазъи муосири таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ шавад.*
***Калидвожаҳо:*** *кишоварзӣ, стратегия, бехатарӣ, озуқа, амнияти озуқаворӣ, дастрасии ғизо, меъёрҳои физиологӣ, гуруснагӣ. афзоиши даромад, таъмини ҷойи кор.*

Таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат яке аз вазифаҳои муҳимтарини иқтисоди миллӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ ба ҳисоб меравад. Татбиқи ин вазифаи муҳим маҳз ба соҳаи кишоварзии мамлакат рост меояд ва ҳамзамон дар баробари таъмини маҳсулоти озуқаворӣ дар сохтори истеҳсолоти маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нақши калидӣ дорад.

Таъмини бехарии озуқавории ҳар як кишвар вазифаи муҳимтарини давлат маҳсуб меёбад, ки онро тавассути таҳияи барномаҳои гуногунсатҳ ҷиҳатипешгирии таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ амал менамояд [4,96].

Проблемаи умумиҷаҳонии озуқавориро ҳамчун яке аз проблемаҳои асосии ҳалнашудаи асрҳои XX ва XXI ном мебаранд. Дар 50 соли охир дар истеҳсоли озуқаворӣ инқилоби ҷиддӣ ба вуҷуд омадааст – шумораи одамони гурусна ва аз ҷиҳати озуқаворӣ танқисӣ кашанда қариб ду маротиба кам карда шудааст. Дар баробари ин як қисми дигари аҳолии кураи замин то ҳол аз норасоии маводи хӯрока азоб мекашанд. Вазъияти хатарноки иқтисодӣ дар якҷоягӣ бо идомаёбии номӯътадилии нархҳо ба озуқаворӣ маънои онро дорад, ки барои аҳолии камбизоат бӯҳрони озуқаворӣ ба охир нарасидааст. Илова ба ин пайдо шудани бемории сироятии коронавирус ё COVID-19 сабаби шиддат ёфтани норасоии хӯрока ва доруворӣ барои табақаҳои камбизоат дар тамоми мамлакатҳо гардид. Камбизоатӣ ва бо озуқаворӣ таъмин набудан бо ҳам зич алоқаманданд. Бо озуқаворӣ ва бо хӯрок таъмин набудан ба таври зерин маънидод карда мешаванд: «Одамон аз захираҳои кофии озуқаи бехавф ва серғизо, ки инкишофи мӯътадил, ҳаёти фаъол ва солимро таъмин менамояд, доимӣ ва мӯътадил баҳраманд нестанд» [10].

Ин вазъият дар натиҷаи андозаи кофӣ мавҷуд набудани озуқаворӣ, нокифоя будани қобилияти харидорӣ, тақсимоти нобаробар ё дар хонавона нобаробар ва ғайриқаноатбахш истеъмол шудани озуқаворӣ рӯй додан мумкин аст. Бо озуқаворӣ таъмин набудан, чандон баланд набудани сатҳи тандурустӣ ва беҳдошт, таҷрибаи нодурусти нигоҳубин ва хӯрондан сабабҳои асосии сатҳи бади таъминот буда метавонанд.

Дар ҳолати зиёд будани ҳаҷми воридоти озуқаворӣ дар шароити баландшавии қурби асъори хориҷӣ вазъият метавонад вазнинтар гардад, чунки дар ҳолати баландшавии нархи озуқаворӣи воридшаванда дастрасии он аз тарафи табақаҳои камбизоати аҳолӣ бадтар мегардад. Ғайр аз ин

бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ ва иқтисодӣ низ бевосита таъсири худро ба таъминоти озуқаврии мамлакат мерасонанд.

Нишондиҳандаи умумии таъмини амнияти озуқаворӣ барои ҳамаи мамлакатҳо ин муайян намудани динамикаи солонаи истеҳсоли ғалла ба ҳар сари аҳолӣ мебошад. Аз ин рӯ ФАО (ташкилоти умумиҷаҳонии озуқаворӣ ва кишоварзии СММ) ба сифати нишондиҳандаи аз ҳама асосии амнияти озуқаворӣ ҳаҷми захираи ғалларо дар таносуб бо ҳаҷми истеъмоли солонаи он пешниҳод мекунад, ки дар ҷаҳон аз 17% то 20% -ро ташкил медиҳад (дар баъзе солҳо вобаста ба шароитҳои фавкулоддаи мамлакатҳо то 16% паст ҳам мешавад). Аммо ҳаҷми захира бояд ҳолати умумии озуқаворӣ, истеъмол ва дастрасии қисми асосии истеъмолкунандагони мамлакатро дарназар дошта бошад. Аз ин лиҳоз дар таҳлили масоили амнияти озуқаворӣ чунин мафҳумҳоро истифода мебаранд:

- истиқлолияти озуқаворӣ - ин иқтидори соҳаи аграрии иқтисодиёти миллӣ дар истеҳсоли маводи асосии хӯрокворӣ дар ҳаҷми барои мамлакат зарурӣ;

- вобастагии озуқаворӣ - ин дар ҳолати паст будани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти хурокворӣ дар соҳаи кишоварзии иқтисодиёти миллӣ аз маҳсулоти воридотӣ вобаста шудани мамлакатро дар назар дорад.

Дар ин маврид афзоиши истеҳсолоти аграрӣ метавонад ба чунин масъалаҳои вазнини иқтисодӣ дучор гардад, ки яке қобилияти пасти харидории аҳолӣ ва дигаре бошад маҳдудияти инфрасохтори соҳаи аграрӣ дар масъалаи то истеъмолкунанда расонидани маҳсулот аст. Хусусияти махсуси таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҷаҳон аз он иборат аст, ки дар гурӯҳи давлатҳои тараққикардаи иқтисодии ҷаҳон аз барзиёд истеъмолкунии маҳсулоти ғизоӣ одамон вазни зиёд гирифта,дучори касалиҳои вазнин мегарданд, аммо дар гурӯҳи давлатҳои рӯ ба инкишоф ва дар давраи гузариш қарордошта одамон танқисии маҳсулоти ғизоиро бевосита ҳис карда, аз норасоии он ба касалиҳои сироятӣ,камхунӣ (махсусан занони қобилияти таваллуддошта) бештар гирифтор гардида, то ба ҳалокат расида истодаанд. Мувофиқи нишондодҳои ФАО (ташкилоти умумиҷаҳонии озуқаворӣ ва кишоварзии СММ) меъёри манфиати якшабонарӯзаи ҳар як одам аз истеъмоли маводи ғизоӣ бояд аз 2000 то 2500 ккал. бошад. Аммо дар гурӯҳи аввали давлатҳои номбаркардашуда (мутараққӣ) ин рақамҳо то ду маротиба зиёд буда, дар гурӯҳи дуюми давлатҳо бошад (рӯ ба инкишоф ва дар давраи гузариш қарордошта) рақамҳои дар боло зикршуда, ҳамагӣ аз 1000 то 1800 ккал-ро ташкил медиҳад, ки ин аллакай нишондиҳандаи норасоии озуқа ва коста будани таркиби он (камбудии сафедаҳо,равғанҳо ва витаминҳои барои ҳаёти одамон зарурӣ) мебошад.

Бо дарназардошти ин омилҳо ҳадафи асосии Барномаи амнияти озуқаворӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2010 қабул гардид, аз афзоиши маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ ва баландбардории ҳосилнокии меҳнат иборат буда, барои ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ва афзалиятҳои Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нигаронида шуда, дар ин замина бахри паст кардани сатҳи камбизоатӣ имконият фароҳам оварадааст.

Буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ ҳар давлатро водор менамояд, ки барои мунтазам рушд ёфтани иқтисодиёти кишвараш принсипҳои умумиэътирофгардидаро ба роҳбарӣ гирифта, консепсияву стратегияҳои тараққиёти иқтисодиёти миллӣ ва иҷтимоии давлати худро коркард ва фаъолияти идоракуниро вобаста ба он роҳандозӣ намояд [2].

Барои таҳлили таъмини амнияти озуқаворӣ интихоб ва асоснок намудани нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеъмоли молҳои озуқаворӣ зарур аст. Нишондиҳандаҳои истемоли маводи озуқа бо истифода аз ченаки воҳиди маҳсулот ба сари аҳолӣ ҳисоб карда мешавад (асосан дар як сол). Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 10-11 гурӯҳи маводи озуқаро ба сари аҳолӣ ба муддати 1 сол (1 моҳ) ҳисоб мекунанд: гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, шир ва маҳсулоти ширӣ, тухм, шакар, маҳсулоти нонӣ, картошка, сабзавоту полезиҳо, мевагиҳо, буттамева ва ангур, равғани растанӣ ва ғайра.

**Ҷадвали 1**

**Истеъмоли маводи озуқа ба сари аҳолӣ (кг, дар 1 моҳ)**

| | Соли 2018 | Соли 2019 |
|---|---|---|
| Маҳсулоти нонӣ (бо назардошти | 13,78 | 13,22 |
| Картошка | 3,87 | 3,53 |
| Сабзавот ва полезиҳо | 6,5 | 6,9 |
| Мевагиҳо ва буттамева | 3,22 | 2,77 |
| Шакар ва маҳсулоти қаннодӣ | 1,41 | 1,29 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 1,18 | 1,09 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 5,04 | 5,32 |
| Тухм | 7 | 8 |
| Равғани растанӣ | 1,52 | 1,46 |
| Моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ | 0,04 | 0,04 |

**Сарчашма: Агентии омори назди Президенти ҶТ // Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №1 – 2020. – С.21**

Тавре, ки аз ҷадвали 1 маълум мегардад, танҳо нишондиҳандаи истъмоли маҳсулоти нонӣ ва картошка ба сари аҳолӣ аз меъёри муайян гардида зиёд буда, аз рӯи нишондиҳандаҳои дигари маҳсулоти истеъмолӣ бошад камчинӣ ба назар мерасад. Дар соли 2019 истеъмоли маҳсулоти нонӣ

дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ аз меъёр 17,0% зиёд буд. Новобаста аз афзоиши меъёри баъзе аз намудҳои маводи озуқа, ҳоло ҳам тағйиротҳо ё ин ки норасоиҳо ба ҳисоби маротиба вуҷуд дорад: гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ - 3,5 маротиба; шир ва маҳсулоти ширӣ -3,1 маротиба ; тухм - 2,1 маротиба; картошка- 1,3 маротиба; сабзавот ва полезиҳо -2 маротиба; мевагиҳо, буттамева ва ангур - 2,3 маротиба.

Вазъияти баамаломада, норасоии маводи озуқаро дар мамлакат нишон медиҳад. Бинобар он барои ҳалли саривақтии масоили вобастагии аҳолии ҷумҳурӣ аз маводи озуқаворӣи воридотӣ, тақсимоти боадолати ин мавод ва истеҳсоли маҳсулоти равияи содиротидошта чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст, ки дар СМР- 2030 чунин вазифагузорӣ карда шудааст: «таъмини дастрасии иқтисодӣ ва физикии озуқа дар асоси афзоиши устувори бахши агросаноатӣ, диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани навовариҳо, бо дарназардошти таъсири ҳадди ақал ба муҳити зист ва сифати заминҳо, таҳияи чорабиниҳо оид ба иваз намудани моддаҳои кимиёвии хатарнок ба моддаҳои кимиёии алтернативӣ, дорои хатари камтар баланд бардоштани ҷолибияти соҳа, бахусус барои хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҳисоби ташаккул ва таҳким додани занҷирҳои арзиши иловашуда, ташкили низоми самараноки идоракунии хавфҳо ва мониторинги амнияти озуқаворӣ ва ғизои мукаммал (дастгирии истеҳсолот ва воридоти маҳсулоти ҳаётан муҳими озуқаворӣ, ташкили низоми мониторинги ғизохурӣ, огоҳкунии бармаҳал, захираҳо), пешбурди низоми самарабахши равиши бисёрсоҳагӣ ба беҳтар намудани ғизохурии мукаммал тавассути ҳамоҳангсозии сиёсат дар соҳаи кишоварзӣ, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, баланд бардоштани огоҳӣ дар бораи арзишҳои ғизо ва сиёсати самараноки маблағгузории онҳо, фаъолияти устувори системаи нигоҳдорӣ, истифодаи инфрасохтори обёрӣ ва заҳбуру заҳкашӣ ба сифати замина барои фаъолияти устувори кишоварзӣ обёришаванда ва таъмини амнияти озуқаворӣ, шуғли аҳолӣ дар деҳот ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҷойҳо, мукаммалгардонии бозори маҳсулоти кишоварзӣ ҷиҳати дастрасии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба он» [8, 17] , ки иҷроиши онҳо вақти муайянро талаб мекунанд.

Маълум аст, ки мавҷудияти маҳсулот дар бозори дохилии ҷумҳурӣ вазъи иқтисодӣ ва суботи иҷтимоии ҷамъият ва дар маҷмӯъ амнияти озуқавориро дар якҷоягӣ муайян месозад. Дар шароити ҳозира амнияти озуқаворӣи мамлакатро аз ҳар ҷиҳат рушди самаранок ва устувори соҳаи кишоварзӣ муайян месозад.

Падидае, ки солҳои охир боиси ташвиши ҷомеа гардидааст- ин маҳсулоти аз ҷиҳати генетикӣ такмилдодошуда ё ин ки «ГМО» аст. Олимон баҳри ба шароитҳои гуногуни иқлим ва ҳашаротҳои ҳархелаи зараррасон

тобовар гаштани маҳсулоти озуқаворӣ ба таркиби онҳо организмҳои аз ҷиҳати генетикӣ такмилдодошударо ворид менамоянд. Дар натиҷа ҳосилнокии ин гуна маҳсулот зиёд гашта, он ба ҳамагуна шароити барояш манфӣ тобовар мешавад. Аммо истеъмоли ҳамин гуна маҳсулотҳо одамонро ба касалиҳои хатарнок, аз ҷумлаи саратон ва тавлиди кӯдакони нуқсонҳои гуногундошта дучор гардонида истодааст. Тавре, ки дар СМР барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст: «Беҳтар намудани вазъи истеъмоли ғизо дар байни аҳолӣ ҳамчун мушкилӣ боқӣ мемонад. Норасоии ғизо ҳанӯз дар байни 26%-и аҳолӣ ба назар мерасад, гипотрофия бошад дар байни 10%-и кӯдакони то синни 5- сола мушоҳида мешавад. Аксари занҳо ва кӯдакон низ аз норасоии микроэлементҳо азият мекашанд ва ин дар сатҳи баланди камхунӣ ва йод инъикос меёбад. Норасоии ғизо дар Тоҷикистон аз нуқтаи назари иқтисодӣ ҷой дошта, аз рӯи ҳисобҳо аз сабаби аз даст додани қобилияти корӣ ва маҳсулнокӣ ҳамасола 41,0 млн. доллари ИМА–ро ташкил медиҳад« [8, 9].

Дар Стратегияи миллии рушд самтҳои асосии ислоҳоти аграрӣ муайян шуда, принсипҳои умумии дастгирии давлатӣ ва тағйироти институтсионалӣ муайян карда шудаанд. Махсусан, таҳлили дастрасӣ ва саҳм дар таъмини фаровони маҳсулоти озуқа, сифат ва бехатарии он дар асоси гузариш ба дараҷаи баланди индустриякунонӣ ва рушди босуботи бахши аграрӣ, дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар асоси ислоҳоти онро ташкил медиҳанд. Дар стратегияи бехатарии озуқаворӣ роҳҳои бартараф намудани механизми сусти дастгирии давлатии молиявии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ва монеаҳои муттаҳидсозии қитъаҳои замин, ки барои сармоягузорӣ дар бунёди корхонаҳои азими кишоварзӣ мушкилӣ эҷод мекунанд, бояд муайян карда шавад. Ба ибораи дигар бо мақсади беҳтар гардонидани фазои соҳибкории хурду миёна, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо татбиқи стратегияи бехатарии озуқаворӣ як силсила тадбирҳоро дар самти беҳтар намудани имкониятҳои дастрасии қарзҳои хурд ба соҳибкорону тоҷирон ва дигар масъалаҳои вобаста ба инкишофи соҳибкорӣ ба анҷом мерасонад [2].

Вобаста ба шароити иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, соҳаҳои афзалиятноке мавҷуд мебошанд, ки давлат кушиш ба харҷ медиҳад, то суръати пешравии онҳо афзоиш ёбад, ба монанди соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, саноати сабук, аз он ҷумла коркарди пахта ва ғайра [5, 15-23].

Азбаски вобастагии иқтисодиёти кишвар аз воридоти маҳсулоти озуқа, таҷҳизот, сӯзишвории органикӣ, чӯбу тахта ва ғайра назаррас аст, бояд ба ин масъала низ диққат дода шавад. Пайваста ба иқдомҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти истифодаи оби ошомиданӣ ва умуман об, ҳамчун

таъминкунандаи рушди устувор дар стратегияи бехатарии озуқаворӣ бояд ба проблемаҳои таҳдидҳои назаррас барои рушди комплекси агросаноатӣ дар робита бо тағйирёбии глобалии иқлим дар оянда назар карда шавад. Дар ин ҳолат стратегия дар арсаи байналмилалӣ эътироф мегардад ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ аз ҷониби шарикони рушд пайдо мекунад.

Муқоисаи меъёрҳои истеъмоли хӯрок ҳоло ҳам дараҷаи пасти сифати истеъмоли аҳолии ҷумҳуриро нишон медиҳад. Дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бехатарии озуқаворӣ воҳиди сохтории бехатарии иқтисодӣ буда, таъмини он пурра аз сиёсати давлатӣ дар комплекси агросаноатӣ, иҷрои стратегияҳои маҷуда, аз ҷумла воридотивазкунӣ ва инчунин масоили институтсионалӣ вобаста мебошад. Роҳҳои баҳо додани бехатарии озуқаворӣи дар замони ҳозира дар сатҳи минтақавӣ гузаронидашаванда, барои баҳодиҳии вазъият имкон надода, аз рӯйи баҳодиҳии касбӣ асос наёфтаанд. Барои такмил додани усулҳои муайянсозии бехатарии озуқаворӣ истифодаи нишондиҳандаҳои бо истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ алоқаманд мусоидат менамоянд [7,7]. Татбиқи стратегияи бехатарии озуқаворӣ бевосита барои ҷомеа манфиатовар буда, ба солимии он бетаъсир буда наметавонад, чунки солҳои охир паҳншавии камғизоии музмин (қадпастӣ ва лоғарӣ), инчунин норасоии микроэлементҳо дар байни аҳолӣ, бахусус дар байни кӯдакон ва занони қобили таваллуд кам мегардад. Стратегияи бехатарии озуқаворӣ ба масъалаи дастрасӣ ба манбаъҳои иттилоот дар соҳаи истеъмоли дурусти ғизо, истифодаи маҳсулоти ғанигардонидашудаи хӯрока ба монанди намаки йоднокшуда ва дигар маҳсулотҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза алоқаманд буда, баҳри дигаргун сохтани фарҳанги истеъмоли ғизо ва таъмини гуногуннамудии он дар ҷомеа бояд таъсиргузор бошад.

Аз ин лиҳоз, ҷиҳати таъмини пурраи амнияти озуқаворӣ ва инчунин дастрасии ғизо

Ба андешаи мо барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии ғизои хушсифат ба аҳолӣ дар мамлакат ҳалли масъалаҳои зерин қобили қабул аст:

- бунёд намудани корхонаҳои коркарду нигоҳдории меваю сабзавот дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ;
- бунёди комплексҳои ҳозиразамони технологӣ ва дар ин замина бунёд намудани заводҳои хурду миёнаи истеҳсоли маҳсулотҳои ширию гӯштӣ;
- таъмини рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда дар ҷумҳурӣ;
- ташкили ниҳоди махсуси санҷишӣ, муҷаҳҳаз бо технологияи муосир оиди муайян намудани сифати маҳсулоти озуқаворӣ;

• ҷалби сармояи хориҷӣ ва тарҳрезии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи аграрӣ (хусусан истеҳсоли маводи озуқаворӣ дар кишвар).

Дар маҷмӯъ, механизмҳо ва роҳҳои гуногуне, ки баҳри рафъи норасоии озуқа ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар стратегия ва барномаҳои давлатӣ равона шудаанд, имкон медиҳанд, ки дар солҳои наздик масъалаи мазкур дар саросари кишвар ҳалли худро ёбад.

## АДАБИЁТ


1. Агентии омори назди Президенти ҶТ // Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №1–2020. – С. 20-21
2. Мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорон ва сармоягузорон 14.10.2017 [маводи электронӣ]. URL: http: // www.president.tj/ru/node/16392
3. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26.12.2019 [манбаи электронӣ]. URL: http: // www.president.tj/ru/node/16772
4. Алиев О.А., Тағоев Б.Д. Ҷанбаъҳои илмӣ-назариявии бехатарии озуқаворӣ: фарзияҳо ва давраҳои ташаккул. Тоҷикистон: иқтисод ва идора. Маҷаллаи илмии Донишгоҳои миллии Тоҷикистон. 2020№2, Душанбе 2020, - С. 96.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, №643, 18 05 2009 с., Душанбе 2016с. саҳ. 6-9.
6. Солехзода А.А. Факторы, влияющие на уровень продовольственной безопасности / А.А.Солехзода, И.С.Фасихов // Научные исследования: Ключевые проблемы III тысячелетия (Россия, Москва). - 8 (9). – 2016. - С.15-23.
7. Тоҷикистон: 25 соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Омори солона) 2016. – 238-245 саҳ.
8. Солиев А.А. Кластерный принцип организации мониторинга и прогнозирования продовольственного рынка страны и ее регионов [Текст] / А.А. Солиев, И.С. Фасихов // Вестн. Тадж. нац. ун-та. – Душанбе, 2014. – № 2/8. – С. 3-7.
9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Саҳ.17-19
10. Экономическая безопасность России: Общий курс: Учебник / Под ред. В.К. Сенчагова. 2-е изд. - М.: Дело, 2005.- 896 с.
11. [Захираи электронӣ]. http://www.fao.org/fileadmin/templates
12. [Захираиэлектронӣ].www.faostat.org,/Food-Security-Statistics@FAO.org
13. http: www. worldbank.org.

# ОБЕСПЕЧЕНИЕ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ НА ОСНОВЕ РЕАЛИЗАЦИИ ЗАДАЧ НАЦИОНАЛЬНОЙ СТРАТЕГИИ РАЗВИТИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА ПЕРИОД ДО 2030 ГОДА

**САИДМУРОДОВА МАЛИКА АБДУВАҲОБОВНА**

кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики Таджикского национального университета, 7340025, Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки 17, тел.: (+992) 918-62-68-95, E-mail: malika-63-63@mail.ru

*Статья посвящена вопросам обеспечения продовольственной безопасности Республики Таджикистан. Используя различные научные источники, автором сделана попытка показать продовольственную безопасность и доступ к качественным продуктам питания одной из важнейших задач национальной экономики в условиях рыночных отношений. Развитие аграрного сектора поможет обеспечить население страны продуктами питания за счет увеличения сельскохозяйственного производства, повышения доходов и обеспечения занятости. Предлагается разработать и реализовать Стратегию продовольственной безопасности в стране (например, до 2030 года), чтобы определить цели и задачи в соответствии с общими принципами и прояснить пути их достижения. Аналитические результаты автора дают возможность оценить текущее состояние продовольственной безопасности в Республике Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *сельское хозяйство, продовольственная безопасность, продовольственная доступность, физиологические нормы, голод, повышение доходов и обеспечение занятости.*

# ENSURING FOOD SECURITY BASED ON IMPLEMENTING THE TASKS OF THE NATIONAL DEVELOPMENT STRATEGY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN FOR THE PERIOD UP TO 2030

**SAIDMURODOVA MALIKA ABDUVAHOBOVNA**

candidate of economic sciences, associate professor of the department of world economy, Tajik National University, 7340025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17, tel.: (+992) 918-62-68-95, E-mail: malika-63-63 @ mail. ru

*The article is devoted to the issues of ensuring food security of the Republic of Tajikistan. Using various scientific sources, the author made an attempt to show food security and access to quality food as one of the most important tasks of the national economy in the conditions of market relations. The development of the agricultural sector will help provide the country's population with food by increasing agricultural production, increasing income and providing employment. t is proposed to develop and implement a Food Security Strategy in the country (for example, until 2030) in order to define goals and objectives in accordance with general principles and clarify ways to achieve them. The author's analytical results make it possible to assess the current state of food security in the Republic of Tajikistan.*

***Key words:*** *agriculture, food security, food availability, physiological norms, hunger, increased income and employment.*

338.2 (1-925.3)

# НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ РИСК-МЕНЕДЖМЕНТА В ЦЕНТРАЛЬНОАЗИАТСКИХ ГОСУДАРСТВАХ

**ДЖУМАКАНОВ РЫСБЕК ЧАНАЕВИЧ**

кандидат экономических наук, доцент, главный менеджер управления риск-менеджмента расчетно-сберегательная компания Банка Киргизской Республики, 720001 Республика Кыргызстан, г. Бишкек, тел.:(+996) 555783307, rysbekd@yandex.com.

*В научной статье рассматриваются некоторые аспекты риск-менеджмента как основной части корпоративного управления коммерческими банками. Обосновывается рост эффективности банковской системы на основе использования «культуры риска» как важный компонент корпоративного управления. Сгруппированы основные факторы развития финансово-кредитной организации для внедрения эффективного управления банковскими рисками на различных ступенях иерархии управления коммерческим банком. Раскрыто научное понятие риск-аппетит, которое характеризуется как краеугольный вопрос дальнейшего совершенствования системы риск-менеджмента. Также методически показан максимальный уровень рисков коммерческих банков в своей операционной деятельности. Выявлены дискуссионные вопросы культуры риска взаимоотношения банковской системы Среднеазиатских стран в условиях периодического роста банковского риска и появления непредвиденных финансовых явлений. С учетом современных финансовых и рыночных вызовов банковским системам Центральноазиатским государствам предлагаются разработки отдельных концепций управления экономическим капиталом, национальными регуляторами и внедрение данных концепций в национальную банковскую практику.*

***Ключевые слова:*** *банк, система, риск, Центральная Азия, финансы, факторы, культура риска, экономика, менеджмент, капитал, доход, рынок.*

Современная система риск-менеджмента является составной частью корпоративного управления, без которой немыслимо дальнейшее развитие субъектов хозяйствования, и, в том числе, коммерческие банки. Любой коммерческий банк, который ставит перед цель стать успешным, обязан иметь представление о характере и уровне основных банковских рисков, их значимость, о рисках, напрямую аффилированных с привлечением и размещением денежных ресурсов, по рискам своих крупных корпоративным заемщикам и возможность проводить оценку и мониторинг состояние национальной и мировой экономик с целью предупреждения кризисных явлений в экономике.

Данная постановка вопроса, требует осмысления и трезвого взгляда на существующие трудности дальнейшего развития риск-менеджмента, которое, на наш взгляд, в общем виде сводится к понятию «культура риска».

Вопрос «культура риска» с условностью можно разделить на два блока, положительное решение которых, в конечно счете, скажется на росте эффективности всей банковской системы. К данным блокам относятся:

- понятие «риск-аппетит» и корректное внедрение данного понятия в операционную деятельность банков;

- взаимоотношение и зависимость понятий «экономический капитал» и «риск-аппетит».

Риск-аппетит является краеугольным вопросом в дальнейшем совершенствовании системы риск-менеджмента. В общем виде риск-аппетит представляет собой максимальный уровень рисков, которое готов принять на себя коммерческий банк в своей операционной деятельности. Риск-аппетит выступает в 2-х ипостасях:

а) конкретный вид риск-аппетит, например, кредитный риск; и,

б) совокупный риск-аппетит, т.е. сумма всех риск-аппетитов значимых банковских рисков. Значимыми рисками считаются те банковские риски, которые в той или иной мере влияют на:

- доходность;
- капитал банка;
- качество активов.

Риск-аппетит имеет решающее значение при разработке банком стратегических и тактических целей развития. От корректно выбранной модели риск-аппетита зависит как получение доходов, так и убытки, другими словами, правильность выбранной модели риск-аппетита является решающим фактором доходности/банкротства кредитной организации.

Другим немало важным фактором, в успешном развитии финансово-кредитной организации, является наличие реальной системы контроллинга за рисками. Данная система необходима для осуществления эффективного управления банковскими рисками на различных ступенях иерархии управления коммерческим банком. Данное утверждение очень важно для небольших и средних финансово-кредитных организаций, т.к. менеджмент таких банков всегда готов идти на повышенный риск из-за перспективы получения дополнительной прибыли.

Понятие «риск-аппетит» является итогом так называемого Базеля-IV. В 2014 году Базельский Комитет по банковскому надзору опубликовал документ «Базель IV: пересмотренный стандартизированный подход к рыночному риску». В данных рекомендациях сделаны акценты на таких понятиях – риск, управление риском, риско-ориентированный надзор. Основным нововведением Базеля IV является рекомендации по повышению

значимости чувствительности к риску. Результатом такого направления в отношении кредитного, рыночного и операционного рисков была предложена новая концепция по управлению указанными рисками.

В теории риск-аппетита имеются некоторые разночтения, так, например, ведущие российские банки – ВТБ и Сбербанк трактуют риск-аппетит по-разному. ВТБ трактует риск-аппетит как совокупность количественных и качественных показателей, определяющая целевой агрегированный уровень/профиль рисков, которое группа ВТБ способна и/или желает принять…Сбербанк – система показателей, характеризующий максимальный уровень риска, который Группа в целом, Банка…. готовы принять [1]

В Центральноазиатских государствах трактовка понятия «риск-аппетит» взяты из определения Базеля IV – как максимальный допустимый уровень рисков, который готов принять на себя банк для достижения определенного уровня доходности в рамках стратегии и бизнес-плана. Как нам представляется, в данном определении не до конца использован потенциал риск-аппетит для целей развития общества.

Уровень доходности является краеугольным камнем в деятельности любой финансово-кредитной организации, основным мерилом эффективности его деятельности. Акционеры всегда дают оценку менеджменту банка по уровню доходности, которую получил банк в своей операционной деятельности. Однако, с точки зрения, полезности для общества, такой подход, по нашему мнению, недостаточно полный и реально отражающий в полезности для общества в целом. Так как «уровень доходности» в рамках отдельного банка представляет интерес только для акционеров данного банка, а не общества в целом. Нам представляется, что корректнее было бы следующее определение «риск-аппетита» – максимально допустимый уровень рисков, который готов принять на себя банк в процессе создания новой стоимости. Именно новая стоимость представляет интерес для общества в целом, т.к. новая стоимость – это не что иное как новые возможности общества – пополнение госбюджета, создание новых рабочих мест и т.д. Такой подход, по нашему мнению, более содержательно отражает значимость понятия риск-аппетит как интерес для общества в целом, а не местечковые интересы акционеров коммерческого банка.

Таким образом, как нам представляется, определение «риск-аппетит» можно трактовать в следующей редакции: риск-аппетит – это максимально допустимый уровень рисков, который готов принять на себя банк в процессе создания новой стоимости.

Другой немаловажной проблемой является методическое обеспечение для расчета «совокупного риск-аппетита». Национальный банк Кыргызской Республики требует от коммерческих банков иметь у себя локальный нормативно-правовой акт касательно риск-аппетита, в т.ч. с расчетами совокупного риск-аппетита, а сам механизм расчета не указан [2]

При расчете совокупного риск-аппетита в том виде, которое требует регулятор, нарушается принцип МСФО № 1 – сопоставимость. Так, базой для расчета коэффициентов ликвидности регулятор указывает на то что в знаменателе должно быть указаны краткосрочные обязательства банка, а при расчете кредитного риска «взвешенные активы по степени риска», при расчетах рыночного риска в качестве знаменателя берется регулятивный капитал банка (ЧСК – чистый суммарный капитал). Как видно разброс большой, и, сам расчет совокупного риск-аппетита – как сумма всех риск-аппетитов значимых рисков, если следовать логике регулятора будет не корректным.

На наш взгляд, можно было бы предложить в качестве единой базы для расчета совокупного риск-аппетита – показатель совокупные активы банка. Другими словами, данный показатель, позволит на уровне любого коммерческого банка, и на макроуровне рассчитывать совокупные риск-аппетиты, а также, конкретные риск-аппетиты значимых рисков. Например, расчет кредитного риска на уровне банка и на макроуровне брать не средневзвешенные активы по степени риска (это принцип был предложен Базель I), а кредитный (банковский) портфель в целом к совокупным активам. Такой расчет показывает главное в кредитном риске – это качество выданных кредитов, т.к. банковский портфель в балансе банка показывается в гросс-позиции, т.е. выданные кредиты с учетом созданных банком провизий. А последнее – это есть не что иное, как *качество* выданных кредитов.

Аналогично и по риск-аппетиту риска ликвидности, рыночного риска и операционного риска.

Дискуссионным, по нашему мнению, является вопрос взаимоотношения и зависимость между понятиями «экономический капитал» и «риск-аппетит». В банковской и около банковской среде бытует мнение, что экономический капитал и риск-аппетит – это одни и те же понятия.

Попробуем разобраться в этом вопросе. Корни экономического капитала тянутся из предтечи Базеля II – в 1996 году Базельский Комитет по банковскому надзору принял документ «Поправки к рыночному риску», который далее целиком перешел в Базель II. Суть экономического капитала сводится к тому, что коммерческий банк должен иметь в своем

распоряжении некие фонды (резервы), для покрытия ожидаемых и *не ожидаемых* расходов, которые могут возникнуть у банка в ходе его операционной деятельности. То есть, экономический капитал – это сумма ожидаемых и не ожидаемых расходов банка. Далее, концепция экономического капитала легла в основу разработки одного из прогрессивных методов управления рисками на современном этапе развития банковской системы в глобальном масштабе – это VaR (от англ. Value at Risk – стоимость под риском).

Риск-аппетит, как указывалось выше, – это максимально допустимый уровень рисков, который готов принять на себя банк в процессе создания новой стоимости.

Не составляет особого труда обратить внимание на то, что, по сути, риск-аппетит затрагивает лишь *часть* экономического капитала – это ожидаемые затраты банка. Другими словами, понятие «экономический капитал» шире и глубже, нежели понятие «риск-аппетит».

На современном этапе развития банковских систем Центральноазиатских государств, остро назрел вопрос разработки собственных концепций управления экономическим капиталом национальными регуляторами и внедрения данных концепций в национальную банковскую практику.

Кратко резюмируя, все вышеизложенное, можно отметить, что требует безотлагательного решения два момента, которые являются краеугольным камнем понятия «культура риска», это:

- это отработка методических вопросов расчетов риск-аппетита – как совокупного, так и конкретного риск-аппетита;

- разработка и внедрение в операционную деятельность банков концепции «экономического капитала».

Решив эти два блока, тогда можно с уверенностью утверждать, что «культура риска» в Центральноазиатском регионе поднимется на качественно новый уровень.

Все вышеперечисленное по «культуре риска» охватывает так называемую «внешнюю оболочку культуры риска». К сожалению, из-за количественных ограничений размеров статьи, не был затронута, «внутренняя оболочка культуры риска» – это взаимоотношения, возникающие при управлении рисками по всей цепочке, начиная от сотрудников, кончая, высшим руководством банка.

# ЛИТЕРАТУРА


1. Андронов А.Л. Проблемы оценки кредитоспособности корпоративных заемщиков // Международный академический вестник. – 2017. – № 2 (20). – С. 73-75. – Электрон. копия доступна на сайте Науч. электрон. б-ки eLibrary. URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=32581431 (дата обращения: 27.05.2021). – Доступ после регистрации.

2. Киреева Ю.Г. Проблемы оценки кредитоспособности корпоративных заемщиков банка // Концепции фундаментальных и прикладных научных исследований : сб. ст. Междунар. науч.-практ. конф. – Уфа, 2018. – С. 57-58.

3. Кондратьев Р.Ю. Развитие учетно-аналитического обеспечения оценки кредитоспособности корпоративного заемщика в коммерческих банках: дис. … канд. экон. наук / Кондратьев Р.Ю. – Воронеж, 2019. – 250 с. – Электрон. копия доступна на науч.-информ. портале ВГУ. URL: http://www.science.vsu.ru/dissertations/7798/Диссертация_Кондратьев_Р.Ю..pdf (дата обращения: 27.05.2021).

4. Конкина С.В. Оценка качества корпоративных заемщиков // Вестник современных исследований. – 2018. – № 10.4 (25). – С. 85-88. – Электрон. копия доступна на сайте Науч. электрон. б-ки eLibrary. URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=36311135 (дата обращения: 27.05.2021). – Доступ после регистрации.

5. Лишик Т.И. Оценка кредитоспособности корпоративных заемщиков в банковской деятельности // Форум молодых ученых. – 2018. – № 12-3 (28). – С. 60-63. – Электрон. копия доступна на сайте Науч. электрон. б-ки eLibrary. URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=38186391 (дата обращения: 27.05.2021). – Доступ после регистрации.

6. Макаров В.Ю. Уточнение требований к оценке кредитоспособности заемщиков // Известия Саратовского университета. Новая серия. Серия: Экономика. Управление. Право. – 2017. – Т. 17, № 1. – С. 76-80. – Электрон. копия доступна на сайте Науч. электрон. б-ки КиберЛенинка. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/utochnenie-trebovaniy-k-otsenke-kreditosposobnosti-zaemschikov/viewer (дата обращения: 27.05.2021).

7. Носова Т.П. Теоретические подходы к построению модели оценки кредитоспособности корпоративных заемщиков / Т.П. Носова, В.А. Рябцева, М.Н. Макитрук // Научные преобразования в эпоху глобализации: сб. ст. междунар. науч.-практ. конф. – Уфа, 2017. – С. 288-290. – Электрон. копия сборника доступна на сайте Науч. электрон. б-ки eLibrary. URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=29089858&selid=29089948 (дата обращения: 27.05.2021).

8. Пашковская И.В., Хотин А.В. Значимость риск-аппетита в разработке стратегии управления коммерческим банком. Журнал Economics: Yesterday, Today and Tomorrow, 2020, Vol.10, Is.3A.

9. Положение НБКР «О минимальных требованиях по управлению рисками в банках КР», № 2017-П-12/25-8- (НПА), от 15.06.2017.

10. Сидорова О.Е. Прикладные подходы к анализу кредитоспособности корпоративных заемщиков коммерческого банка // Новая экономика: институты, инструменты, тренды: материалы всерос. науч.-практ. конф. – Орёл, 2019. – С. 148-155. – Электрон. копия доступна на сайте Науч. электрон. б-ки eLibrary.

URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=42381569 (дата обращения: 27.05.2021). – Доступ после регистрации.
11. Сызоненко И.С. Развитие методов оценки кредитоспособности корпоративных заемщиков в коммерческом банке // Хроноэкономика. – 2017. – № 6 (8). – С. 91-94. – Электрон. копия доступна на сайте Науч. электрон. б-ки КиберЛенинка. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/razvitie-metodov-otsenki-kreditosposobnosti-korporativnyh-zaemschikov-v-kommercheskom-banke/viewer (дата обращения: 27.05.2021).
12. Цветков В.В. Проблемы оценки кредитоспособности корпоративных заемщиков // Инвестиционное и кадровое обеспечение инновационного воспроизводства на территориях: динамика, проблемы и перспективы : материалы III Всерос. науч.-практ. конф. с междунар. участием. – Владимир, 2018. – С. 102-105. – Электрон. копия сборника доступна на сайте ВГУ им. Столетовых. URL: http://eif.vlsu.ru/upload/files/сборник%202018.pdf page=102 (дата обращения: 27.05.2021).

## БАЪЗЕ ҶАНБАЪҲОИ ТАВАККАЛ-МЕНЕҶМЕНТ ДАР МАМЛАКАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАРЗӢ

**ДЖУМАКАНОВ РЫСБЕК ЧАНАЕВИЧ**

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, менеҷери калони идоракунии таваккал-менеҷменти ширкати амонатӣ-ҳисобии Бонки Ҷумҳурии Қирғизистон, 720001 Ҷумҳурии Қирғизистон, ш. Бишкек, тел.:(+996) 555783307, E-mail: rysbekd@yandex.com.

*Дар мақолаи илмӣ баъзе ҷанбаъҳои таваккал-менеҷмент ҳамчун қисми асосии идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратӣ баррасӣ гардидааст. Афзоиши самаранокии низоми бонкӣ дар асоси истифодабарии «фарҳангӣ-таваккал» ҳамчун ҷазъи таркибии идоракунии корпоративӣ асоснок карда шудааст. Омилҳои асоси рушди ташкилотҳои молиявӣ-қарзӣ барои татбиқи идоракунии самаранокии идоракунии таваккали бонкӣ дар сатҳҳои гуногуни иерархияи идоракунии тиҷоратии бонк гурӯҳбандӣ карда шудааст. Мафҳуми илмии «таваккал-аппетит» кушода шуда, ҳамчун масъалаи доманадори такмили ояндаи низоми таваккал-менеҷмент тавсиф дода шуда шудааст. Инчунин сатҳи максималии таваккали бонкҳои тиҷоратӣ дар фаъолияти оперативии онҳо ба таври методӣ нишон дода шудааст. Масъалаҳои баҳсангези ҳамкориҳои низоми бонкии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шароити афзоиши даврагии таваккал ва падидаҳои молиявии ғайричашмдошт пайдошаванда ошкор карда шудааст. Бо назардошти чолишҳои молиявӣ ва бозории низоми бонкии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ таҳияи консепсияҳои алоҳидаи идоракунии сармояи иқтисодӣ бо таваҷӯҳ ба танзим ва татбиқкунии консепсияҳои миллӣ дар таҷрибаи бонкӣ пешниҳод карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *бонк, низом, таваккал, Осиёи Марказӣ, молия, омил, фарҳанги таваккал, иқтисодиёт, менеҷмент, сармоя, даромад, бозор.*

## SOME ASPECTS OF RISK MANAGEMENT IN CENTRAL ASIAN STATES

**DZHUMAKANOV RYSBEK CHANAEVICH**

candidate of economic sciences, associate professor, chief manager of the risk management department settlement and savings company of the bank of the Kyrgyz Republic, 720001 Republic of Kyrgyzstan, Bishkek, tel.: (+ 996) 555783307, E-mail: rysbekd@yandex.com.

*The scientific article examines some aspects of risk management as the main part of corporate governance in commercial banks. The increase in the efficiency of the banking system is substantiated on the basis of the use of "risk culture" as an important component of corporate governance. The main factors of development of a financial and credit organization for the implementation of effective management of banking risks at various levels of the hierarchy of management of a commercial bank are grouped. The scientific concept of risk appetite is disclosed, which is characterized as a cornerstone issue for further improvement of the risk management system. The maximum level of risks of commercial banks in their operating activities is also methodically shown. Discussion issues of the relationship between the banking system of the Central Asian countries in the context of periodic growth of banking risk and the emergence of unforeseen financial phenomena are revealed. Taking into account the modern financial and market challenges to the banking systems of the Central Asian states, it is proposed to develop separate concepts for the management of economic capital by national regulators and the introduction of these concepts into national banking practice.*

***Key words:*** *bank, system, risk, Central Asia, finance, factors, risk culture, economics, management, capital, income, market.*

**УДК:** 330.115

## МОҲИЯТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА РАВАНДҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛЁБИИ ОН

**АЛИМАРДОНОВ ТОҲИРҶОН АШУРАЛИЕВИЧ**

номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, маҳ. Буни Ҳисорак, тел.: (+992) 207-56-56-44, E-mail: Alimardonov.86@bk.ru.

**ҶОБИРОВ АБДУҶАББОР ҚАҲОРОВИЧ**

номзади илмҳои физика ва математика, дотсенти кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, маҳ. Буни Ҳисорак, тел.: (+992) 900013920, E-mail: Abdujabbor.1945@mail.ru.

*Дар мақола мафҳумҳои асосӣ оид ба иқтисоди рақамӣ оварда шудааст, кӣ ҳамчун омили асосии иқтисодӣ муайян карда шудааст. Дар баробари он моҳияти иқтисоди рақамиро кушода, маҷмӯи мафҳумҳо, принсипҳо, усулҳо ва усулҳои ба ҳам алоқаманд, танзими ҳуқуқиро, ки паҳлӯҳои гуногуни амалияи идоракуниро дар шароити муосир, ҳам дар сатҳи хизматрасониҳои давлатӣ ва ҳам дар сатҳи идоракунии тиҷорати электронӣ*

*амал менамояд бараси гардонида шудааст. Иқтисоди рақамӣ яке аз ҳадафҳои пешгирифта илмҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ин мафҳум моро водор месозад, ки мо барои баландбардории сатҳу сифати зисти аҳолии кишвар натиҷаҳои назаррасро ба даст орем. Иқтисоди рақамӣ барои рушди тамоми самтҳои иқтисодиёт алоқамандии натиҷаҳои назаррасро маънидод менамояд. Барои дар амал татбиқ намудан мо бояд ҳадафҳои имрӯзаро дар самтҳои иқтисодӣ ва техникӣ ба назар гирем. Рушди иқтисоди рақамӣ имкониятҳои зиёди инкишофи соҳаҳои хоҷагии халкро имкон медиҳад. Иқтисоди рақамӣ метавонад барои мақсадҳои рушд, инчунин барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, аз ҷумла бо он алоқамандандбуда истифода шавад. Муқаррароти асосӣ оид ба хусусиятҳои давлати рақамӣ, ташаккули намуди рақамии шаҳрванд ва ташкилот, ки барои таҳияи платформаи ягонаи давлатӣ ва платформаҳо барои расонидани хадамоти давлатӣ ва тиҷорӣ ба ташкилотҳо, инчунин масъалаҳои амнияти иттилоотӣ, бо назардошти натиҷаҳои тағйирот дар бозор дар нақлиёт, инчунин бо мақсади рушд усулҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ равона карда шудааст. Албата ин гуна имкониятҳо барои сифати кори истифодабаранда дараҷаи баланди инкишофро тасвир менамоянд. Ташаккули иқтисоди рақамӣ ҳамчун фаъолияти иқтисодӣ, ки ба истифодаи маълумот асос ёфтааст амалӣ гардонида мешавад. Рушди системаи хизматрасониҳои рақамӣ ба шахсони воқеӣ бо роҳи таъмини имконияти ирсол ва қабули ҳамаи намудҳои дархостҳо оварда мерасонад.*

***Калидвожаҳо:*** *технологияи информатсионӣ, иқтисоди рақамӣ, рушди иқтисод, технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ҳадафҳои рушди устувор, моделҳои кушода, ҳукумати электронӣ, сифати зисти аҳолӣ.*

Иттилоот моли махсусе мебошад, ки шакли маҳсулот ва хизматрасониҳоро дар бар мегирад. Дар иқтисоди рақамӣ, иттилоот, ки сарчашмаи арзишмандтарин аст, тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ташаккул, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркард мешавад. Мувофиқи таърифи Бонки Ҷаҳонӣ, иқтисоди рақамӣ системаи муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки ба истифодаи технологияҳои рақамӣ ва коммуникатсионӣ асос ёфтааст. Ба маънои умумӣ, иқтисоди рақамӣ бояд як навъи системаи иқтисодиро дар бар гирад, ки дар он қисми асосии маҳсулоти миллӣ бо фаъолиятҳое алоқаманд аст, ки ба тариқи истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ ва паҳнкунии иттилоот алоқаманданд. Вобаста ба самти иқтисод омилҳои муҳим бараси шуда истодааст. Имрӯзҳо, дар доираи академияҳо, дар байни намояндагони тиҷорат ва дар сатҳи ҳукумат, ибораи «иқтисоди рақамӣ» ҳарчи зудтар шунида мешавад. Дар акси ҳол, маъмулан онро иқтисоди навъи иттилоотӣ меноманд.

Ҷомеаи иттилоотӣ бояд ҳамчун марҳилаи рушди иҷтимоӣ фаҳмида шавад, ки дар он истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба соҳаҳои асосии ҳаёти инсон таъсири мусбӣ мерасонад, аз ҷумла:

1. иқтисод ва тиҷорат;
2. маориф ва тандурустӣ;
3. фарҳанг ва санъат;

4. хизматрасонии иҷтимоӣ;

5. идоракунии давлатӣ.

Татбиқи технологияҳои рақамӣ заминагузори сатҳи рушди иқтисодӣ ва дараҷаи омобошии сармояи инсонӣ мебошад. Дар ин ҷанбаъ таъмини суръати баланди афзоиши иқтисодӣ ва такмили низоми омоданамоии кадрҳо ва баландбардории дараҷаи тахассмандии захираҳои меҳнатӣ ҷузъи таркибии талаботи иқтисодиёти рақамӣ мебошад [11,71].

Ба таври оддӣ гӯем, ҷомеаи иттилоотӣ чунин аст, ки аксари онҳо бо равандҳои марбут ба истеҳсол, коркард, нигоҳдориву ва фурӯши иттилоот ва дониш машғуланд. Дар асл, онҳо марҳилаи навбатии рушди инсониятро ифода мекунад. Инқилоби рақамӣ, ки дар солҳои 1960 ҷаҳонро фаро гирифта буд ва то имрӯз идома дорад, асоси гузариш ба иқтисоди рақамӣ ин заминаи ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Дар натиҷа, паҳншавии технологияҳои рақамӣ на танҳо равандҳои иқтисодӣ, балки тавонист худи тарзи ҳаёти ҷомеаро тағйир диҳад. Имрӯз иқтисоди рақамӣ бештар хусусиятҳои иттилоотро ба даст меорад, ки он барои амалигардонии масъалаҳои тамоми соҳаҳо равона карда мешавад. Рушди ҷомеаи иттилоотӣ бо сохтани иқтисоди рақамӣ ва роботикунонии умумӣ зич алоқаманд аст, ки он ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ асос ёфтааст. Талаботҳои асосии ҷомеа ва тавсифи асосии онҳо инҳоянд:

1. тағир додани хусусияти кор (баланд бардоштани нақши кори эҷодии зеҳнӣ);

2. тағир додани хусусияти шуғл (кор дар масофаи дур, бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии муосир);

3. баланд бардоштани талаботи умумӣ ба сатҳи таҳсилот ва тахассуси касбӣ.

Имрӯз, дониш ва иттилоот, қобилияти муаррифии онҳо, коркард ва истифодаи онҳо пеш аз ҳама ба қадри кофӣ арзёбӣ мешаванд. Равандҳои бизнес торафт тавассути онлайн бештар мегарданд ва ин ба ҳама соҳаҳои ҷомеа дахл дорад. Имрӯз дар истилоҳот мушкилот вуҷуд дорад: масалан, Олег Седов, пешниҳод намуд, ки тақрибан 6 ҳазор таърифҳои «иқтисоди рақамӣ» мавҷуд аст. Ба гуфтаи Олег Седов, иқтисоди рақамӣ ба мавқеъ наздик аст, ки он як иқтисоди коҳишёфта дар асоси хароҷотҳои байниҳамдигарӣ мебошад, ки намунаи барҷастаи иттилооти имрӯза ба шумор меравад.

Иқтисоди рақамӣ бо ибораи оддӣ, истилоҳи коллективӣ барои ҳама равандҳои иқтисодӣ мебошад, ки бо истифодаи технологияҳои рақамӣ ва ҳисоббарорӣ (ТИК) дар асоси инфрасохтори интернет технологияи (IT) ва системаҳои коммуникатсионӣ ба вуҷуд меоянд. Иқтисоди рақамӣ фаъолияти эҷод, паҳн ва истифодаи технологияҳои рақамӣ барои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард, ҷустуҷӯ, интиқол, пешниҳоди маълумот дар шакли электронӣ ва хидматҳои марбута мебошад.

Пайдоиши иқтисоди рақамӣ яке аз самтҳои афзалиятнок барои аксари кишварҳо ба шумор меравад, аз ҷумла ИМА, Британияи Кабир, Олмон, Ҷопон, Тоҷикистон ва дигарон. Ба ин давлатҳо давраи тӯлонии вокуниш хос аст, таҳияи рӯзномаи "рушди рақамӣ" ва идомаи афзалиятҳо аз бунёди иттилоот ва иртиботи асосӣ, инфрасохтор пеш аз ташаккули ҳамоҳангшуда, сиёсат дар ин самт ва барномаҳои дастгирии ҳамаҷониба, иттилоти технологияҳои рақамӣ, арзёби карда мешавад.

Дар солҳои охир, як мавҷи дигари ташаккулёбии моделҳои фаъолият дар тиҷорат ва соҳаи иҷтимоӣ, дар натиҷаи пайдоиши технологияҳои рақамии насли нав ба вуҷуд омаданд ва онҳо то ба охир амали гардонида мешаванд, ки онҳо зеҳни сунъӣ, робототехника, интернети ашё, технологияҳои бесим ва як қатор дигар навгониҳо мебошанд.

Имрӯз, дар марҳилаи нави рушди технологияҳои рақамӣ, яке аз мушкилоти асосӣ афзоиши экспоненсиалии шумора, сифат ва гуногунии муносибатҳо байни ташкилотҳо, шаҳрвандон ва системаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, бо динамикаи шабеҳи шумораи муомилот ва ҳаҷми маълумоти дар гардиш буда равнақ ёфта истодааст, ки он яке аз нишонаҳои иқтисоди рақамӣ ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади ҳавасманд кардани талаботи шаҳрвандон ва ташкилотҳо, рӯ овардан ба технологияи рақамӣ моро зарур аст, ки чораҳои заруриро андешем. Барои он, ки ҳавасмандгардонии шаҳрвандон маҳдуд нашавад бояд дастгирии молиявӣ, хариди давлатии технологияҳои рақамӣ рушд дода шавад.

Дар шароити иқтисоди рақамии муосир, фаъолияти самарабахши корхона бидуни истифодаи иттилооти боэътимод ва пурра имконнопазир аст. Маълумот ин муҳимтарин манбаи иқтисодии ҷомеаи муосир мебошад. Маълумоти сифатӣ амалҳои мутахассисонро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ба амал меорад, мутамарказ ва муассир мебошад. Нақши муосири технологияҳои иттилоотӣ, ки дастрасии тақрибан номаҳдудро фароҳам меоранд тамоми ҳаҷми иттилоот ва дониш, ки дар дохили ҳама гуна системаи истеҳсолӣ ҷамъ оварда шудаанд, он дар фазои иттилоотии беруна амалӣ гардонида мешавад.

Афзоиши иқтисоди рақамӣ ба тамоми иқтисод таъсир мерасонад [1, 4-16] [2, 16-45]. Кӯшишҳо барои арзёбии давраҳои таъсири ин соҳа ба соҳаҳои иқтисодиёт матраҳ карда мешаванд [5, 1-15]. Масалан, гурӯҳи бостоншиносон дар бораи «чаҳор мавҷи тағирот, ки молҳои истеъмолӣ ва савдои чаканаро фаро мегирад» мегӯяд [4, 1-16]. Рақобат дар ҳама соҳаҳо дар натиҷаи густариши иқтисоди рақамӣ афзоиш меёбад ва торафт глобалӣ мегардад.

Иқтисоди рақамӣ паҳншавии занҷирҳои глобалии арзониро суръат бахшид, ки дар онҳо корпоратсияҳои трансмиллӣ (TNC) амалиёти худро дар саросари ҷаҳон муттаҳид мекунанд [6, 4-11]. Ин пешрафтҳо дар якҷоягӣ бо либерализатсияи савдо ва арзон шудани хароҷоти нақлиёт қобилияти корхонаҳои тамоми соҳаҳоро барои бартарии занҷирҳои арзиши ҷаҳонӣ афзоиш доданд, ки дар онҳо равандҳои

истеҳсолӣ метавонанд аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дар саросари ҷаҳон тақсим карда шаванд, то аз хусусиятҳои бозорҳои маҳаллӣ истифода баранд. [20, 25-50]

Дар соли охир вобаста ба иқтисоди рақамӣ дар кишвар таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карда шуд. Агар пештар мақомот рушди технологияҳои иттилоотӣ ва рақамиро амиқтар ба назар мегирифтанд хуб мешуд. Дар тӯли зиёда аз як сол бозгашти ин масъала то сатҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бардошта шуд. Таъсиси барномаи давлатӣ оғоз ёфт, ки имрӯз бо фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба лоиҳаи миллии «Иқтисоди рақамӣ» табдил дода шудааст.

Имрӯзҳо моро зарур аст то ки ба лоиҳаи миллии иқтисоди рақамӣ рӯ оварда, барои иҷроиши кори минбада эътибори ҷиддӣ диҳем.




**Расми 1. Лоиҳаи миллии иқтисоди миллӣ. Таҳия муаллифон.**

Ин шаш соҳа заминаро барои он ташкил медиҳанд, ки тағирёбии рақамии кишоварзӣ, нақлиёт, энергетика ва чунин соҳаҳое, ки аз давлат вобастаанд, ба монанди маориф ва тандурустӣ арзёби карда мешавад. Умуман, ҳамаи ин фаъолиятҳо самтҳои муҳимро дар кишвар таъмин мекунанд, иқтисоди рақамӣ дар кишвар тавассути талошҳои муштараки ҳукумат ва соҳибкорӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар саросари кишвар, дар аксар давлатҳо ташкилоти иқтисоди рақамӣ таъсис ёфта истодааст, хуб мешавад дар кишвари мо ҳам ин гуна ташкилот ба роҳ монда шавад. Агар самти иқтисоди рақамӣ дар кишвар дуруст ба роҳ монда шавад ин барои пешравии кори ин ё он истифодабарандагон саҳми босазоеро мегузорад.

## АДАБИЁТ

1. Валерий Чумаков. Стратегии цифрового лидерства // В мире науки. - 2019. - № 10. - С. 70-77.
2. Владислав Ильин. Цифровая экономика/ практическая реализация. «Интермедиатор» 2020. - 34 с.
3. Вайл П. Цифровая трансформация бизнеса/ «Альпина Диджитал» -2018 г. 24 с.
4. Егор Лисицин. Modus vivendi – Цифровая экономика/ 2018 г.-26 с.
5. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2019, №642.
6. Коллектив авторов. Практические рекомендации по переводу бизнеса на цифровые технологии/ 2019 г. 37с.
7. Крис Скиннер. Цифровой человек/ 2018 г. -31 с.
8. Перейти обратно:[1 2] The New Digital Economy. How it will transform business (недоступная ссылка). Дата обращения: 12 сентября 2016.Архивировано 9 сентября 2016 года.
9. Перейти обратно: Сергей Абрамов. Суперкомпьютеры: обратные рекорды (рус.) // Наука и жизнь. - 2019. - № 1. - С. 42-45.
10. Саттаров А.Ҷ., Иқтисоди рақамӣ вазъи кунунӣ ва дурнамо/ маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500 –солагии Саразми бостонӣ», «700 солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» -Душанбе 2020 мат. ДМТ с.356-357.
11. Шамсов И.С. Взаимодействия рынка труда и системы подготовки кадров в условиях цифровизации экономики. Таджикистан: экономика и управление. Научный журнал. Таджикского национального университета 2020№1, Душанбе 2020, - С. 71.
12. Шестакова И. Г. Торговый топос в пространстве цифры: предельное выражение глобализации.
13. Цифровая экономика: библиографический указатель/ сост.: Н. А. Игнатенко, И. В. Ткаченко, И. В. Харций, Н. В. Ниценко; под ред. М. В. Обновленской. - Ставрополь: НБ СтГАУ, 2019. – 26 с.
14. Digital's Disruption of Consumer Goods and Retail (англ.). https://www.bcg.com.+Дата обращения: 25 июля 2019.
15. OECD Digital Economy Outlook 2017 (Summary in Polish) // OECD Digital Economy Outlook 2017. – 2017 с.10-11. - doi:10.1787/0adc0866-pl.
16. The digital economy, new business models and key features // OECD/G20 Base Erosion and Profit Shifting Project. - OECD, 2014-09-16. - С. 69-97.

# СУЩНОСТЬ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ И ОСНОВНЫЕ ПРОЦЕССЫ ЕЕ ФОРМИРОВАНИЯ

**АЛИМАРДОНОВ ТОХИРДЖОН АШУРАЛИЕВИЧ**

кандидат экономический наук, старший преподаватель кафедры кибернетика и цифровой экономики Таджикского национального университета, 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пос. Буни Хисорак, тел.: (+992) 207-56-56-44, E-mail: Alimardonov.86@bk.ru.

**ДЖОБИРОВ АБДУДЖАББОР КАХОРОВИЧ**

кандидат физико-математических наук, доцент кафедры кибернетики и цифровой экономики Таджикского национального университета, 734025, Таджикистан, пос. Буни Хисорак, тел.: (+992)900013920, E-mail: Abdujabor.1945@mail.ru.

*В статье представлены основные понятия цифровой экономики, которая определяется как ключевой экономический фактор. При этом раскрывается сущность цифровой экономики, совокупность взаимосвязанных понятий, принципов, методов и приемов таких как правовое регулирование, регулирующее различные аспекты управленческих практик в современных условиях, как на уровне государственных услуг, так и электронной коммерции. Цифровая экономика - одна из ведущих целей экономики. Эта концепция заставляет добиваться значительных результатов в повышении уровня жизни населения страны. Цифровая экономика означает значительные результаты для развития всех секторов экономики. Чтобы реализовать это на практике, мы должны учитывать сегодняшние цели в экономической и технической сферах. Развитие цифровой экономики открывает большие возможности для развития национальной экономики. Цифровая экономика может использоваться в целях развития, а также для решения социальных проблем, в том числе связанных с уровнем качества жизни населения. Основные положения по характеристикам цифровой экономики государства по формированию цифрового показателя образа гражданина и организации и разработке единой государственной платформы выражено для оказания государственных и коммерческих услуг организациям, а также информационной безопасности с учетом изменений рынка в сфере транспорта. Конечно, такие возможности качества работы пользователя отражают высокий уровень развития. Развитие цифровой экономики - это экономическая деятельность, основанная на использовании информации. Развитие цифровых услуг приведет к тому, что люди смогут отправлять и получать все типы приложений.*

***Ключевые слова:*** *информационные технологии, цифровая экономика, экономическое развитие, информационные и коммуникационные технологии, цели устойчивого развития, открытые модели, электронное правительство, качество жизни.*

## THE ESSENCE OF THE DIGITAL ECONOMY AND THE MAIN PROCESSES OF ITS FORMATION

**ALIMARDONOV TOHIRJON ASHURALIEVICH**

candidate of economic sciences, senior lecturer of the department of cybernetics and digital economy Tajik National University, 734025, Tajikistan, Buni Hisorak, phone: (+992) 207-56-56-44. E-mail: Alimardonov.86@bk.ru.

**JOBIROV ABDUJABBOR KHAHOROVICH**

candidate of physical and mathematical sciences, associate professor of the department of cybernetics and digital economy Tajik National University, 734025, Tajikistan, Buni Hisorak, phone: (+992) 900013920, E-mail: Abdujabor.1945@mail.ru

*The article presents the basic concepts of the digital economy, which is defined as a key economic factor. At the same time, the essence of the digital economy is revealed, a set of interrelated concepts, principles, methods and techniques such as legal regulation that regulates*

*various aspects of management practices in modern conditions, both at the level of public services and e-commerce. The digital economy is one of the leading goals of the economy. This concept makes it necessary to achieve significant results in improving the living standards of the country's population. The digital economy means significant results for the development of all sectors of the economy. To put this into practice, we must take into account today's economic and technical goals. The development of the digital economy opens up great opportunities for the development of the national economy. The digital economy can be used for development purposes, as well as for solving social problems, including those related to the quality of life of the population. The main provisions on the characteristics of the digital economy of the state on the formation of a digital indicator of the image of a citizen and organization and the development of a unified state platform are expressed for the provision of state and commercial services to organizations, as well as information security, taking into account changes in the market in the field of transport. Of course, such user experience capabilities reflect a high level of development. The development of the digital economy is an information-based economic activity. The development of digital services will lead people to send and receive all types of applications.*

***Key words:*** *information technology, digital economy, economic development, information and communication technologies, sustainable development goals, open models, e-government, quality of life.*

**УДК: 338.436 (47)**

## ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ: ТАҶРИБАИ ИТТИҲОДИ АВРУПО

**АЛИЕВ ОЛИМҶОН МАҲМУДОВИЧ**

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 7340025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Рӯдакӣ 17,
тел.: (+992) 904-43-02-03, E-mail: olim.23@mail.ru

*Дар мақола таҷрибаи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини бехатарии озуқаворӣ баррасӣ шуда мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Инчунин дар мақола оварда шудааст, ки дар таҷрибаи ҷаҳонии таъмини бехатарии озуқаворӣ як чанд равишҳои таъмин намудани бехатарии озуқаворӣ мавҷудаст, аз он ҷумла: протексионистӣ, либералӣ, ба содирот нигаронидашуда ва равиши омехта.*

*Таҳлили муқоисавӣ байни кишварҳои хориҷӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба субсидияҳо ба ҳар як гектар заминҳои кишт гузаронида шудааст. Дар асоси маълумотҳои таҳлилӣ, коэффисенти сатҳи худтаъминкунии озуқаворӣ аз рӯйи ҳар як намуди маҳсулоти хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Инчунин ошкор карда шудааст, ки худтаъминкукнии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 аз рӯи як қатор маҳсулоти озуқаворӣ таъмин набуда, танҳо аз рӯи баъзе намуди маҳсулот таъминнокӣ мушоҳида мегардад, ки 55% сабади истеъмолиро ташкил медиҳад.*

*Муайян карда шудааст, ки бо ҳамкориҳои муштарак, аз гуруснагии пас аз ҷанг, кишварҳои Иттиҳоди Аврупо тавонистанд ин мушкилотро ҳаллу фасл намуда, дастрасии иқтисодӣ ва иҷтимоии намудҳои гуногуни маҳсулоти хӯроквориро таъмин намоянд.*

*Мушкилоти бехатарии озуқаворӣ дар аксари кишварҳои иқтисодиёташон пешрафта, ки ба рушд ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворории миллӣ ва фароҳам*

*овардани сатҳи кафолатноки бехатарии озуқаворӣ барои ҳамаи гурӯҳҳои аҳолии кишвар равона шудааст муайян карда шудааст. Инчунин таъмини бехатарии озуқавории Иттиҳоди Аврупо, бахусус ҷанбаҳои институтсионалӣ ва ҳамгироии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорикунанда ошкор карда шудааст.*

*Вобаста ба таҷрибаи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо исбот карда шудааст, ки ғамхорӣ ба муҳити зист, пешгирии таназзули заминҳои кишоварзӣ, протексионизми аграрӣ, субсидияҳои давлатӣ, бозори калони озуқаворӣ, муҳимтарин ҷанбаи стратегияи таъмини бехатарии озуқаворӣ ба шумор меравандд. Пешниҳод гардидааст, ки истифодаи самарабахши заминҳо дар бахши кишоварзӣ воситаи муҳими афзун кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои таъмини бехатарии озуқаворӣ мамлакат мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *бехатарии озуқаворӣ, худтаъминкунии озуқаворӣ, гуруснагӣ, протексионизм, либерализм, маҳсулоти кишоварзӣ, содирот, воридот, субсидия, сиёсати кишоварзӣ, Иттиҳоди Аврупо.*

Таъмини бехатарии озуқавории давлат чӣ дар сатҳи умумиҷумҳуриявӣ ва чӣ дар сатҳи минтақавӣ пеш аз ҳама ба сиёсати аграрӣ ва вазъи фаъолияти корхонаҳои кишоварзии кишвар вобастагӣ дорад. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати мутобиқгардонии муносибатҳои иқтисодӣ, унсурҳои бозорӣ ва инчунин рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони кишоварзии мамлакат омӯзиш, таҳқиқ ва таҷрибагирӣ аз муваффақиятҳои мамлакатҳои рушди иқтисодидошта муҳим мегардад.

Бехатарии озуқаворӣ тавсифкунандаи қобилияти давлат оиди таъмини ҳамаи шаҳрвандони кишвар бо миқдори кофии хӯрокаи солим ва серғизо мебошад. Бехатарии озуқаворӣ ба қатори нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ҳар як кишвар низ дохил мешавад [2,96].

Президенти мамлакат, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба узвият ба созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ қайд карда буд, ки «Узвияти Тоҷикистон дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ба истеҳсоли маҳсулоти тайёри дорои сифати баланди мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва қобили рақобат такони ҷиддӣ бахшида, инчунин ба зиёд шудани гардиши савдои хориҷӣ, фоидаовар гардидани истеҳсоли молҳои ватании ба содирот нигаронидашуда, болоравии маърифатнокии соҳибкорони ватанӣ ва афзоиши сармоягузории хориҷӣ мусоидат менамояд» [7].

Аммо дар баробари паҳлӯҳои мусби доштани узвияти Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) яккатор хавфҳо ва таҳдидҳо иқтисодиро, бахусус барои истеҳсол ва ҳмалу нақли маҳсулоти кишоварзии рақобатпазир ба миён меорад. Бояд қайд кард, ки таъмини озуқаворӣ дар шароити муосир бинобар маҳдудият ва монеаҳои марзӣ пас аз хуруҷ кардани пандемии COVID-19 ба миён омад, ки ба норасои ғизо оварда расонид: маҳаки асосии сохтори бехатарии озуқаворӣ яъне дастрасӣ - вазъияте, ки ҳама одамон дар ҳар лаҳза дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодӣ ба

ғизои миқдори кофии бехатар барои ҳаёти фаъол ва солим доранд пурра таъмин нашуд. Айни замон ҳамкории Тоҷикситон ва шариконаш дар бозори ҷаҳонии озуқаворӣ дар доираи СУС идома дорад, ки ин дар арзёбии нақши воқеии ин ташкилот дар фаъолияти комплекси агросаноатии кишвар метавонад монеаҳо эҷод кунад. Аён аст, ки дар марҳилаи ибтидоии узвият дар низоми танзими байналмилалии истеҳсол ва савдои кишоварзӣ, Тоҷикистон ба мушкилотҳо дучор меомад, ки мутобиқ кардани маҷмӯаи агросаноатии кишвар ба қоидаҳои нави мавҷудият ва рушд тақозо мекард. Ҳифзи пасти тарофаи бозори дохилӣ имкон намедиҳад, ки рақобатпазирии баъзе аз маҳсулотҳои хӯрокврии ватанӣ ҳатто дар бозори дохилӣ таъмин карда шавад. Бисёре аз корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо маҳсулоти хӯрокврии хориҷӣ, ки аксаран арзонтаранд, рақобат карда наметавонанд.

Вобаста аз сатҳи иқтидори иқтисодиёти кишоварзии ҳар як кишвар, аслан се равиши таъмини бехатарии озуқаворӣ мавҷудаст: протексионистӣ, либералӣ  ва ба содирот нигаронидашуда, илова бар инҳо дар баъзе кишварҳо равиши омехта низ истифода мешавад. Намояндагони барҷастаи равиши протексионистӣ кишвари Ҷопон ва Норвегия ба ҳисоб мераванд. Иёлоти Муттаҳида Амрико бошад сиёсати аграрии ба содиротнигаронидашударо истифода мебарад. Аслан ин равишҳо моҳияти мухолиф доранд.

Ғайр аз ин дар низоми таъмини бехатарии озуқаворii мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон равиши либералӣ низ мушоҳида мегардад. Муносибати либералӣ ин тавассути механизми тиҷорати байналмилалӣ таъмин намудани амнияти озуқавориро дар назар дорад. Ҳамзамон васеъшавии доираи таъминот, мубодилаи технологияҳои нав барои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, коҳиш додани монеаҳои савдо ва мутаносибан коҳиш додани нархҳо барои молҳои воридотӣ ва маҳсулоти хӯрокврии ватанӣ, ки барои истеҳсоли онҳо технологияҳо ё чораҳо ва амалҳои воридотӣ истифода мешаванд фаҳмида мешавад.

Фарқи асосии равиши протексионистӣ ва равиши ба содирот нигаронидашуда, ҳаҷми дастгириҳои гуногунсамти давлатии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Масалан, дар Ҷопон ва Норвегия дастгирии давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар қатори Швейтсария, Чин ва Иттиҳодияи Аврупо (ИА) яке аз афзалиятҳои асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ истифода мегардад.




**Диаграммаи 1. Субсидия ба 1-га замини корам дар баъзе аз кишварҳои хориҷӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, доллари ИМА**

**Таҳияи муаллиф, сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020 [9] ва маълумоҳои сомонаи СУС [11].**

Кишварҳое, ки муносибати протексионистӣ ба рушди комплекси агросаноатӣ доранд, чун қоида, захираҳои маҳдуди кишоварзӣ доранд ва ҳатто бо вуҷуди доштани иқтисодиёти баланди рушдкарда, аксар намудҳои хӯроквориро, ки дар ҷаҳон ва бозорҳои дохилӣ рақобатпазиранд, истеҳсол карда наметавонанд. Дар ин робита, ин кишварҳо аз як қатор механизмҳое, ки ба ҳифзи манфиатҳои иқтисодию тиҷоратии молистеҳсолкунандагони кишоварзии ватанӣ равона шудааст истифода мебаранд. Ҳамин тариқ, воситаҳои асосии ҳифзи бозори дохилии Ҷопон танзими нархҳои озуқавории дохилӣ, маҳдуд кардани воридоти маҳсулоти хӯроквории тавассути танзими тарофавӣ ва пардохтҳои мустақим ба деҳқонон дар шакли субсидияҳои гуногун мебошанд. Бо ин усул, маблағе, ки барои дастгирии кишоварзӣ сарф мешавад, ба сармоягузориҳои асосӣ ба истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ мубаддал мешавад, ки дар раванди такрористеҳсоли сармояи миллӣ иштирок мекунанд.

Иттиҳоди Аврупо (ИА) иттиҳоди беназири иқтисодӣ ва сиёсии 27 кишвари аврупоӣ мебошад, ки «бозори умумӣ»-и минтақавии худро ташкил намуда, ҳаракати озоди молҳо ва фаъолияти одамонро таъмин мекунад [11].

Э.А.Эрасова, К.И. Васченко зимни таҳқиқотҳои худ моделҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ ИА ба ду намуд тақсим намудаанд. Намуди аввал иборат аз дастгирии ночизи давлатии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии ватанӣ ва монеаҳои ҳадди ақкали тарофавӣ ва ғайритарофавӣ барои маҳсулоти хӯроквории воридотӣ ва содиротӣ мебошад. Намуди дуюм иборат аз дастгирии назарраси давлатӣ соҳаи кишоварзӣ, болоравии тарофаҳо ва дигар усулҳои танзими савдо мебошад. Назорати давлатии фаъолияти кишоварзӣ ва саноати хӯрокворӣ бо ҳамкории давлат, истеҳсолкунанда, фурӯшанда ва истеъмолкунандаи озуқаворӣ ба роҳ монда мешавад.

Намунаи барҷастаи модели намуди дуюми бехатарии озуқаворӣ Иттиҳоди Аврупо мебошад, ки кишоварзиро аз нигоҳи бисёрфунксионалӣ дар сатҳи қонунгузорӣ баррасӣ мекунад. Истилоҳи «бисёрфунксионалии кишоварзӣ» муносибати бунёдии кишоварзиро бо вазъи экологӣ, сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодии кишвар, инчунин бо ҳифзи фарҳанг ва анъанаҳои ҳар як миллат дар доираи ҳамгироии Аврупои Ғарбӣ инъикос мекунад. Ин ғоя дар сиёсати кишоварзии ИА инъикос ёфтааст ва «асосии протексионизм» - и ИА ва амнияти озуқавории он мебошад [8].

Албата ИА сиёсати протексионизми соҳаи кишоварзиро истифода мебарад аммо, дар навбати худ содироти маҳсулоти кишоварзиро низ ба таври кофӣ маблағгузори мекунад, ки ин сиёсатро сиёсати омехта гуфтан мумкин аст. Яъне ҳам протексионизм ба монади давлатҳои Скандинавӣ ва ба содиротнигаронидашуда ба монади ИМА мебошад. Иттиҳодии Аврупо, ки истеҳсолкунандаи аз меъёр зиёди маҳсулоти озуқаворӣ мебошад донорҳои содиротии ҷаҳон ҳастанд ва тавозуни ҷаҳонии озуқавориро мунтазам онҳо нигоҳ медоранд.

Соли 2018 Комиссияи Аврупо пешниҳодҳои қонунгузориро оид ба сиёсати умумии кишоварзии пас аз соли 2020 пешниҳод кард. Ин пешниҳодҳо пеш аз ҳама ба ҳалли мушкилот, аз қабили тағирёбии иқлим ё нигоҳ доштани наслҳои оянда, инчунин дастгирии деҳқонони аврупоӣ барои рушди устувор ва рақобатпазир дар бахши кишоварзӣ нигаронида шудаанд, ки ҳадафҳои асосии сиёсати ягонаи кишоварзӣ барои таъмини бехатарии озуқаворӣ инҳо махсуб меёбанд [1]:

- таъмини даромади одилонаи деҳқонон;
- баланд бардоштани рақобат;
- тавозуни тамоми занҷири хӯрокворӣ;
- мубориза бар зидди тағирёбии иқлим;
- ғамхорӣ ба муҳити зист;
- ҳифзи манзараҳо ва гуногунии биологӣ;
- дастгирӣ барои наслҳои оянда;
- минтақаҳои деҳотии «намунавӣ»;
- маҳсулоти хӯроквории баландсифат ва саломатии аҳолӣ.

Мувофиқи мақсадҳои пешниҳодшуда, сиёсати ягонаи кишоварзӣ минбаъд низ дастрасӣ ба ғизои баландсифат ва дастгирии назаррасро барои як намунаи ягонаи кишоварзии Аврупо таъмин менамояд.

Дар доираи сиёсати нави кишоварзии аврупоӣ таваҷҷӯҳи бештар ба хоҷагиҳои хурду миёна, инчунин ҳавасмандгардонии рушди хоҷагиҳои «ҷавон» пешбинӣ шудааст. Барои татбиқи ин самт, ки сатҳи баланди дастгирии давлатӣ аз ҳар гектар замин барои хоҷагиҳои хурду миёна, ҷудо кардани на камтар аз 2% пардохтҳои мустақими дастгирии давлатӣ барои кишоварзони ҷавон ба ғайр аз

дастгирии молиявӣ дар чорчӯбаи рушди деҳот ва чораҳои мусоидат ба дастрасӣ ба замин ва додани замин пешбинӣ шудааст.

Дар ИА бояд на камтар аз 70% маблағҳои бадастомада бояд мустақиман барои рушди кишоварзӣ тибқи бизнес-нақша истифода шаванд. Деҳқони ҷавон ӯҳдадор мешавад, ки на камтар аз 5 сол корҳои кишоварзиро тибқи ҳадафҳое, ки пас аз гирифтани субсидияҳо гузошта шудаанд, анҷом диҳад. Дар давоми се соли аввали кишоварзӣ ба меъёрҳои муқарраршудаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ноил шудан лозим аст.

Дар баъзе кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дастгирии деҳқонони ҷавон тавассути додани қарзҳои имтиёзнок амалӣ карда мешавад.

Барои гирифтани қарзҳои имтиёзнок зарур аст, ки кишоварзӣ шуғли асосии довталабон бошад - даромад аз фаъолияти кишоварзӣ бояд на камтар аз 50% даромади умумии хоҷагиро ташкил диҳад. Барои гирифтани қарзи имтиёзнок, деҳқони ҷавон бояд ҳадди аққал 21-сола ва аз 35-сола боло набошад. Маблағи ниҳоии қарз 500 ҳазор евро мебошад. Меъёри фоизи қарзи имтиёзноки миёнамӯҳлат барои ташкили фермерҳои ҷавон аз 2% - 4% солона, мӯҳлати амали мутаносибан 12 ва 9 сол муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, тавассути ҳавасмандкунии деҳқонони ҷавон, кишварҳои Иттиҳоди Аврупо барои рушди минбаъдаи устувори комплекси агросаноатӣ ва деҳот шароит фароҳам меоранд, ки ба сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

**Ҷадвали 1**

**Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии Иттиҳоди Аврупо дар соли 2019**

| Номгӯӣ маҳсулоти | млн. /т | маҳсулоти кишоварзӣ | млн. /т |
|---|---|---|---|
| Ғаладона | 299,2 | Ангур | 22,3 |
| гандум | 131,8 | Меваҳои тухмидор | 13,7 |
| ҷувори макка | 70,1 | Меваҳои донакдор | 7,3 |
| ҷав | 55,6 | Меваҳои тропикӣ | 2,5 |
| дигар намуди ғаладона | 41,9 | Меваҳои ситрусӣ | 10,6 |
| Сабзавот ва полизӣ | 60,9 | Буттамева (ба истисноии кулфинай) | 0,6 |
| помидор | 16,5 | Чормағз | 1,1 |
| бехпиёз | 6,1 | Шир ва маҳсулоти ширӣ | 155 |
| сабзи | 4,7 | Гушт ва маҳсулоти гуштӣ | 43,5 |
| дигар намуди сабзавот | 33,6 | гӯшти гов | 6,9 |
| Картошка | 51,2 | гӯшти хук | 22,8 |
| Зайтун | 9,8 | гӯшти гусфанд ва буз | 0,5 |
| Лаблабуи канд | 113,1 | гӯшти мурғ | 13,3 |

**Таҳияи муаллиф за рӯи маълумотҳои Eurostat Statistics Explained [10]**

Соли 2019 дар ИА, 143 млн. сар хук, 77 млн. сар чорвои калони шохдор ва 74 млн. сар гӯсфанду буз ба ҳисоб гирифта шуда буд, ки аз ин миқдор 43,5 млн. тон гӯшт ва маҳсулоти гуштӣ истеҳсол карда шуда буд.

Истеҳсоли шир дар ҳама кишварҳои ИА амалӣ карда мешавад ва он қисми зиёди арзиши маҳсулоти кишоварзии ИА ташкил медиҳад. Шумораи умумии шир дар ИА тақрибан 155 млн. тонна дар як сол ҳисоб карда мешавад. Истеҳсолкунандагони асосӣ Олмон, Фаронса, Полша, Нидерландия, Италия ва Испания мебошанд. Якҷоя бо ҳам тақрибан 70% истеҳсолоти ИА ташкил медиҳанд. Тақрибан 21 млн. сар говҳои ширдеҳ дар ИА мавҷуд мебошад, ки ба ҳисоби миёна 7,3 тонна барои як гов рост меояд.

Дар соли 2020 тавозуни ниҳоии савдо 62 млр. евроро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли 2019 аз 3% зиёдтар мебошад. Дар навбати худ зиёда аз 12 ҳиссаи тамоми содироти ИА (1492,09 млрд. Евро) содироти маҳсулоти кишоварзӣ ташкил медиҳад. Ҳама гуна маҳсулотҳои хӯрокро ба ду гурӯҳи калон тақсим кардан мумкин аст: молҳои асосӣ (базавӣ), ки дар оянда коркард мешаванд; Маҳсулоти амиқ коркардшаванда бо бештари арзиши илова карда шуда. Ба гурӯҳи якуми молҳо, ки аз қаламрави Аврупо содирот мешавад равғани зайтун, гӯшт, шир, гандум ва тухми офтобпарастро дар бар мегирад. Ба гурӯҳи дуюм, бозорҳои: шароб, панир, маҳсулотҳои нонӣ ва қанодӣ, шоколад, нушокиҳои сахттаъсир, сабзавот, моҳии яхкардашуда, помидор ва макарон.

Омори ИА содирот ва воридоти кишоварзиро ба се категорияи асосӣ тақсим мекунад: маҳсулоти растанӣ, ҳайвонот ва маҳсулоти хӯрокворӣ. Дар муқоиса кардани ифодаи арзишии маводи ғизоии содиротӣ бошад, ИА махсусан маҳсулоти хӯрокворини коркардшуда, ки арзиши бештар доранд содирот менамояд ва маҳсулотҳое, ки арзиши камтар доранд воридот менамояд асосан ашёи хоми маҳсулотҳои кишоварзӣ, ки онро дар оянда коркард менамояд.

**Ҷадвали 2**

**Тавозуни воридот ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар Иттиҳоди Аврупо дар соли 2020**

| № | Номгӯи маҳсулотҳои истеъмолӣ ва ғайриистеъмолӣ | Тавозуни, млн. € | | Фарқият | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Содирот | Воридот | млн. € | % |
| | **Ҳама маҳсулоти кишоварзӣ** | **184 298** | **122 243** | **62 055** | **33,7** |
| 1 | Ашёи хом ва молҳои кишоварзӣ | 31 252 | 47 379 | -16 127 | -51,6 |
| 2 | Дигар маҳсулотҳои аввалиндараҷа | 38 862 | 32 902 | 5 960 | 15,3 |
| 3 | Маҳсулоти коркардашуда | 37 999 | 12 128 | 25 871 | 68,1 |
| 4 | Маҳсулот барои пухтупаз | 42 415 | 11 831 | 30 584 | 72,1 |
| 5 | Нӯшокиҳо | 16 167 | 4 969 | 11 198 | 69,3 |
| 6 | Маҳсулотҳои ғайри истеъмолӣ | 17 603 | 13 034 | 4 569 | 26,0 |

**Таҳияи муаллиф, сарчашма: Monitoring Eu Agri-Food Trade: Developments january-december 2020 [9]**

Чӣ тавре, ки аз ҷадвали 2 маълум мегардад, тавозуни содироти ИА нисбати воридот ва маҳсулоти кишоварзӣ зиёда аз 62 млрд. евроро ё худ 51,6%-ро ташкил медиҳад. Танҳо аз рӯи ашёи хом ва молҳои кишоварзӣ, ки воридоти бештар нисбати содироти чунин молҳо дорад (-16 127 млн. евро). Таҳлил нишон медиҳад,

ки ИА аз рӯи молҳои ғайри истеъмолӣ воридоти бештар нисбати содирот дида мешавад: пашм ва абрешим - 9 баробар, тамокуи хом -170,2%, кислотаҳо ва муми чарбҳо -3,6 баробар, равғанҳои эфирӣ -28,8% ва спирти этилӣ -56,5%-ро ташкил медиҳад.

Дар рӯйхати кишварҳое шарики ИА, ки ҳамкориҳои воридотию содиротӣ дорад, инҳо ба шумор меравaнд: ИМА, БК, Чин, ФР, Туркия, Украина, Сингапур ва Малайзия мебошанд, 51% содирот ва 40% воридот ба онҳо рост меояд. Кишварҳое, ки ИА танҳо аз онҳо воридот менамояд анҳо мебошанд - Барзилия, Кот-диуар, Канада, Перу, Малайзия, Африқои ҷанубӣ, Таиланд, Австралия, Мексика, Тунис ва Уругвай мебошанд, ки дар маҷмӯъ воридот аз онҳо 26%-ро ташкил медиҳанд. Кишварҳое, ки ИА танҳо ба онҳо содирот менамояд: Ҷопон, Лубнон, Марокаш, Нигерия, Норвегия, Штейнерландия, АМА, Миср, Ҳонконг, Алҷазоир ва Арабистони Саудӣ мебошанд, ки ба онҳо 21% содирот рост меояд. ИА ба дигар кишварҳо низ воридоту содирот менамояд, аммо гардиши онҳо аз як милион евро камтар аст, ки содирот ба онҳо 26% ва воридот аз онҳо 34%-ро ташкил медиҳад.

Сарфи назар аз ҳаҷми зиёди воридоти озуқаворӣ, бозори ИА аз он вобастагии ҷиддӣ надорад. Омӯзиши гардиши молҳои хӯрокворӣ дар ИА дар соли 2020 нишон дод, ки тавозуни савдо дар ин самт тавозуни мусби ҷониби содирот дорад. Дар айни замон, саҳми кишоварзӣ дар ММД-и кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ночиз аст.

Ҳангоми баррасӣ ва таҳлили сиёсати ИА дар соҳаи кишоварзӣ, мо ба хулосае омадем, ки ин иттиҳодия бо сатҳи баландтарини дастгирии кишоварзӣ дар ҷаҳон хос аст. Ҳамин тариқ, ислоҳоти соли 1992 гузаронида шуда, ба ҳаҷми маблағгузории давлатии кишоварзӣ дар Иттиҳоди Аврупо бетаъсир намонд аст ва дар натиҷа субсидияҳо то ҳол тақрибан 45-50% арзиши хӯроквории истеҳсолшударо ташкил медиҳанд.

Монеъаҳои баланди воридотӣ ва субсидияҳои давлатӣ истеҳсоли навъҳои зиёди маҳсулоти кишоварзиро аз ҷониби деҳқонони аврупоӣ бидуни мушкилоти фурӯши маҳсулоти тайёр мусоидат мекунанд. Сиёсати протексионизми аграрӣ ба воридоти ашёи хоми кишоварзӣ бо коркарди минбаъдаи он дар қаламрави ассотсиатсия мусоидат мекунад ва молҳое, ки арзиши изофаи баланд доранд, аллакай ба бозори хориҷӣ содир карда мешаванд.

Сиёсати бехатарии озуқаворӣ, ки дар ИА татбиқ карда мешавад, ба назари мо, комилтарин кишварҳоест, ки мо мутобиқи мавқеи ТОК дар ин масъала баррасӣ намудаем. Бо талошҳои муштарак, аз гуруснагии пас аз ҷанг, кишварҳои иттиҳодия тавонистанд мушкилоти гуруснагиро ҳал кунанд, дастрасии иқтисодӣ ва иҷтимоии намудҳои гуногуни маҳсулоти хӯроквориро ба даст оранд. Ҳамзамон, бо гузашти вақт, талошҳо дар самти бехатарии озуқаворӣ аз таъминоти оддии аҳолӣ бо ғизои зарурӣ ба рушди минтақаҳои кишоварзӣ ва

тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи кишоварзӣ табдил ёфт. Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои фарққунандаи нуқтаи назари ИА ба амнияти озуқаворӣ муносибати манфии он ба истеҳсол ва истеъмоли ғизои сунъи ва аз ҷиҳати генетикӣ тағйирёфта дар қаламрави Иттиҳодия мебошад. Ин мавқеъ на танҳо ҳуқуқи ҳар як фардро дар ИА барои истеъмоли ғизои барои ҳаёт бехавф кафолат медиҳад, балки барои афзалияти муҳимтарини рақобатии хӯроквории дар дохили ИА истеҳсолшуда заминаи мустаҳкам мегузорад. Таҷрибаи кишварҳои муттаҳидшудаи Аврупо дар амал исбот кардаанд, ки ғамхорӣ ба муҳити зист, пешгирии таназзули заминҳои кишоварзӣ, протексионизми аграрӣ, субсидияҳои давлатӣ, бозори калони озуқаворӣ, муҳимтарин ҷанбаи стратегияи таъмини бехатарии озуқаворӣ мебошад.

Пас аз таҳлили ҳолат ва дурнамои рушди соҳаҳои асосии кишоварзӣ ва сиёсати кишоварзии ИА, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки истиқлолияти озуқаворӣ дар ин кишварҳо дар сатҳи баланд қарор дорад. Захираҳои кишоварзӣ ва иқтисодии кишварҳо имкон медиҳанд, ки аҳолӣ мувофиқи меъёрҳои физиологӣ бо озуқаворӣ таъмин карда шаванд. Иттиҳоди Аврупо кушиш ба харҷ медиҳад, ки усули интегралии таъмини бехатарии озуқавориро истифода барад, ки на танҳо ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва баландсифати бидуни ОҶГТ (ГМО), балки нигоҳ доштани сатҳи баланди зиндагӣ дар деҳотро эҷод ва роҳандозӣ намояд.

Худтаъминкунии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 аз рӯи маҳсулоти нонӣ ва қанодӣ, равғани растанӣ ва тухм таъмин набуда аз рӯи сабзавот, мева, гӯшт ва шир таъминанд, ки 55% сабати истеъмолии аҳолии малакатро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 3**

**Сатҳи худтаъминкунӣ за рӯи намудҳои маҳсулоти асосии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Намуди маҳсулот | 1991 | | | 2000 | | | 2010 | | | 2019 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1* | 2** | 3 | 1 | 2 | 3 | 1 | 2 | 3 | 1 | 2 | 3 |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ, кг | 155 | 54,3 | 0,35 | 148 | 89,8 | 0,61 | 161 | 112,6 | 0,70 | 158,7 | 150,4 | 0,95 |
| Картошка, кг | 33,2 | 32,3 | 0,97 | 37,8 | 49,5 | 1,31 | 35,0 | 100,9 | 2,88 | 42,4 | 105,7 | 2,49 |
| Сабзавот, кг | 94,2 | 143,3 | 1,52 | 98,5 | 76,5 | 0,78 | 70,7 | 151,7 | 2,15 | 86,4 | 232,0 | 2,69 |
| Мева, буттамева ва ангур, кг | 31,9 | 53,2 | 1,67 | 50,8 | 45,7 | 0,90 | 33,2 | 46,4 | 33,2 | 33,2 | 76,7 | 2,31 |
| Равғани растанӣ, кг | 13,3 | 13,9 | 1,05 | 10,2 | 3,8 | 0,37 | 14,4 | 1,9 | 17,5 | 17,5 | 2,4 | 0,14 |
| Гушт ва маҳсулоти гуштӣ, кг | 26,1 | 13,4 | 0,51 | 4,4 | 4,8 | 1,09 | 11,0 | 9,5 | 13,1 | 13,1 | 29,0 | 2,21 |

*истеҳсолот, **истеъмол, ***коэффитсиентии худтаъминкунии озуқаворӣ.

**Таҳияи муаллиф, сарчашма: маҷмаии омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [6,8,11]**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои худтаъминкунии маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ дар Тоҷикистон аз нишондиҳандаҳои ИА фарқияти зиёд доранд. Маълум мегардад, ки сатҳи худтаъминкунии аҳолии мамлакат дар ҳамаи намудҳои маҳсулотҳои ғизоӣ тамоюлҳои гуногун доранд, ки ин аз сатҳи рушди зерсоҳаҳои кишоварзии мамлакат вобастагӣ дорад. Сабаби асосии тафовутро натанҳо дар низоми иқтисодии мавҷуда, балки дар таҷриба ва имконияту шароитҳои иқтисодию молиявӣ шарҳ додан мумка ин аст.

Ҳамин тариқ, таҳқиқот нишон медиҳад, ки таҷрибаи ИА новобаста аз низоми иқтисодӣ, шароитҳои иқлимию захираҳои табиӣ, воситаҳои молиявию захираҳои кадрӣ, техника ва технологияи муосир дар таъмини бехатарии озуқаворӣ ба муваффақиятҳои бузург ноил гардидааст. Ҷолиби диққат аст, ки асоси таъмини бехатарии озуқаворӣи ИА ҷанбаҳои институтсионалӣ ва ҳамгироии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорикунанда ташкил медиҳад. Ба назари мо маҳз ҳамин нуқтаҳо барои таъмини бехатарии озуқаворӣи Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Зеро дар ин масъалаи муҳим давлат бояд нақши калидиро бозида, равандҳои занҷираи ташкили истеҳсол-коркард-фурӯши маҳсулоти кишоварзиро бо назардошти талабот ва таклифоти бозори агроозуқаворӣ дуруст тарҳрезӣ ва роҳандозӣ намояд. Ҳамзамон давра ба давра мукаммал гардонидани паҳлӯҳои институтсионалии сиёсати аграрии мамлакат мувофиқи мақсад мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Акимова Ю.А. Новая аграрная политика Европейского союза в целях обеспечения устойчивого развития // [Манбаи электронӣ]. - низоми дастрасӣ: http://www.e-rej.ru/Articles/2019/Akimova.pdf (санаи муроҷиат 26.06.2021)
2. Алиев О.М., Тағоев Б.Д. Ҷанбаҳои илмӣ-назариявии бехатарии озуқаворӣ: фарзияҳо ва давраҳои ташаккул. Тоҷикистон: иқтисод ва идора. Маҷаллаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе 2020/№2. – С. 96
3. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №1-2020 // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2020.
4. Дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ // [Манбаи электронӣ] - низоми дастрасӣ: http://www.wto.org/ (санаи муроҷиат 22.08.2021)
5. Ерасова Е.А. Опыт ЕС в обеспечении продовольственной безопасности / Е.А.Ерасова, К.И. Ващенко // [Манбаи электронӣ] - низоми дастрасӣ: https://docviewer.yandex.ru/view/0/?page=1& (санаи муроҷиат 08.05.2021)
6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон-2020 // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2020.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.04.2013, ш. Душанбе // [Манбаи электронӣ]. - низоми дастрасӣ: http://www.president.tj/node/1084 (санаи муроҷиат 04.04.2021)

8. Тоҷикистон: 20-солагии истиқлолияти давлатӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2011.
9. European Commission // [Манбаи электронӣ]. - низоми дастрасӣ: https://ec.europa.eu/info/foodfarming-fisheries/trade/trade-andinternational-policy-analysis (санаи муроҷиат 28.06.2021)
10. Eurostat Statistics Explained // [Манбаи электронӣ]. - низоми дастрасӣ: https://ec.europa.eu/eurostat/statistics-explained/index.php?title=Agricultural_production (санаи муроҷиат 27.06.2021)
11. The European Union and the WTO // [Манбаи электронӣ]. - низоми дастрасӣ: https://www.wto.org/english/thewto_e/countries_e/european_comm unities_e.htm (санаи муроҷиат: 27.06.2021).

## ОБЕСПЕЧЕНИЕ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ: ОПЫТ ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА

кандидат экономических наук, доцент кафедры налог и налогообложения Таджикского национального университета, 7340025, Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки 17, тел.: (+992) 904-43-02-03, E-mail: olim.23@mail.ru

*В статье рассматривается и анализируется опыт Европейского Союза и Республики Таджикистан в обеспечении продовольственной безопасности. В работе также отмечается, что в мировой практике продовольственной безопасности существует несколько подходов к продовольственной безопасности, в том числе: протекционистский, либеральный, экспортно-ориентированный и смешанный подход.*

*Проведен сравнительный анализ между зарубежными странами и Республикой Таджикистан по субсидиям на гектар пашни. На основании данных анализа определен коэффициент самообеспеченности продуктами питания по каждому виду продуктов питания в Республике Таджикистан. В статье также указано, что продовольственная самообеспеченность в Республике Таджикистан в 2019 году не предусмотрена по ряду продуктов питания, часть из которых предусмотрена, что составляет 55% от потребительской корзины.*

*Исследование показало, что благодаря совместным усилиям после послевоенного голода страны ЕС смогли решить эту проблему, получив экономический и социальный доступ к широкому спектру продуктов питания.*

*В статье отмечается, что решением проблем продовольственной безопасности в большинстве развитых стран является реализация стратегии, направленной на развитие и увеличение производства национальных продуктов питания и создание гарантированного уровня продовольственной безопасности для всех слоев населения. Также было отмечено, что обеспечение продовольственной безопасности в ЕС является институциональным аспектом и экономической интеграцией хозяйствующих субъектов.*

*Опыт европейских стран на практике показал, что забота об окружающей среде, предотвращение деградации сельскохозяйственных земель, сельскохозяйственный протекционизм, государственные субсидии, большой продовольственный рынок являются наиболее важными аспектами стратегий продовольственной безопасности. В то же время подчеркивается, что эффективное использование земель в сельскохозяйственном секторе является важным средством увеличения сельскохозяйственного производства для обеспечения продовольственной безопасности.*

*Эти достижения можно использовать для обеспечения продовольственной безопасности Таджикистана.*

***Ключевые слова:*** *продовольственная безопасность, продовольственная самообеспеченность, голод, протекционизм, либерализм, сельскохозяйственное производство, экспорт, импорт, субсидия, аграрная политика, ЕС.*

## FOOD SECURITY: THE EXPERIENCE OF THE EUROPEAN UNION

candidate of economic sciences, associate professor of the department of tax and taxation of the Tajik National University, 7340025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17, tel.: (+992) 904-43-02-03, E-mail: olim.23@mail.ru

*The article examines and analyzes the experience of the European Union and the Republic of Tajikistan in ensuring food security. The paper also notes that in the world food security practice, there are several approaches to food security, including: protectionist, liberal, export-oriented and mixed approaches.*

*A comparative analysis was carried out between foreign countries and the Republic of Tajikistan on subsidies per hectare of arable land. Based on the analysis data, the coefficient of self-sufficiency in food products was determined for each type of food in the Republic of Tajikistan. The article also indicates that food self-sufficiency in the Republic of Tajikistan in 2019 is not provided for a number of food products, some of which are provided, which is 55% of the consumer basket.*

*The study showed that thanks to joint efforts following the post-war famine, the EU countries were able to solve this problem by gaining economic and social access to a wide range of food products. The article notes that the solution to food security problems in most developed countries is the implementation of a strategy aimed at developing and increasing the production of national food products and creating a guaranteed level of food security for all segments of the population. It was also noted that ensuring food security in the EU is an institutional aspect and economic integration of economic entities.*

*The experience of European countries has shown in practice that care for the environment, prevention of agricultural land degradation, agricultural protectionism, government subsidies, a large food market are the most important aspects of food security strategies. At the same time, it is emphasized that efficient land use in the agricultural sector is an important means of increasing agricultural production to ensure food security. These achievements can be used to ensure food security in Tajikistan.*

***Key words:*** *food security, food self-sufficiency, hunger, protectionism, liberalism, agricultural production, export, import, subsidies, agricultural policy, EU.*

УДК: 33:361.1

# ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН КАТЕГОРИЯИ ИҚТИСОДӢ

**МИРБОБОЕВ РАҲМАТУЛО МАДАЮБОВИЧ**

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17, тел.: (+992) 903 44 70 00.

**САИДОВА ХИСНИЯ МАҲМАДУЛОЕВНА**

ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17, тел.: (+992) 93-453-33-55.

*Дар мақола илмӣ мафҳуми илмии хизматрасонии иҷтимои мувофиқи фарзияҳои гуногуни илми иқтисодӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Мафҳумҳои илмӣ вобаста ба равишҳои илмию таҳқиқотии маънидодгардида шарҳу тавсиф дода шуда, инчунин ақидаҳои илмию назариявии иқтисоддонҳои ватанию хориҷӣ муқоиса карда шудааст. Асоснок карда шудааст, ки раванди доимо қонеъгардонии талаботҳои гуногуну беинтиҳои инсон дар асоси қонуни объективии афзоиши тақозо заминаи асосии хизматрасониҳои иҷтимоӣ мебошад. Муайян карда шудааст, ки мафҳуми хизматҳои иҷтимоиро аз рӯи як қатор хусусиятҳо, омилҳо, раванди иштирок дар мубодилаи меҳнат ба мол ва инчунин натиҷаи қонеъгардонии сатҳи истеъмолот ҳамчун категорияи иқтисодӣ шинохтан мумкин аст. Инчунин хизматрасонии иҷтимоӣ ҳамчун маҷмӯи намудҳо ва шаклҳои гуногуни ташкили фаъолият барои ҳифзи солимии инсон, дастрасии баробар барои дарёфти таҳсилот дар зинаҳои гуногун ва таъмини рушди фарҳангии аҳолӣ муайян карда шудааст. Пешниҳод гардидааст, ки соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар худ маҷмӯи намудҳои гуногуни фаъолият, вазифаҳо ва шаклҳои ташкилии фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодиро дар бар мегирад ва мақсади асосии онҳо натанҳо аз таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, балки аз фароҳам овардани ҳуқуқи баробар ва таъмину дастрасии ҳамаи хизматҳои иҷтимоӣ барои ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ иборат мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *хизматрасонӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ, соҳаи иҷтимоӣ, тақозо, рушди иҷтимоӣ-фарҳангӣ, сатҳи зиндагӣ, арзиш, арзиши истеъмолӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, шароитҳои иҷтимоӣ-маишӣ.*

Дар шароити муосир байни масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ бештар ба масъалаи соҳаи хизматрасонӣ, махсусан хизматрасонии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани самаранокии он диққати махсус дода мешавад.

Яке аз категорияҳои асосии назарияи иқтисодӣ мафҳуми тақозо ба ҳисоб меравад. Зарурати доимо қонеъсозии талаботҳои гуногуни аҳолӣ вобаста ба дархости қонуни объективии афзоиши тақозо заминаи ибтидоии ташкили хизматрасонӣ мебошад.

Дар низоми талаботҳо ҷои махсусро талаботҳои шахсӣ ё инфиродӣ ишғол менамояд, яъне талаботи ҳар як фард ҳамчун субъекти иҷтимоии ибтидоӣ (аввалия). Талаботҳои инфиродӣ ҳамчун муносибати инсон ба шароити фаъолияти зист, ба табиат, воситаҳои мавҷудаи зист, ҷамъият, инчунин муносибати инсон нисбати фаъолияти меҳнатӣ ва ғайра муайян карда мешавад. Тавассути қонеъгардонии талабот алоқаи инсон бо дигар объектҳои иҷтимоӣ пайдо мегардад ва ба воситаи ин алоқа талабот шакли манфиатро мегирад ва сабаби асосии тамоми муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилию техникӣ мегардад. Раванди рушди тамаддун раванди доимо навшавандаи рушд ва қонеъгардонии талаботҳои гуногун ва номаҳдуди инсонӣ мебошад. Маҳз инсон дар он ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ ва интиҳоӣ, ки талаботро ташаккул медиҳад, баромад менамояд, ки ибтидои тамоми шаклҳои фаъолияти инсонӣ мегардад.

Аз ҷониби мактаби классикии муосир хизматрасонӣ дар шакли неъмати истеъмолӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад ва дар шакли фаъолияти мақсадноки одамон пешниҳод гардидааст, ки натиҷаи он самараи манфиатнок мебошад, ки талаботи одамонро қонеъ месозад.

Пайдоиши хизматрасонӣ хусусияти таърихӣ дошта, раванди пайдоиш ва рушди зинаи муайяни ҷамъияти инсониро ифода менамояд. Хизматрасониро ҳамчун фаъолияти манфиатнок баррасӣ намуда, мо чунин меҳисобем, ки манфиатнокии хизматрасонӣ ба воситаи хислати мушаххаси меҳнат, ки арзиши истеъмолии мазкурро ба вуҷуд меорад, муайян карда мешавад.

Ҳамин тавр, хизматрасонӣ дар бисёри мавридҳо аз худи раванди меҳнат ҷудонашаванда мебошад ва дар алоҳидагӣ вуҷуд дошта наметавонад. Дар бисёри мавридҳо бо қатъ гардидани фаъолияти хизматрасонанда, масалан, хизматрасонии тиббӣ, соҳаи маориф ва ғайра, хизмат низ аз байн меравад. Аммо қайд намудан бамаврид аст, ки меҳнати одамоне, ки хизматрасонӣ менамоянд, масалан, хизматрасонии суратгирхона ё ателе, ба мол табдил меёбад. Дар соҳаи хизматрасонӣ меҳнат ҳамчун миёнарав байни фармоишгар ва хизматрасон баромад менамояд.

Мушкилии таҳлили истеҳсол ва мубодилаи хизматрасонӣ бо мувофиқати ду раванд - истеҳсол ва истеъмол фаҳмонда мешавад, ки пурракунандаи якдигар мебошанд. Вақте ки пардохти маблағ ба расонидани хизмат дар шакли пешпардохт мусоидат менамояд, хизматрасонӣ, пеш аз он, ки арзиши истеъмолии худро зоҳир намояд, ҳамчун маҳсули меҳнати ҷамъиятӣ дар шакли арзиши пулӣ намудор мешавад. Дар раванди истифодаи хизматрасонӣ, ки бо истеҳсолот якҷо меравад, арзиши истеъмолии он низ истифода мешавад.

Азбаски хизматрасонӣ дар раванди истеҳсол истеъмол мегардад, чунин ба назар мерасад, ки дар раванди мубодила иштирок карда наметавонад. Дар воқеият низ хизматрасонӣ ба муомилот дар шакли молӣ махсус ё ашё пешниҳод намегардад. Аммо арзиши истеҳсоли ин ё он хизматрасонӣ чӣ қадар аст, ба ҷамъият маълум аст, аз ин рӯ, далели пардохти хизматрасонӣ то ё баъди истеҳсолу истеъмоли он исботи мавҷудияти мубодила мебошад. Арзиши хизматрасонӣ ифодакунандаи меҳнати истеҳсолӣ мебошад, яъне хизматрасонӣ бо пул мубодила мешавад, ки дар он арзиши хизматрасонӣ шакли ашёӣ мегирад. Ба ғайр аз хизматрасониҳои бевоситаи дар шакли фаъолият мавҷудбуда, инчунин шаклҳои хизматрасоние вуҷуд дорад, ки самараи манфиатнокии онҳо дар мутобиқсозии маҳсулоти аллакай истеҳсолшуда зоҳир мегардад, масалан таъмиру барқарорсозии соатҳо, яхдону телевизорҳо, либосу пойафзол ва дигарҳо. Хусусияти ин шакли меҳнат дар он зуҳур меёбад, ки шакли молӣ дорад.

Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар пешниҳоди хизматҳои иҷтимоӣ мавқеи мақомотҳои давлатӣ нисбат ба бахши хусусӣ бештар ба назар мерасад, ки тавассути механизмҳо ва чораҳои махсус дар доираи сиёсати иҷтимоии давлат ба амал бароварда мешаванд. Албатта чунин вазъ шакли инҳисории (монополии) пешниҳоди хизматҳои иҷтимоиро тасвир менамояд, ки аз як тараф натиҷаҳои мусбӣ дорад ва аз тарафи дигар бошад, баръакс. Масалан, баъзе шаклҳои хизматҳои иҷтимоӣ (дар низоми ҳифзи иҷтимоӣ) пурра аз тарафи бахши давлатӣ пешниҳод карда мешавад, гарчанде барои бахши хусусӣ чандон манфиатбахш нест. Дар пешниҳоди дигар шаклҳои хизматҳои иҷтимоӣ рақобат байни бахши давлатӣ ва хусусӣ вуҷуд дорад ва ҳар яки онҳо кӯшиш менамоянд, ки тавассути усулҳои методию системавӣ, истифодаи технологияҳои муосир ва ғайраҳо истифодабарандагони худро пайдо намоянд.

Маълум мегардад, ки хизматҳои иҷтимоӣ вобаста ба хусусияти ҷалб ё алоқамандсозии муносибатҳои истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон моҳияти асосии худро ҳамчун категорияи иқтисодӣ васеътар менамояд. Гузашта аз ин, хизматҳои иҷтимоӣ ҳамчун предмети шартнома ё созишҳои тарафайн дар муносибатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорикунанда ҳамчун категорияи иқтисодӣ баромад менамояд.

Дар илми муосири иқтисодӣ хизматрасонӣ ҳамчун: «шакли фаъолият ё кор муайян карда мешавад, ки дар раванди иҷроиши он моли нави пештар мавҷуд набуда, маҳсулоти моддӣ-ашёии пештар истеҳсолнагардида истеҳсол намегардад, аммо сифати молу маҳсулоти мавҷудбудаи истеҳсолгашта тағйир меёбад». Ин неъматест, ки на дар шакли ашёҳо, балки дар шакли фаъолияте, ки натиҷаи дилхоҳ медиҳад, пешниҳод мегардад.

Дар адабиёти илмӣ як қатор шаклҳои гурӯҳбандии хизматрасонӣ ҷой дорад. Масалан, Хомелянский Б.Н. хизматрасониҳоро ба «истеҳсолӣ», расонидани хизмат ба истеҳсолот (хизматрасонии истеҳсолоти моддӣ) ва «хизматрасониҳои иҷтимоӣ» (тиббӣ, маориф, нақлиётӣ, хизматрасонии алоқа ва савдо) ҷудо намудааст [11,112].

Инчунин хизматрасониҳои моддӣ ва ғайримоддиро аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ба хизматрасониҳои моддӣ хизматрасониҳои коммуналӣ, маишӣ, нақлиётӣ, алоқа, савдо, таъминот, фурӯш ва ғайра дохил мешаванд. Яъне хизматрасониҳое, ки дар раванди истеҳсоли онҳо меҳнати ба ҳайси фаъолият истифодашаванда дар як вақт дар объекти худ ба мол табдил меёбад. Ба хизматрасониҳои ғайримоддӣ хизматрасониҳои тиббӣ, маориф, ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ғайра дохил мешаванд, ки бо ташкил ё барқарорсозии арзиши истеъмолии ашёҳо алоқаманд нест, яъне онҳо шакли молӣ намегиранд ва дар раванди истеҳсол истеъмол мегарданд.

Хизматрасониҳо вобаста ба сатҳи марказонӣ ба ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, вобаста ба сарчашмаи маблағгузорӣ аз низоми буҷет ба буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, аз рӯйи аломати ҳуқуқӣ бошад ба қонунӣ ва ғайриқонунӣ ҷудо мешаванд. Ба хизматрасониҳои буҷетӣ хизматрасониҳое дохил мешаванд, ки аз ҳисоби маблағгузориҳои буҷавии дар шакли хароҷот барои чорабиниҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва хоҷагии манзилӣ равона гаштаанд.

Ба хизматрасониҳои ғайрибуҷавӣ хизматрасониҳое дохил мешаванд, ки аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷавӣ, фондҳои хайриявӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ иҷро карда мешаванд.

Чунин маънидодкуниҳо хизматрасониҳои иҷтимоиро ҳамчун яке аз қисми таркибии алоқамандии ташкилотҳои иҷтимоӣ оид ба расонидани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба истеъмолкунанда дар шакли кумаки иҷтимоӣ ифода менамояд. Моҳияти хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз ҷониби ташкилотҳои соҳаи иҷтимоӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо фаъолияти худро ба қонеъсозии талаботи одамони имконияти маҳдуддошта равона месозанд. Гузашта аз ин, низоми хизматрасонии давлатӣ чунин шакли хизматрасониҳоро ба монанди таъминоти нафақа, ҷубронпулӣ, кумаки иҷтимоӣ ва ғайра дар бар мегирад.

Қайд кардан бомаврид аст, ки ошкорсозӣ ё асоснокгардонии фарзияи хизматҳои иҷтимоӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар таҳқиқотҳои иқтисоддонҳои ватанию хориҷӣ ба таври гуногун тавсиф гардидааст. Инчунин дар баъзе мавридҳо хизматҳои иҷтимоиро аз рӯи хусусиятҳо, омилҳо, натиҷанокӣ, манфиатнокӣ ва ё иштирок дар раванди истеҳсолоту истеъмолот бо равишҳои гуногунпаҳлӯи илмӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ маънидод менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбинӣ карда мешавад, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандон кафолати хизматрасонии иҷтимоиро дар низоми хизматрасонии иҷтимоии давлатӣ дар шаклҳои асосии он кафолат медиҳад». Дар моддаи 24 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» мафҳуми «хизматрасонии иҷтимоӣ» чунин маънидод карда мешавад: «хизматрасонии иҷтимоӣ – ин шакли фаъолият ё коре мебошад, ки ба қонеъсозии талаботи шаҳрвандон ба манфиати онҳо анҷом додашаванда оид ба расонидани кумак дар ҳолатҳои вазнини ҳаётӣ, оид ба пешгирии онҳо ба ҳисоб меравад».

Барои муассисаҳои иҷтимоӣ ҷиҳати ҷалби системавии ҳиссаи бештари истеъмолкунандагон усулҳо ва услубҳои тавсифи ихтироъкоридошта лозим аст, то ин ки шумораи бештари истеъмолкунандагонро ба худ ҷалб намоянд. Инҳо мукаммалгардонии механизмҳои институтсионалии рушд ва татбиқи шаклҳои инноватсионии пешниҳоди хизматҳои иҷтимоӣ барои аҳолӣ асоснок менамоянд [1,113].

Дар шароити иқтисоди бозорӣ диққати махсус ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ дода мешавад. Хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шакли ҳифзи иҷтимоии чунин гурӯҳи аҳолӣ расонида мешаванд, ки мустақилона ҳадди ақалли зисти худро таъмин намуда наметавонанд (пиронсолон, оилаҳои серфарзанд, кӯдакон, маюбон ва ғ.). Ба шакли дигари хизматрасониҳои иҷтимоӣ дастгирии иҷтимоии аҳолии нисбатан фаъол дохил мешавад, ки ба дастгирии давлат барои бартараф намудани мушкилот ниёз доранд. Дар ин ҳолат аз ҷониби давлат дар чунин шаклҳо метавонад хизматрасонӣ анҷом дода шавад: пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, имтиёз дар самти андозбандӣ, субсидияҳо ва шаклҳои гуногуни хизматрасониҳои иҷтимоӣ. Дар ин самт мақсади сиёсати давлатӣ ташкил намудани синфи миёна мебошад, ки муътадилии сиёсию иқтисодиро дар ҷамъият таъмин таъмин карда метавонад.

Дар адабиёти иқтисодӣ одатан ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ чунин хизматрасониҳоро дар шакли кумаки иҷтимоӣ ба оилаҳо ва кӯдакон, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ дар шакли дастгирии иҷтимоии аҳолӣ, расонидани кумаки иҷтимоӣ-тиббӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, психологӣ-педагогӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ-маишӣ, кумаки моддӣ, гузаронидани мутобиқшавии иҷтимоӣ ва барқарорсозии аҳолии ба шароити вазнин дучоргардида (эҳёгарӣ) дохил менамоянд. Инчунин ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар баъзе мавридҳо дастгирии иҷтимоии давлатро ба соҳибкорони инфиродӣ дар шакли пешниҳоди ҳаргуна имтиёзҳо аз фондҳои ғайрибуҷетӣ дохил менамоянд.

Як қисми муаллифон ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба ғайр аз таъминоти иҷтимоӣ ва таъминоти нафақа, инчунин хароҷоти давлатро барои соҳаи тандурустӣ ва маориф, кумак ба аҳолӣ тавассути пардохтҳо аз фонди суғуртаи ҳатмии тиббӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, шуғли аҳолиро дохил менамоянд. Аз ҷумла, мувофиқи ақидаи Раҷабов Р.К., «хизматрасонии иҷтимоӣ ин мақомоти идоракунии давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мақомоти мудофиа ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, муассисаҳои молиявӣ, суғуртавӣ ва иттифоқҳои касаба мебошанд» [8, 36]. Гарчанде ки як қатор муаллифони ватанӣ чунин таърифро ҷонибдорӣ менамоянд ва чунин меҳисобанд, ки ин таъриф нақш ва мақоми хизматрасонии иҷтимоӣ ва манфиатнокии онро барои истеъмолкунанда ифода менамояд, аммо ба ақидаи мо, ин таъриф тавсифи хизматрасониҳои иҷтимоиро пурра ифода накардааст. Ба андешаи мо, муаллиф танҳо як қатор муасиссаҳои хизматрасониҳои иҷтимоиро номбар карда, нақши онҳоро дар ташаккулёбии рушди нерӯи инсонӣ нишон надодааст. Гузашта аз ин, хизматрасониҳои иҷтимоӣ муносибати объективӣ ва субъективӣ мебошанд, ки дар ин таъриф худи хизматрасонӣ ҳамчун муносибати иқтисодии истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда нишон дода нашудааст.

Ба ақидаи мо, ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳамон шаклҳои хизматрасониҳои ғайримоддии истеъмолӣ дохил мешаванд, ки тараққиёти прогрессивии сохти иҷтимоии ҷамъиятро таъмину нигоҳ дошта метавонанд. Ба онҳо, пеш аз ҳама, хизматрасониҳои тиббӣ, маориф, хизматрасониҳо дар самти фарҳангу маданият, хизматрасонии идоракунии давлат дохил мешаванд ва истеъмолкунандаи ин навъи хизматрасониҳо аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд.

Хизматрасонии иҷтимоӣ вобаста аз хусусиятҳои истеъмолӣ аз тарафи давлат метавонад ройгон ё дар асоси имтиёз, инчунин бо пардохти маблағ аз ҷониби давлат ё ташкилотҳои дигари ғайридавлатӣ расонида шавад. Хизматҳои иҷтимоӣ ҳамчун категорияи неъматҳои ҷамъиятӣ бештар хусусияти пешниҳоди ҳатмию мунтазами хизматҳоро дорад [2,89].

Қайд намудан мумкин аст, ки ҳамон хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ки ба онҳо дар сохтори иқтисоди миллӣ аҳамияти бештар зоҳир карда мешавад, барои рушди иҷтимоии қисми зиёди аҳолӣ аҳамияти бештар доранд. Гузашта аз ин, ҳангоми коркарди сиёсати давлатии иҷтимоӣ ва барномаҳои рушди соҳаи иҷтимоӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ дар мавриди аввал ба он хизматрасониҳое таваҷҷуҳ зоҳир карда мешаванд, ки шумораи бештари истеъмолкунанда доранд. Бо дарназардошти нақш ва мақоми соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, гуфтан мумкин аст, ки ба хизматрасониҳои иҷтимоии зарурӣ дар минтақаҳо ва деҳот хизматрасонӣ дар соҳаи маориф, тандурустӣ ва фарҳангро дохил намудан мумкин аст. Инчунин, бояд қайд

намуд, ки хизматрасонии иҷтимоӣ ва хизматрасониҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ зарур аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Мувофиқи баъзе ақидаҳои дигар хизматрасониҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ зарур он хизматрасониҳое мебошанд, ки тибқи қонунҳои амалкунанда ба таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон равона гардидаанд» [9,412].

Дар илми муосир барои муайяннамоӣ ва гурӯҳбандии шаклҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ тавассути мазмун ва нишонаҳои он кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода шудааст. Ҳамин тавр, Малофеев И.В. хизматрасониҳои иҷтимоиро вобаста ба самти равонашавии онҳо гурӯҳбандӣ намуда, ба иҷтимоӣ-маишӣ, иҷтимоӣ-тиббӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, иҷтимоӣ-педагогӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ҷудо намудааст. [6,14].

Дар луғати иқтисодии муосир соҳаи иҷтимоӣ ҳамчун маҷмӯи соҳаҳо, корхонаҳо, ташкилотҳое фаҳмида мешавад, ки бевосита бо муайянсозии тарзи ҳаёт ва сатҳи зиндагии аҳолӣ, некуаҳволии онҳо алоқаманд мебошанд. Ба соҳаи иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ, тарбияи ҷисмонӣ, хизматҳои коммуналӣ, нақлиёт ва алоқа дохил карда мешавад.

Ба ақидаи мо, соҳаи хизматрасонии иҷтимоиро ҳамчун унсури сохтории иқтисодиёт дар асоси хусусиятҳои ба вай хос муайян намудан мумкин аст. Сатҳи тараққиёти он бо ҳолати комплекси амалкунандаи шабакаи муассисаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва таъминоти захиравии онҳо тавсиф дода мешавад. Ин соҳаҳо вобаста ба характер ва натиҷаи меҳнат, ташкили раванди меҳнат ва истеҳсолот, шакли тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва бо хусусияти муносибатҳои иқтисодӣ фарқ мекунанд. Вазифаи асосии фаъолиятнамоии ташкилотҳои соҳаи иҷтимоӣ қонеъсозии талаботҳои инсон мебошад.

Соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ хизматҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳимро расонида, шароитҳои мусоиди иҷтимоӣ-маиширо ба вуҷуд меоварад ва солимии аҳолиро таъмин менамояд. Инчунин ба афзоиши сатҳи таҳсилот ва фарҳанг мусоидат намуда, ҷойҳои кориро таъсис медиҳад ва маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ, ташкилӣ-техникӣ ва иҷтимоиро ифода намуда, зинаи пайвандкунандаи ҷамъият мебошад. Мавҷудияти муносибатҳои иҷтимоӣ асоси объективии фаъолияти соҳаи махсуси иқтисодӣ - соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ буда, дар зери махсусияти таъсири қонунҳои иқтисодӣ амал мекунад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ ба ақидаи мо, мувофиқи мақсад мебуд, агар истилоҳи «соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ»-ро барои тавсифи соҳаи мустақили низоми иқтисодӣ истифода намоем, ки барои фаъолияти зист ва рушди инсон, афзоиши самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад.

Асоси объективии мавҷудияти соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ҳамчун соҳаи мустақил мавҷудияти муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон оид ба қонеъсозии талаботҳо ба хизматрасониҳо мебошад. Дар ин асос, ба ақидаи мо, соҳаи хизматрасонии иҷтимоиро ҳамчун соҳаи бозтавлиди сармояи инсонии барои афзоиши самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ шароит фароҳамоваранда тавсиф додан мумкин аст.

Ҳамзамон, соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ соҳаи фаъолияти илмӣ ва хоҷагидориро низ ифода менамояд, ки мавзӯи он инсон бо талаботҳои худ мебошад. Соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар худ маҷмӯи намудҳои гуногуни фаъолият, вазифаҳо ва шаклҳои ташкилии фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодиро дар бар мегирад, ки мақсади асосии онҳо ҳифзи солимӣ ва ҳаёти инсон, фароҳам овардани ҳуқуқи баробари гирифтани таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо, кори мувофиқ ва музди кори арзанда, беҳтарсозии сифати шароити манзилӣ ва маишӣ, инчунин, мутобиқ сохтан ба воситаҳои муосири рушди иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад.

**АДАБИЁТ**

1. Ахмадов Р.Р. Формирование конкурентной среды на рынке социальных услуг Республики Таджикистан. Сборник научных трудов III Международной научно-практической конференции «Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства» 24 марта 2017г. Симферополь «ИП Хотеева Л.В.», 2017. - С.113

2. Аҳмадов Р.Р. Хусусиятҳои бозори хизматҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон. Тоҷикистон: иқтисод ва идора. Маҷаллаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе 2020, №2. - С. 89.

3. Воспроизводственный потенциал социальной инфраструктуры. - М.: Экономика, 1989. -С. 112.

4. Комилов С.Дж. Развитие инновационных процессов в сфере услуг на основе взаимодействия государства и рынка [Текст] / С.Дж. Комилов, С.Х. Умаров //Ежеквартальный журнал. 2014.- №4. - С. 231-242.

5. Кузнецов Ю.В. Проблемы управления социально-экономическим развитием России [Текст] / Ю.В. Кузнецов Ю.А. Маленьков, монография. - СПб: «ОЦЭиМ», 2003. - 258с.

6. Малофеев И.В. Социальные услуги в рыночной экономике: опыт и проблемы/И.В. Малофеев//Сервис плюс: Экономика и экономические науки. - М., 2011. -№3. - С.14-19.

7. Мирзоев Т.Х. Социально-экономические факторы снижения бедности: автореф. дис…канд. экон. Наук [Текст] / Т.Х. Мирзоев. - Душанбе, 2001. - 25с.

8. Раджабов Р.К. Региональные аспекты развития сферы платных услуг населению в условиях переходной экономики: монография/Р.К. Раджабов. -Душанбе, 2013. -С. 36.

9. Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь. - М.: «ИНФРА-М», 2001. - С. 412.

10. Саидова Ҳ.М. Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ. Ҳусния Маҳмадуллоевна Саидова. Автореф дисс. барои гир. унвони дар. н.и.и., аз рӯи ихт.08.00.01- назарияи иқтисодӣ. Душанбе, 2021, 57 саҳ.

11. Хомелянский Б.Н. Социалистическое воспроизводство. Воспроизводственный потенциал социальной инфраструктуры [Текст] / Б.Н. Хомелянский. -М.: Экономика, 1989. - С. 112.

## СОЦИАЛЬНЫЕ УСЛУГИ КАК ЭКОНОМИЧЕСКАЯ КАТЕГОРИЯ

**МИРБОБОЕВ РАХМАТУЛО МАДАЮБОВИЧ**

кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики Таджикского национального университета. 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17, тел.: (+992) 903 44 70 00.

**САИДОВА ХИСНИЯ МАХМАДУЛОЕВНА**

ассистент общеуниверситетской кафедры экономической теории Таджикского национального университета. 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17, тел.: (+992) 93-453-33-55

*В научной статье рассматриваются научные понятия социальное услуги в соответсвие с разнообразными экономическими феноменами как экономическая категория. Характеризуются научные понятия констатирующие научно-исследовательскими подходами, а также сравниваются научно-теоретические взгляды отечественных и зарубежных экономистов. Обосновано, что на основе объективного закона процесс удовлетворения потребности человека первоначальное является спрос. Определено, что понятие социальных услуг можно познавать как экономическую категорию, когда характеризуются рядом особенностей, факторами, процесс участия в обмене труда товару, а также результатом удовлетворения уровня потребности. Также, определено, что социальное обслуживание является комплексом видов и разнобразных форм деятельности для социальной защиты населения, равная доступность обучения в различной степени образования и обеспечение культурного развития населения. Предложено, что сфера социальных услуг включает комплекс разновидной деятельности, миссии и форм организации социально-экономической деятельности, целью которых являяется не только обеспечение социальной защиты населения, а обесепечение равными правами и условиями доступности социальных услуг для всех социальных групп населения.*

***Ключевые слова:*** *услуги, социальное обслуживание, социальная сфера, спрос, социально-культурное развитие, уровень жизни, потребительская оценка, социальная защита, социально-бытовые условия.*

## SOCIAL SERVICES AS AN ECONOMIC CATEGORY

**MIRBOBOEV RAKHMATULO MADAYUBOVICH**

candidate of economic sciences, associate professor of the department of world economy, Tajik National University. 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, tel.: (+992) 903 44 70 00.

**SAIDOVA KHISNIYA MAKHMADULOEVNA**

assistant to the university-wide department of economic theory, Tajik National University. 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, tel.: (+992) 93-453-33-55

*The scientific article examines the scientific concept of social services in accordance with various economic phenomena as an economic category. Scientific concepts that state scientific research approaches are characterized, and the scientific and theoretical views of domestic and foreign economists are compared. It has been substantiated that, on the basis of an objective law, the process of satisfying human needs is the initial demand. It has been determined that the concept of social services can be understood as an economic category, when they are characterized by a number of features, factors, the process of participation in the exchange of labor with goods, as well as the result of satisfying the levels of need. Also, it is determined that social services are as a complex of types and various forms of activity for social protection of the population, equal accessibility of education in various degrees of education and ensuring the cultural development of the population.*

*It is proposed that the sphere of social services includes a complex of various activities, missions and forms of organizing socio-economic activities, the purpose of which is not only to provide social protection to the population, but to ensure equal rights and conditions for the availability of social services for all social groups of the population.*

***Key words:*** *services, social services, social sphere, demand, socio-cultural development, standard of living, consumer assessment, social protection, social conditions.*

**УДК: 331.08**

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ БАМЕЪЁРГИРӢ ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ ҲОСИЛНОКИИ МЕҲНАТ ДАР ТАШКИЛОТҲО

**ВАСИЕВ ФАРИДУН МАҲМАДОВИЧ**

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17, тел.: (+992) 905 40 40 14, Email: faridun.75@bk.ru

*Дар мақола аз тарафи муаллиф асосҳои назариявии бамеъёргирӣ ва таъсири он барои баланд бардоштани ҳосинокии меҳнат дар ташкилотҳо баррасӣ мешавад. Муаллиф қайд менамояд, ки баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат роҳи асосии пешравии иқтисодии кишварҳои рушдёфта мебошад. Дар шароити имрӯза самти стратегии таъмини пешравии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин ташкили механизми баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар тамоми корхонаву ташкилотҳо мебошад. Ҳамзамон, қайд карда мешавад, ки аввалин бор роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳои ИМА истифода шудаанд. Аз тарафи муаллиф мафҳуми ҳсилнокии меҳнат муайян шудааст, ҳамин тавр ҳосилнокии меҳнат ин муносибати байни маҳсулоти истеҳсолшуда ва хароҷотҳои истеҳсолӣ, ки барои ҳамин маҳсулот сарф шудаанд, мебошад. Системаи хароҷотҳо вобастаанд аз чунин нишондиҳандаҳо: меҳнат (захираҳои инсонӣ), сармоя (пули нақд, технология, таҷҳизот ва ҳамаи активҳое, ки фоида меоваранд), энергия (қувваи барқ, сӯзишворӣ, гармӣ ва ғ.),*

*масолеҳи истифодашаванда ва иттилоот. Сатҳи ҳосилнокии меҳнатро муайян намудааст, ки он дар панҷ сатҳ истифода бурда мешавад. Ҳамчунин дар мақола, муаллиф сохтори элементҳои арзиши бозори молро нишон дадааст.*

*Дар мақола аз тарафи муаллиф асоснок шудааст, ки яке аз роҳҳои стратегии баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳо, ин ҷорӣ намудани бамеъёргирии меҳнат мебошад. Ҳамин тавр, муаллиф вазифаҳои бамеъёргирии меҳнатро муайян намудааст. Аз тарафи муаллиф муайян шудааст, ки истифодаи оқилонаи вақти корӣ, самти асосии болоравии истеҳсолот мебошад. Дар ҳамин асос, муаллиф усулҳои омӯзиши сарфи вақти кориро пешниҳоднамудааст. Дар охир, муаллиф мисоли гузаронидани хронометражро нишон дода онро таҳлил намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳосилнокии меҳнат, вақти корӣ, бамеъёргирии меҳнат, самаранокии меҳнат, корхона, истеҳсолот, коргари кироя, таъмини рақобатнокии корхона, нархи маҳсулот.*

Дар натиҷаи фаъолияти корхонаҳо маҳсулот истеҳсол шуда хизматрасониҳое пешниҳод мегарданд, ки аввал аз рӯи ҳаракатҳои истеҳсолӣ ё арзиши аслӣ ва дуюм аз рӯи нархи бозорӣ муайян мешаванд. Ин ҳар ду нишондиҳандаҳо, аз рӯи ҳар як намуди молу маҳсулот, дар муддати вақти муайян фоида ва самаранокии истеҳсолотро нишон медиҳанд. Ҳамчунин натиҷаи истеҳсолот аз рӯи муқоисаи ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда бо арзиши фоидаҳои асосии истеҳсолии корхона, шумораи коргароне, ки ба истеҳсоли ҳамин маҳсулот машғуланд, муқоиса карда мешавад.

Баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат роҳи асосии пешравии иқтисодии кишварҳои рушдёфта мебошад. Дар шароити имрӯза самти стратегии таъмини пешравии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин ташкили механизми баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар тамоми корхонаву ташкилотҳо мебошад.

Дар ҳамон давра, дар корхонаҳои истеҳсолии ИМА коркарди миёнаи як воҳиди маҳсулотро барои як коргари истеҳсолкунанда муайян мекарданд. Баъд аз он мувофиқи ҳосилнокии меҳнати ҳар як коргар музди меҳнат ҳисоб карда мешавад. Охири солҳои 1950-ум дар корхонаҳои истеҳсолӣ ҳосилнокии меҳанти натанҳо ҳар як коргарро дар алоҳидагӣ, балки ҳосилнокии меҳнати ҳамаи коргарони ба истеҳсолот ҷалбшударо дар якҷоягӣ ҳисоб менамуданд. Дар муддати хело кӯтоҳ (як - ду сол) ҳамин намуди ҳисобҳо дар дигар соҳаҳои иқтисодиёт истифода мешуданд.

Дар Тоҷикистон ҳамчун яке аз ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ то аввали солҳои 90-уми асри гузашта дар корхонаву ташкилотҳо ба нишондиҳандаи «ҳосилнокии меҳнат» аҳамияти калон дода мешуд, аммо пас аз пош хӯрдани ҳокимияти шӯравӣ то имрӯз аксари корхонаҳо ҳамин нишондиҳандаро ба назар намегиранд. Ин ҳолат ба рушди истеҳсолот, иқтисодиёт ва умуман рушди ҷомеа таъсири манфӣ расонид. Имрӯзҳо дар давлатҳои аз ҷиҳати

иқтисодӣ рушдёфта (ИМА, Ҷопон, Олмон, Италия, Фаронса, Британияи Кабир ва дигар давлатҳо) мафҳуми ҳосилнокӣ ҳамчун нишондиҳандаи муҳими самаранокии фаъолияти корхонаҳо хело васеъ истифода мешавад. Дарҷ намудан лозим аст, ки ҳамин мафҳум нисбат ба мафҳуми ҳосилнокии меҳнат хеле васеътар мебошад.

Иқтисодчии америкоӣ Д. Скотт Синни дар асари илмиаш «Управление производительностью: планирование, измерение, контроль и повышение» менависад: «Ҳосилнокӣ – ин муносибати байни маҳсулоти истеҳсолшуда ва хароҷотҳои истеҳсолӣ, ки барои ҳамин маҳсулот сарф шудаанд, мебошад. Системаи хароҷот вобастаанд аз чунин нишондиҳандаҳо: меҳнат (захираҳои инсонӣ), сармоя (пули нақд, технология, таҷҳизот ва ҳамаи активҳое, ки фоида меоваранд), энергия (қувваи барқ, сӯзишворӣ, гармӣ ва ғ.), масолеҳи истифодашаванда ва иттилоот. Ҳамин захираҳо ба маҳсулот (мол ё хизматрасонӣ) мубаддал мегарданд. Ҳосилнокӣ – ин муқоисаи шумораи маҳсулотест, ки дар як вақти муайян истеҳсол намудааст, нисбат ба шумораи захираҳои истифодашуда барои бунёд ё истеҳсоли ҳамин маҳсулот дар давоми вақти муайян» [13,29].

Бо мақсади баҳогузории ҳосилнокӣ, натиҷаҳои истеҳсолотро бо хароҷотҳо муқоиса кардан лозим аст: ба хароҷотҳо натанҳо меҳнат тааллуқ дорад, ҳамчунин масолеҳ, таҷҳизот, технология, замин, энергия в. ғ. Нишондиҳандаҳои болоравии ҳосилнокӣ дар корхонаҳо инҳоянд:

– зиёд намудани шумораи маҳсулот, ки дар як вақти муайян истеҳсол мешавад ва сифати он тағйир намеёбад;

– баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда бо шарти тағйир наёфтани шумораи маҳсулот, ки дар як вақти муайян истеҳсол мешавад;

– кам кардани хароҷоти меҳнат (сарфи вақти корӣ ва қувваи корӣ) барои истеҳсоли як воҳиди маҳсулот;

– кам кардани ҳиссаи харҷоти меҳнат (вақт ва қувваи корӣ) дар арзиши аслии маҳсулот;

– ихтисори вақт барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот;

– баланд бардоштани ҳаҷм ва меъёри фоида.

Чӣ тавре ки мебинем, ҳар яки ин нишондиҳандаҳо дар алоҳидагӣ ва дар якҷоягӣ барои иқтисоди корхонаҳо ва баланд бардоштани сатҳи ҳосилнокӣ аҳамияти калон доранд. Хусусан дар асри XXI дар шароити имрӯзаи глобализатсияи иқтисодиёт, вақте ки дар бозори мол, хизматрасониҳо ва меҳнат рақобат байни истеҳсолкунандагон тезутунд шуда истодааст, ҳосилнокӣ аҳамияти бузург дорад.

Дар солҳои охир шакли маъмули баландбардории сатҳи такмили ихтисос ва баргузории тренингҳо паҳн гардида истодааст. Корхона кадрҳои

касбиро даъват намуда, дар ҷои кори коргарон, корхонаҳо ва ё дар марказҳои таълимотӣ таълимот гузаронида мешавад [14,70].

Самти асосии таъмини рақобатнокии молу маҳсулоти истеҳсоли Тоҷикистон дар бозори минтақа ва ҷаҳон, ин баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар тамоми корхонаву ташкилотҳои ҷумҳурӣ мебошад.

Имрӯз дар давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққиёфта дар баробари нишондиҳандаи «ҳосилнокӣ», ҳамчунин нишондиҳандаи «ҳосилнокии меҳнат» васеъ истифода мешавад. Дар корхонаҳои истеҳсолии ҳамин давлатҳо ҳосилнокии меҳнат дар якчанд сатҳ дида баромада мешавад. Мисол:

1. Ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи ҳар як коргар.
2. Ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи корхона.
3. Ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи саҳаҳои иқтисодиёт.
4. Ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи минтақа.
5. Ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи иқтисодиёти давлат.

Ҳар як корхона иқтидор ва сатҳи муайяни ҳосилнокии меҳнати худро дорад. Тағйирёбии ҳамин сатҳ дар вақти корӣ динамикаи ҳосилнокии меҳнатро нишон медиҳад. Ба тағйирёбии сатҳи ҳосилнокии меҳнат меҳнати экстенсивӣ ва интенсивӣ, ҳамчунин истифодабарии техникаю технология ва ташкили ҷараёни кор таъсиррасонанд.

Самаранокии меҳнат, сатҳи истифодаи вақти корӣ ва давомнокии онро дар давоми басти корӣ, рӯзи корӣ, ҳафтаи корӣ ва ғайра нишон медиҳад.

Чӣ қадаре, ки вақти корӣ пурра истифода бурда мешавад, ҳамон қадар талафи бефоидаи вақти корӣ камтар аст; чӣ қадаре, ки басти корӣ тӯлонӣ бошад, ҳамон қадар сатҳи ҳосилнокии меҳнат болотар аст. Мувофиқи қонунгузорӣ рӯзи корӣ набояд аз 8-соат зиёд бошад.

Меҳнати интенсивӣ сатҳи бевосита бо кор (истеҳсолот) машғул будан ва вазнинии кори иҷрошавандаро дар давоми вақти корӣ муайян менамояд, ки аз рӯи ҳаҷми энергияи сарфкардаи одам дар ҳамин вақт чен карда мешавад. Яъне, чӣ қадаре, ки сатҳи меҳнати интенсивӣ баланд бошад, ҳамон қадар ҳосилнокӣ баландтар мегардад.

Меҳнати интенсивӣ – омили муҳими ҳосилнокӣ мебошад, ки истифода бурдани меҳнати коргаронро дар асоси риояи меъёрҳои истифодаи энергияи инсон дар бармегирад.

Сарчашмаи муҳими баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи иқтисодиёти давлат инҳоянд:

- рушди илму техника;
- такмилдиҳии техникӣ–технологӣ ва ташкили ҷараёни истеҳсолот;
- ихтирои масолеҳ ва энергияи сифатан наву арзон.

Дар шароити муосир барои муайян намудани ҳосилнокии меҳнат, ки мувофиқи назарияи омилҳои истеҳсолот (Ж.Б.Сей) ҳисоб карда мешавад, бояд сохтори элементҳои арзиши бозории молро дида бароем.

Сохтори элементҳои арзиши бозори мол ҳашт элементро дарбар мегирад:

1. Нархи ашё, масолеҳ, масолеҳи нимтайёр, қисмҳои эҳтиётие, ки харидорӣ мешаванд;
2. Нархи энергияи истифодашаванда дар истеҳсолот;
3. Амартизатсия аз нархи таҷҳизоти истеҳсолӣ, бино, иншоот;
4. Музди меҳнати ҳайати кормандон;
5. Аз музди меҳнат пардохти фондҳои иҷтимоӣ;
6. Фоида аз истифодаи сармоя;
7. Рентаи замин;
8. Фоида аз фаъолияти соҳибкорӣ.

Чӣ тавре ки таҷрибаи имрӯзаи давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта нишон медиҳад, ҳисобу китоб ва муайян намудани ҳосилнокии меҳнат барои муқоисаи нишондиҳандаҳои истеҳсолии корхона алоҳида, байни якдигар ва ҳамчунин дар сатҳи соҳа, иқтисоди миллӣ ва дар сатҳи байналмилалӣ бо дигар корхонаҳо барои муқоиса ва стратегияи таъмини сатҳи устувори рақобатнокии корхонаҳо (истеҳсолкунандагон)-и ватанӣ дар бозорҳои минтақа ва ҷаҳон аҳамияти бузург дорад.

Аҳамияти калони ҳосилнокии меҳнат барои корхонаҳо ва тамоми ҷомеа, омӯзиши ҳамаи омилҳо ва захираҳои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнатро боз ҳам арзишманд месозад.

Омилҳое, ки ба ҳосилнокии меҳнат таъсир мерасонанд, ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

- моддӣ – техникӣ;
- ташкилӣ – иқтисодӣ;
- иҷтимоӣ – психологӣ.

Омилҳои моддӣ – техникӣ бо истифодабарии техника ва таҷҳизоти нав, технологияҳои инноватсионӣ, намудҳои нави ашё ва масолеҳ вобастаанд. Масъалаи такмилдиҳии ҳосилнокӣ бо роҳҳои зерин иҷро мешавад:

- нав кардани таҷҳизотҳо;
- ивази таҷҳизоти куҳнашуда;
- баланд бардоштани сатҳи механизатсияи истеҳсолот;
- автоматизатсиякунонии истеҳсолот, ҷорӣ намудани таҷҳизоти автоматӣ, истифодаи хатҳои автоматӣ (конвейр);
- ба истеҳсолот ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ;
- истифодаи ашёи сифатан нав в.ғ.

Пешравии илмӣ-техникӣ сарчашмаи асосии баланд бардоштани сатҳи ҳосилнокии меҳнат аст. Аз ҳамин сабаб, барои дар ҷараёни истеҳсолот истифода бурдани дастовардҳои прогресси илмӣ-техникӣ, пеш аз ҳама лозиманд:

- сармоягузорӣ барои харидории техникаи нав,
- ворид намудани технологияҳои пешқадам,
- хароҷот барои фондҳои истеҳсолӣ,
- мошину таҷҳизотҳои маҳсулнок.

Дар корхонаҳои кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта, бо мақсади истифодаи захираҳои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, стратегияи чорабиниҳои ташкилӣ-техникӣ муайян мешаванд, ки онҳо намудҳои захираҳо, чорабиниҳо доир ба истифодаи захираҳо, хароҷотҳо, муҳлати иҷро ва мутасаддиёнро муайян менамоянд.

Бамеъёргирии меҳнат, ин ҷараёни муайян намудани меъёри меҳнат, яъне меъёрҳои асоснокшудаи сарфи вақти корӣ барои иҷрои корҳои муайян мебошад. Меъёрҳои меҳнат барои таъмини фаъолияти самараноки корхона, ташкилот ва идора лозиманд.

Танҳо дар асоси меъёри меҳнат меҳнатғунҷоиши маҳсулоти истеҳсолшавандаро (корҳои иҷрошаванда ва пешниҳодшавандаро) муайян намудан мумкин аст. Ҳамчунин, меъёрҳои меҳнат имконият медиҳанд, ки хароҷотҳои ояндаро дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ ва муқоиса кардани ҳамин хароҷотҳоро бо тағйирёбии нарх, талабот ва таклифот дар бозор ҳисобу китоб намоем ва даромади корхонаро дар моҳҳои оянда ба нақша гирем. Ҳамаи ин барои сарфакорона истифодабарии захираҳои меҳнатӣ аҳамияти калон дорад. Махсусан дар шароити муносибатҳои бозорӣ, ки рақобатнокӣ байни истеҳсолкунандагон баланд аст, бо такя ба меъёрҳои меҳнат стратегияи оқилонаи идоракунии истеҳсолот ва рафтори дурусти соҳибкорро дар бозори рақобатноки мол ва хизматрасониҳо муайян кардан мумкин аст.

Аксбардории вақти корӣ ин усули омӯзиши вақти кориест, ки тамоми сарфи вақти кории коргар дар як давраи муайян чен карда мешавад. Агар аксбардории вақти корӣ бо мақсади омӯзиши сарфи беҳудаи вақти корӣ гузаронида шавад, пас мушоҳида дар шароити ҷории системаи ташкили меҳнат ҷараён мегирад. Омӯзиши пешакии норасоиҳои системаи ташкили меҳнат, имконият медиҳад, ки мушоҳида босифат гузарад ва дар асоси натиҷаҳои он як қатор чорабиниҳо доир ба беҳтар намудани ташкили меҳнат коркард ва пешниҳод шаванд.

Агар аксбардории вақти корӣ бо мақсади муайян намудани меъёр ё нормативҳо гузаронида шавад, пас норасоиҳои мавҷудбуда дар системаи ташкили меҳнат бояд то оғози аксбардорӣ шурӯъ шавад.

Дар мавриди аксбардории вақти кории инфиродӣ истифодабарии вақти корӣ як коргар дар давоми сменаи корӣ ё ҳафтаи корӣ омӯхта мешавад.

Мушоҳида ва омӯзиши сарфи вақти корӣ бо роҳи бақайдгирии ҳамаи омилҳои коргар, ҳамчунин дар давоми рӯзи корӣ гузаронида мешавад. Дар ҳамин ҷо вақти сарфшуда барои анҷоми ҳар як амалиёти коргар дар давоми рӯзи корӣ ба қайд гирифта мешавад. Анҷоми як амалиёт якбора маънои оғози амалиёти навро барои коргар дорад.

Мисоли пур кардани варақаи мушоҳида бо усули аксбардории вақти кориро бо тартиби зерин пешниҳод мекунем.

1. Баъди ба анҷом расидани мушоҳида дар ҷараёни таҳлили варақаи пуршудаи давомнокии ҳар як намуди сарфи меҳнати коргар барои ҳар як амалиёти истеҳсолӣ муайян карда мешавад. Ҳаҷми кори иҷрошудаи коргар бо меъёрҳои муайяншуда барои иҷро ҳамин намуди корҳо муқоиса карда мешавад, ки он дар болои варақаи мушоҳидаи аксбардории вақти корӣ қайд карда мешавад.
2. Баъд аз азназаргузаронӣ ва коркарди маълумотҳои инфиродии аксбардории вақти корӣ аз рӯи барои иҷрои вазифаҳои истеҳсолии якхела ҷадвали умумӣ тартиб дода мешавад, ки дар он нишондиҳандаҳои сарфи вақти кории ҳамаи коргарони бригада ё қитъаи истеҳсолӣ оварда шудаанд. Аз он ҷумла, нишондиҳандаҳои сарфи вақти корӣ барои омодашавӣ ва ҷамъбасти кор, вақти фаврӣ, вақти истироҳат ва ғайра.

**Формаи 12.1. Варақаи мушоҳидабарӣ бо усули аксбардории вақти кории инфиродӣ**

| Корхона | | Варақаи мушоҳидабарии №___ аксбардории вақти кории инфиродӣ | | Бригада, сех ё участкаи истеҳсолӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| Таърихи рӯз | | Оғози мушоҳида 8.00 | Анҷоми мушоҳида | Танаффус: | |
| № п/п | Намудҳои сарфи вақти корӣ | Вақти ҷорӣ, дақика | Сарфи вақти корӣ, дақиқа | Вақти иловагӣ | Индекс |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 1. | Коргар ба ҷои кор ҳозир шуд | 8.00 | - | - | - |
| 2. | Коргар вазифаи .. истеҳсолӣ барои иҷро гирифт | 8.12 | 12 | - | Вақти омодагӣ |
| 3. | Асбобҳои корӣ ва масолеҳ барои иҷрои кор | 8.30 | 18 | - | Вақти омодагӣ |
| 4. | Ба кор даровардани …. (таҷҳизот) | 8.36 | 6 | - | Вақти омодагӣ |
| 5. | Иҷрои амалиёти истеҳсолӣ (вақти фаврӣ) | 8.58 | 22 | - | вақти фаврӣ |
| 6. | Ивази асбоби корӣ ва танзими …..(таҷҳизот) | 9.03 | 5 | - | Вақти хизматра-сонии таҷҳизот |

**Таҳияи муалиф:**

Дар асоси ҳамин гуна ҷадвал шартан аксбардории умумии рӯзи корӣ барои ҳар як коргари корхона тартиб дода мешавад. Мақсади асосии ҳамин ҷадвал муайян намудани сарфи вақти кории ҳар як коргар дар давоми рӯзи

корӣ (сменаи корӣ) аз рӯи ҳар як индекс (вақти омодашавӣ ва ҷамъбасти кор, вақти фаврӣ, вақти хизматрасонии таҷҳизоти истеҳсолӣ ва ғайра).

Дар асосии нишондодҳои ҷадвали шартан умумӣ натиҷаҳои мушоҳидаи аксбардории рӯзи корӣ таҳлил карда мешавад. Дар ҷараёни гузаронидани таҳлил нишондодҳои зерин муқоиса карда мешаванд:

а) сарфи вақти корӣ (дақиқа) барои омодашавӣ ва анҷоми кор;

б) сарфи вақти корӣ барои хизматрасонии ҷои кор;

в) сарфи вақти корӣ барои истироҳати коргар.

Таҳлили ҷадвали шартан умумии аксбардории рӯзи корӣ им конияти медиҳад, ки сарфи беҳудаи вақти корӣ ғайриоқилона истифода бурдани вақти корӣ ва сабабҳои он ва дигар норасоиҳоро муайян намоем. Ҳамчунин дар асоси ҳамин таҳлил сарфи лозимаи вақти кориро (меъёр) барои иҷрои ҳар як амалиёти истеҳсолӣ муайян намояд.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлили нишондодҳо тавозуни сарфи вақти кории ҷорӣ ва барои вақти банақшагирифташуда тартиб дода мешавад. Аз рӯи натиҷаҳои таҳлили нишондодҳои аксбардории вақти кории инфиродии коргарон як қатор чорабиниҳо вобаста ба бартараф намудани норасоиҳо дар истифодаи самаранокии вақти корӣ кор карда баромада мешаванд.

Аксбардории вақти кории гурӯҳӣ барои мушоҳидабарии яквақтаи гурӯҳи коргарон (коргарои бригада, сех, қитъаи истеҳсолӣ ва ғайра) истифода бурда мешавад. Аксбардории вақти кории гурӯҳӣ бо усули мушоҳидабарӣ дар муҳлати муайян гузаронида мешавад. Ҳамин усул дар истифодабарии назарияи эҳтимолият асос ёфтааст. Мақсади асосии исифодаи ҳамин усул сарфи вақти корӣ нест, мақсади асосӣ – ин бақайдгирии такроршавии амалиётҳои истеҳсолӣ дар ҷараёни фаъолияти меҳнатии гурӯҳи кормандон дар давоми сменаи корӣ мебошад. Мувофиқи ҳамин мақсад мутахассиси мушоҳидабаранда бояд нишондиҳандаҳои зеринро муайян намояд:

1. Шумораи амалиётҳои истеҳсолӣ, ки сохтори умумии сарфи вақти кориро ифода менамояд.
2. Тартиби мушоҳидабарии ҷойҳои корӣ (бригадаҳо, сехҳо, қитъаҳои истеҳсолӣ)–и корхона.

Худаксбардории рӯзи корӣ аз тарафи худи коргарон гузаронида мешавад. Мақсади ҳамин гуна мушоҳида муайян намудани сарфи беҳудаи вақти корӣ бо сабаби дигар омилҳо (на бо айби коргар) мебошад.

Аксбардории вақти кории истифодаи таҷҳизоти истеҳсолӣ – ин тарзи мушоҳида низ аз рӯи усули аксбардории рӯзи кории коргарон гузаронида мешавад. Мақсади ҳамин мушоҳида муайян намудани захираҳои вақти корӣ барои истифодаи оқилонаи таҷҳизоти истеҳсолӣ, ҳамчунин муайян

намудани ҳосилнокии таҷҳизоти истеҳсолӣ ва вақти хизматрасонии он мебошад.

Хронометраж – ин мушоҳидабарии элементҳои амалиётҳои истеҳсолии коргарон дар ҷараёни вақти фаврӣ, ҳамчунин элементҳои омодашавӣ ва ҷамъбасти кор ва дигар элементҳои сарфи вақти корӣ мебошад. Вазифаи асосии хронометраж ин муайян намудани сарфи вақти корӣ барои иҷрои ҳар як элементи дар ҷараёни фаъолияти истеҳсолӣ, яъне коркарди меъёрҳо ва нормативҳои меҳнатӣ мебошад. Дигар вазифахои хронометраж ин муайян намудан ва омӯхтани усулҳои оқилонаи иҷрои амалиётҳои истеҳсолӣ ва сарфи вақти корӣ, тафтиш кардани меъёрҳои якчанд вақт пештар муайяншуда, ки аз тарафи баъзе коргарон бо сабабҳои гуногун иҷро намешаванд.

Дар мавриди омодашавии мутахассис барои гузаронидани хронометраж вақти ба кор даровардан ва хомӯш кардани сониясанҷ муайян карда мешавад, ки он бояд оғоз ва ҷамъбасти вақти иҷрои элементи амалиёти истехсолиро ифода намояд. Дар ҷараёни гузаронидани хронометраж бояд ҳамаи коргарони қитъаи истеҳсолӣ ё бригада иштирок намоянд, ки ба ҳамаи онҳо иҷрои як хел вазифа ва якхел шароитҳо муҳайё мешавад.

Ҳамин тавр дар асоси гузаронидани хрономантаж дар қитъаи истеҳсолии муайян барои иҷрои як амалиёти истеҳсолӣ меъёр 16,5 дақиқа муайян карда мешавад.

## АДАБИЁТ

1. Асалиев А. М. Экономика труда: Учебное пособие / А.М. Асалиев, Г.Г. Вукович, Л.И. Сланченко. - М.: НИЦ ИНФРА-М, 2019. - 171 с.

2. Базарова Т.Ю. Управление персоналом: Учебник 4-е издание. - М.: ЮНИТИ, 2018. - 365с.

3. Бурганов Р.Ф. - Научная организация труда: история и современность Экономический анализ: теория и практика - 2017г. №44 Бухалков, М.И. Организация и нормирование труда: Учебник для вузов / М.И. Бухалков. - 4-е изд., испр. и доп. - М.: НИЦ ИНФРА-М, 2018. - 380 с.

4. Воеводина Е.И., Бурыкин, А.Д. Аналитический метод нормирования труда / Вестник научных конференций. 2018. № 10-5 (14). С. - 35-37.

5. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. Асосҳои методологӣ. Қисми 1. Душанбе 2005. 500 с.

6. Генкин Б.М. Экономика и социология труда: Учебник / Б.М. Генкин. - М.: Норма, 2017. - 328 с.

7. Кибанов А.Я. Экономика и социология труда: Учебник / А.Я. Кибанов, И.А. Баткаева, Л.В. Ивановсккая. - М.: Инфра-М, 2018. - 160 с.

8. Косенко Т.Г. Факторы совершенствования организации труда на предприятии / Вестник Калужского университета. 2018. № 3 (32). С. 58-61.

9. Кречетников К.Г., Шамрин, Д.С., Левченко, С.О. Организация труда персонала в Японии / Новое слово в науке и практике: гипотезы и апробация результатов исследований. 2018. № 22. С. 184-189.
10. Панченко А.Ю. Обоснование и оптимизация норм труда как фактор оценки эффективности трудовых процессов / Наука и бизнес: пути развития. 2018. № 11. С. 50-53.
11. Притулин С. В. Основы управления производительностью труда в организациях // Молодой ученый. - 2019. - №3. Т.1. - С. 187-190.
12. Рофе А.И. Экономика труда: учебник для вузов. М.: КНОРУС, 2015.
13. Синни Д.С. Управление производительностью: планирование, измерение и аций, контроль и повышение/ тарҷума аз забони англисӣ В.И. Данилова. М.:Праргесс, 1989. - С.29.
14. Шамсов И.С. Взаимодействия рынка труда и системы подготовки кадров в условиях цифровизации экономики. Таджикистан: экономика и управление. Научный журнал. Таджикского национального университета 2020№1, Душанбе 2020, - С. 70.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ НОРМИРОВАНИЯ И ПОВЫШЕНИЯ ПРОИЗВОДИТЕЛЬНОСТИ ТРУДА В ОРГАНИЗАЦИЯХ

**ВАСИЕВ ФАРИДУН МАҲМАДОВИЧ**

кандидат экономических наук, доцент кафедры управления человеческими ресурсами Таджикского национального университета, 7340025, Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки 17, тел: +992 905 40 40 14. Email: faridun.75@bk.ru

*В статье автором исследуются теоретические основы нормирования и их влияние на повышение производительности труда в организациях. Автором отмечается, что повышение производительности труда является главным направлением экономического развития передовых стран мира. В современных условиях, стратегическим направлением устойчивого развития экономики Таджикистана является организация механизма повышения производительности труда во всех организациях и предприятиях. Также автором отмечается, что впервые методы повышения производительности труда были использованы на предприятиях США. Автором приведено определение производительности труда, производительность труда, это производство единицы продукции или оказание определенных услуг за определенное время. Системы расходов относительно производительности труда зависит от следующих факторов, человеческие ресурсы, капитал, энергия, используемое сырьё и информация. Автором определяется, что установление уровня производительности труда возможно на пяти уровнях.*

*В статье автором обосновывается, что стратегическим направлением повышения уровня производительности труда на предприятиях, является внедрение системы нормирования труда. Таким образом, автор определяет важность и значение нормирования труда. Автором определено, что рациональное использование рабочего времени, является главным направлением повышения производительности. На этой основе, автором предлагаются методы определения рациональности рабочего времени. В заключении автор приводит пример проведения хронометража и его анализа на предприятиях.*

***Ключевые слова:*** *производительность труда, рабочее время, нормирование труда, эффективность труда, предприятие, производство, наемный работник, обеспечение конкурентоспособности предприятия, цена продукции.*

## THEORETICAL FRAMEWORK FOR RATING AND INCREASING LABOR PRODUCTIVITY IN ORGANIZATIONS

**VASIEV FARIDUN MAMADOVICH**

candidate of economic sciences, associate professor of the department human resource management Tajik National University. 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, tel: +992 905 40 40 14, Email: faridun.75@bk.ru

*In the article, the author examines the theoretical foundations of rationing and its influence to increase labor productivity in organizations. The author notes that increasing labor productivity is the main direction of the economic development of the advanced countries of the world. In modern conditions, the strategic direction of sustainable development of the economy of Tajikistan is the organization of a mechanism for increasing labor productivity in all organizations and enterprises. The author also notes that for the first time methods of increasing labor productivity were used at US enterprises. The author provides the definition of labor productivity, labor productivity, is the production of a unit of output or the provision of certain services for a certain time. Cost systems in relation to labor productivity depend on the following factors, human resources, capital, energy, raw materials used and information. The author determines that the establishment of the level of labor productivity can be at five levels.*

*In the article, the author substantiates that the strategic direction of increasing the level of labor productivity at enterprises is the introduction of a labor rationing system. Thus, the author defines the importance and significance of labor rationing. The author determined that the rational use of working time is the main direction of increasing productivity. On this basis, the author proposes methods for determining the rationality of working time. In conclusion, the author gives an example of timing and its analysis at enterprises.*

***Key words:*** *labor productivity, working hours, labor rationing, labor efficiency, enterprise, production, employee, ensuring the competitiveness of the enterprise, product price.*

УДК: 330.115

## ТАЛАБОТҲОИ МУОСИРИ ОМОДАКУНИИ КАДРҲО ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

**ИСКАНДАРОВ ҲОФИЗ ҲАКИМОВИЧ**

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17. тел.: (+992) 988-28-60-05. E-mail: hofiz.iskandarov@mail.ru.

*Дар мақолаи илми тавсифу тафсири мафҳумҳои навини иқтисодиёти рақамӣ, маҷмӯи муносибатҳои навин, доираҳои асосии иқтисодиёт, пулҳои электронӣ, техникаю технологияҳои замони муоссир, самаранок истифодабарии захираҳои маҳдуди иқтисодӣ, роҳҳои навини қонеъ намудани талаботҳои инсон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Асоснок карда шудааст, ки дар шароити рушди суръати технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва ҳамзамон тағйир ёфтани маҷрои рушди иқтисодиёти навин, нақши*

*пулҳои электронӣ нисбат ба пулҳои коғазӣ ҳамчун эквиваленти умумӣ афзоиш меёбад. Истеҳсоли қисми зиёди маҳсулотҳо бошад, дар асоси фармоишу дастрасӣ мубодила мегардад. Иқтисодиёти рақамӣ яке аз тамоюлгари асосӣ дар омодакунии кадрҳо тавсиф дода шуда, барои аз байн бурдани ҳама он омилҳое, ки монеаи рушд ва инкишофёбии захираҳои инсонӣ мегардад воситаи муҳими муосир мебошад.*

*Муайян карда шудааст, ки кадрҳои имрӯза бояд мувофиқ ба талаботҳои истеъмолии аҳолӣ омода карда шаванд, чунки дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, мутахассисон барои ба мардум дар солҳои тулонӣ хизмат намудан омода карда мешаванд. Асоснок карда шудааст, ки болоравии нақши захираҳои инсонӣ дар шакли иқтисодиёти навин чорабиниҳои ҳамаҷонибаи давлатро нисбати сиёсати кадрӣ дигар намуда, дар ҳама соҳа талаботҳои махсуси худро таҳия менамоянд. Пешниҳод гардидааст, ки барои ташаккулдиҳӣ ва инкишофи захираҳои инсонӣ дар масири иқтисодиёти рақамӣ таъмини саривақтӣ ва истифодаи дурусти технологияҳои муассир муҳим мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёт, иқтисодиёти рақамӣ, муносибат, истеҳсолот, тақсимот, мубодила, истеъмолот, пулҳои электронӣ, техника, технология, захираҳои инсонӣ, захираҳои табии, фармоиш, кадр, меҳнат, музди меҳнат, даромади аҳолӣ, аҳолӣ, арзишбаробаркунӣ, самаранокии меҳнат.*

Дар давоми ду даҳсолаи охир, техникаю технологияҳои ҷаҳони имрӯза бештар тағйир ёфта, инсонҳоро водор ба он намуда истодааст, ки ҳарчи бештар ба сарфакорию сариштакории захираҳои имрӯзаи иқтисодӣ рӯ оваранд. Ин дигаргуниҳо пеш аз ҳама ҷомеаро водор менамояд, ки аз усулҳои анъанавии кор ва фаъолият даст кашида, ба шаклҳои навини истифодабарии самараноки захираҳо гузаранд. Гузаштан ба шаклҳои навини истифодабарии захираҳо, дигаргуншавии муносибатҳоро дар ҷомеа ба вуҷуд меоварад. Иқтисодиёти рақамӣ низ муносибатҳои одамонро дар асоси шароитҳои махсуси бавуҷудомада, ба монандӣ: дигаргуншавии ҷараёнҳои истеҳсолӣ, тезтағирёбии муҳити тиҷорат, тез-тез дигаргуншавии арза ва тақазои бозор, маҳдудияти захираҳо, сиёсати дутарафаи стандартҳо ва ғайра, тағйир медиҳад. Ин тезтаъғирёбиҳо намегузоранд, ки инсонҳоба як ҳолати муайян мутобиқ гардида, доимо як намуди молу маҳсулотҳоро истеҳсол ё истеъмол намоянд [9, 246].

Истилоҳи иқтисодиёти рақамӣ солҳои охир дар адабиёти илмӣ ба таври густарда мавриди истифода қарор гирифт. То ҳол қоидаи пурраи назарявии ин мафҳум пешниҳод нашудааст. Олими рус Бандаренко В.М. низ ба ин назар аст, ки шарҳи пурраи ин мафҳум аз тарафи муҳаққиқон пешниҳод нашудааст. Ба ақидаи худи Бандаренко В.М.: «Иқтисодиёти рақамӣ - ин муттаҳидӣ, системавӣ ва кулли мушкилоти мураккабест, ки ба модели муносибатҳои байни одамон, ки бо инқилоби технологияҳои чоруми саноатӣ мутобиқ буда, пайдо мешавад ва инчунин бо технологияи рақамӣ

ва дигар технологияҳои олии асри 21 ва дар ташаккулёбӣ, рушд ва татбиқи он бояд муваффақияти ҳадафҳои мақсаднокро муайян кунанд». [1, 240].

Иқтисодиёти рақамӣ дорои як қатор нишондиҳандаҳо буда, аз иқтисодиёти имрӯза аз нуқтаи назари иқтисодӣ бо чунин хусусиятҳо фарқ мекунад, ки дар ҷадвали 1. оварда шудааст.

**Ҷадвали 1**

**Хусусиятҳои хос ва фарққунандаи иқтисодиёти рақамӣ аз иқтисодиёти имрӯза**

| № | Нишондиҳандаҳо | Хусусиятҳои хос ва фарққунандаи | |
|---|---|---|---|
| | | иқтисодиёти имрӯза | иқтисодиёти рақамӣ |
| 1 | Истеҳсоли молу маҳсулотҳо | Бештар дар асоси таввакал | Бештар дар асоси иттилооти дуруст ва фармоишӣ |
| 2 | Тақсимоти молу маҳсулотҳо | Дар асоси нақша ва таввакал | Интихобӣ ва дар асоси фармоишҳо |
| 3 | Мубодилаи молу маҳсулотҳо | На он қадар воқеӣ | Воқеияти пурра дида мешавад |
| 4 | Истеъмоли молу махсулотҳо | Бо маҷбурӣ ва таввакал | Бо хоҳишу фармоиши худ |
| 5 | Рақобатнокӣ | Қисман рақобатнок | Пурра дар доираи рақобатҳои озод |
| 6 | Истифодаи захираҳои инсонӣ | Таъмини ҷои кор | Таъмини якумраи ҷои корӣ |
| 7 | Омодакунии мутахассисон | Мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат | Мувофиқ ба талаботҳои истеъмолии аҳолӣ |
| 8 | Пардохти музди меҳнат ё дигар пардохтҳои ичтимоӣ | Моҳона ё 15 руза | Рузпардохт ё соатпардохт |
| 9 | Самаранокии меҳнат | То ба ҳадди имкон баробар | Беҳад дар як дараҷаи баланд |
| 10 | Истифодаи захираҳои табии, молиявӣ, иттилоотӣ ва вақт | То дараҷае самаранок | Дар дараҷаи баланди самаранокӣ |
| 11 | Пардохти хизматрасониҳо | Моҳона ё баъди анҷоми хизматҳо | Сариваќтӣ ва қонунӣ |
| 12 | Тафтишот ва назорат | Ба восиати хараҷотҳои иловагӣ | Бе ягон хараҷотҳои иловагӣ |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Иқтисодиёти рақамӣ - ин маҷмӯи муносибатҳои навини одамон мебошад, ки дар дораи истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолот ба

воситаи пулҳои электронӣ, бо истифода аз техникаю техналогияҳои замони мусир баҳри самаранок истифодабарии захираҳои маҳдуди иқтисодӣ ва қонеъ намудани талаботҳои инсонӣ фаҳмида мешавад. Ин иқтисодиётест, ки ядрои муносибатҳои асосии онро пулҳои электронӣ ташкил менамояд. Ҳаракат ва муносибати ин захираҳои маҳдуди иқтисодӣ дар чор доираи асосии ин иқтисодиёт танҳо ба воситаи пулҳои электронӣ сурат мегирад. Мубодилаи молу маҳсулотҳо дар ин иқтисодиёт танҳо ба воситаи пулҳои электронӣ, иҷро карда мешавад. Дар ин иқтисодиёт нақши эквиваленти умумиро пулҳои коғазӣ ё дигар воситаҳо не, балки пулҳои электронӣ иҷро менамоянд.

Низоми пардохти электронӣ асоси тиҷорати электронӣ ва яке аз ҷанбаъҳои муҳими он ба шумор меравад. Онро ҳамчун хадамоти пардохти ҳисобидан мумкин аст, ки дар он технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, инчунин кортҳои интегралӣ, криптографӣ ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ истифода бурда мешад [6,40].

Барои дар як ҳолати хуб нигоҳ доштан ва доду гирифти чунин пулҳои электронӣ моро зарур аст, ки аз воситаҳою системаҳои мустаҳками замонавӣ ба монандӣ: изи даст ва ё симои инсон истифода бурдан лозим аст, чунки мувофиқ ба маълумотҳои олимон то ҳол дар дунё ду одаме пайдо нашудааст, ки изи даст ё симои якхела дошта бошанд. Ин мустаҳкамкорӣ, кафолати бехатар нигоҳ доштани пулҳои электронӣо нишон медиҳад, ки бе иҷозат ва розигии соҳиби корд дигар касе онро истифода карда натавонад.

Агар содда карда шарҳ диҳем, бо розигӣ ва иҷозати ҳар ду тараф муомилоти ҳар ду тараф иҷро карда мешавад ва дар ҳолати ғайри қонунӣ будани он, ҳарду тараф ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, яъне он ҳолатҳои номатлуби карупсионие, ки имрӯз ба воситаи пулҳои коғазӣ дар ҷомеа дида мешавад, аз байн меравад. Ба хусус дар соҳаи омодакунии кадрҳо, ки ин амали номатлуб, сарчашма мегирад аз боғча то ба институтҳои болоии он давом меёбад. Дар ҳолати ба амал баромадани пулҳои электронӣ мо метавонем, ки ин мушкилоти мавҷударо решакан намоем. Аз тарафи дигар мо метавонем, ки ба воситаи ин система тамоми фаъолиятҳои мутахасисони ояндаро дар зери назар гирифта, ӯро аз тамоми амалҳои номатлуби ҷомеа дур намоем.

Гузариш ба муносибатҳои навини иқтисодӣ, яъне иқтисодиёти рақамӣ чи дар доираҳои истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолот, ки ячекаҳои асосии дилхоҳ иқтисодиёт ҳисобида мешавад, инсонҳоро маҷбур менамояд, ки дар ҳар яки ин доираҳо усулҳои навини масрафи захираҳоро истифода баранд, яъне бо чунин шакл:

- дар доираи истеҳсолот – омоданамоии молу маҳсулотҳои фармоишӣ ба воситаи техникаю техналогияҳои навин, ки талаботи асосии истеъмолии имрӯза инро талаб карда истодааст;

- дар доираи тақсимот – дастрасии молу маҳсулотҳо, бо кушодани суратҳисобҳои суроғавӣ ва ба воситаи онҳо сари вақт дастрас кардани молу маҳсулоти истеҳсолшуда;

- дар доираи мубодила – адолат дар мубодилаи навини иқтисодӣ, яъне мубодилаи маҳсулот ба воситаи пулҳои электроние, ки дар суратҳисобҳои ҳам истеҳсолкунанда ва ҳам истеъмолкунанда мавҷудбуда, амалӣ карда мешавад;

- дар доираи истеъмолот – мақсаднок истифода намудани молу маҳсулотҳои лозимӣ, он сарфу харҷҳое, ки дар истеҳсоли молу маҳсулотҳо сарф карда мешавад, ба кадру қимати онҳо расидан.

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки омоданамоии бо сифат ва фармоишии маҳсулот, дастрасии саривақтӣ ва босифатии маҳсулот, адолат дар мубодилаи маҳсулот ва муҳайё будани шаклҳои зиёди маҳсулот дар доираи истеъмолот, вазифаи асосии ин иқтисодиёт дониста мешавад.

Дар шарҳи нишодиҳандиҳандаи аввали иқтисодиёти рақамӣ, доираи истеҳсолот ҳаминро қайд карданием, ки барои беҳтарин молу маҳсулотро истеҳсол намудан барои ҳар як истеҳсолкунанда аввалан захираҳо бояд дастрас бошанд ва дуюм алакай ба мо маълум аст, ки кадом намуди маҳсулот ба мардум лозим аст ё алакай фармоиш гаштааст мо ба истеҳсоли ҳамон намуди маҳсулот мепардозем. Қариб, ки дар истеҳсоли молу маҳсулотҳо мо дигар таваккал накарда, захираҳои мавҷударо самаранок истифода мебарем.

Дар шарҳи нишондиҳандаи дуюми иқтисодиёти рақамӣ, гуфтаниям, ки шаклҳои навини тақсимот аз мо талаб менамояд, ки мо ҳар чӣ зудтар ба кушодани суратҳисобҳои суроғавӣ бояд гузарем. Ин гузариш на танҳо баҳри сари вақт расонидану фармоиш гирифтанро ба мо кумак менамояд, инчунин сарфи вақти зиёдатиро барои ба ҳар идораю ташкилотҳои дахлдор рафтанро пешгирӣ мекунад, ин аз як тараф, аз тарафи дигар мо маҷбур намешавам, ки барои ҳар як нозири назоратчӣ хароҷотҳои беҳуда намоем. Ҳама даромаду хароҷот дар суратҳисоби сурағовӣ маълум аст ва мо аз рӯи ҳамон даромаде, ки мо ба даст овардаем пардохтҳои ҳатмиро иҷро намуда, фаъолияти худро идома медиҳем.

Дар шарҳи нишондиҳандаи сеюм, яъне доираи мубодила, ҳаминро бояд қайд намоям, ки гузаштан ба мубодилаи маҳсулот ба воситаи пулҳои электроние, ки дар суратҳисобҳои ҳам истеҳсолкунанда ва ҳам истеъмолкунанда мавҷуд аст амалӣ карда мешавад. Ин мубодилакунӣ,

мубодилаи воқеиро нишон дода, ба мубодилаи ғайри қонунӣ хотима мебахшад ва ҳолатҳои коррупсиониро дар байни ҷомеа кам менамояд.

Дар шарҳи доираи истеъмолот, ки доираи асосии иқтисодиёти рақамӣ ҳисобида мещавад, ҳаминро қайд намуданием, ки гузаштан ба истеъмоли молу маҳсулотҳои истеҳсолшуда, муҳлати истифодабарии худро доранд ва мо метавонем, ки маҳсулоти лозимиро фармоиш дода, онро дар вақташ ва дар ҷои лозима масраф намоем.

Ин гуфтаҳо шаҳодат аз он медиҳад, ки барои ба муносибатҳои навини иқтисодӣ ворид гардидан, мо бояд омодагии ҷиддӣ дошта бошем. Ин тағйирёбиҳо дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт таъсири худро мерасонад. Ба хусус дар соҳаи маориф ва илм, ки омодакунандаи беҳтарин мутахасисон дониста мешавад.

Воридшавӣ ба ин системаи нави иқтисодӣ, барои мо чунин мушкилиҳоро эҷод мекунад: надоштани беҳтарин мутахассисон дар соҳаи техника ва технологияи муоссир, надоштани базаҳои маълумот қабулкунанда ва равонкунанда дар байни идораҳои дахлдор бо аҳолӣ, надоштани моҳвораҳо дар тамоми минтақаи ҷумҳурӣ, зиёд гардидани шумораи бекорон ва дигар муаммоҳо, ки инҳо наметавонанд сади роҳҳи гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ гардад.

Барои он, ки ҳарчи бештар ба ин шароитҳо мутобиқ гардем, мо бояд, ки беҳтарин мутахассисонро мувофиқ ба талаботҳои замони муосир, яъне иқтисодиёти рақамӣ омода намоем. Ин омоданамоӣ аз мо хароҷотҳои зиёди молиявию модиро талаб менамояд, вале натиҷаи хуб ба даст меоварад. Мувофиқ ба тадқиқотҳои зиёди илмии олимони соҳа, сармоягузорӣ ба захираҳои инсониро, чанд маротиба боздеҳии онро дар шароити кутоҳ кафолат медиҳад [3, 54].

Дар робита ба ин гуфтаҳо, олимони машҳури соҳа А.А. Федченко ва С.М. Полухина чунин мефармоянд, ки «Омилҳои калидии воридшавӣ ба иқтисодиёти навин, ин маблағгузорӣ ба инсон дониста мешавад. Барои ба даст овардани натиҷаи хуб, дар бахши инкишофдиҳии захираҳои инсонӣ, мо бояд таваҷҷуҳи асосиро барои омоданамоии кадрҳои соҳибтахассус бо ёрии технологияҳои муосир равона созем» [8, 311].

Болоравии нақши захираҳои инсонӣ дар шакли иқтисодиёти навин чорабиниҳои ҳамаҷонибаи давлатро нисбати сиёсати кадрӣ дигар намуда, дар ҳама соҳа талаботҳои махсуси худро таҳия мекунад. Ташаккулдиҳӣ ва инкишофи захираҳои инсонӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ аз усулҳо ва воситаҳои техникию технологии муассир сарчашма мегирад.

Институтҳои ташаккулдиҳӣ ва инкишофдиҳии захираҳои инсонӣ дар ин шароит аз оила сарчашма мегирад, ҷамъият, мактаби миёна, муассисаҳои миёна ва олии касбӣ ва ташкилотҳо. Инҳо институтҳое мебошанд, ки барои

инкишоф ва ташаккулдиҳии захираҳои инсонӣ дар ин иқтисодиёти рақамӣ бо истифода аз техникаю технологияҳои нав ва гузариш ба мубодилаи пулҳои электронӣ мусоидат менамоянд.

Сарчашмаҳои асосии маблағгузории захираҳои инсонӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ – ин бемуболиға худи шахси омодашаванда (хоҳиш, шавқ, рағбат, дарк ва вақти сарфмекардаи фард), оилаи ӯ, давлат ва муассисаҳои фармоишгар ба шумор мераванд. Ин маблағгузориҳо дар ин шароит бояд бе назорат ва бе натиҷа набошанд.

Доираҳои асосии фаъолияти захираҳои инсонӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ – ин доираи истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва доираи асоси доираи истеъмолот дониста мешавад. Ин доираро доираи ҳаётӣ низ номидан мумкин аст, чунки инсон баҳри зинда мондан ин марҳилаҳоро ҳатман аз сар мегузаронад.

Ҷараёнҳои ташкилу таъминамоии иқтидори кадрӣ дар ин шароит, иборат аст аз доираи дарёфт, банақшагирӣ, мутобиқшавӣ, омӯзиш ва инкишофдиҳӣ, ки ин бовисита ба ҷои кории захираҳои инсонӣ вобастагӣ дорад. Вақто, ки мутахассис дарёфт мешавад, ҳатманояндаи ӯ дар муассиса бояд ба инобат гирифта шавад, чунки ташаккулу такмилёбии мутахассис боиси ба рақобатҳои ҷиддӣ тоб овардани муассиса, дар ин шароит мегардад [2, 18].

Иҷтимоиёт ё ин, ки талаботҳои асосии захираҳои инсонӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ – ин талаботҳои физиологӣ, бехатарӣ, иҷтимоӣ, худифодагарӣ ва худтасдиққунӣ ба ҳисоб меравад. Ин ягона доирае ба ҳисоб меравад, ки инсон баҳри қонеъ намудани ин талаботҳо фаъолият менамояд. Яъне ба маънои дигараш агар инсон ин гунна талаботҳо надошта бошад, ӯ ба ягон намуди фаъолият даст намезанад. Ҳамин талаботҳо ҳаст, ки инсон кушиш менамояд, ки рушд ва ташаккул ёфта, ин талаботҳои асосии худро дар шароити имрӯза қонеъ намояд.

Дар ин иқтисодиёт истеҳсоли молу маҳсулотҳо мувофиқ ба талабот ва фармоиши истеъмолкунанда сурат мегирад ва таваккалкорӣ қобили қабул нест. Яъне дар ин иқтисодиёт ҳама захираҳо арзиши худро дошта, ғайри мақсаднок истифода бурда намешавад.

Аз нуқтаи назари тақсимоти молу маҳсулот бошад, аз тарафи истеъмолкунанда интихоби дурусти қатъӣ ва аз тарафи истеҳсолкунанда сари вақт ва хароҷотҳои камтар расонидани ин маҳсулот талаб карда мешавад. Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки нигоҳ доштани маҳсулоти тайёр дар анборҳо ва бозорҳо дигар аз байн меравад.

Омоданамоии мутахассис, ки нақши асосиро дар иқтисодиёти рақамӣ иҷро менамоянд, ҳадафи асосии ин иқтисодиёт дониста мешавад, чунки тарбия кардани мутахасис кори саҳл ва осон набуда, хароҷотҳои зиёдеро

талаб мекунад. Ин иқтисодиёт намегузорад, ки ҳама он заҳматҳое, ки мо барои омода кардани беҳтарин мутахасисон сарф менамоем бар ҳадар равад. Инчунин системаи амалкунандаи ин иқтисодиёт, системае аст, ки муайянкунандаи омодакунании мутахассисон дониста мешавад, яъне мувофиқ ба талаботҳои истеъмолии аҳолӣ, омоданамоии мутахассисаони ҳирфаии ояндаро муайян менамояд.

Музди меҳнат ё дигар пардохтҳои иҷтимоӣ ин даромади асосии аҳолӣ ба ҳисоб рафта, дар ин иқтисодиёт дар ҳолати пардохт намудан, шакли худро дигар менамояд. Пардохтнамоии лаҳзавии хароҷотҳо моро водор ба он менамояд, ки ба шаклҳои навини пардохтнамоии музди меҳнат (рӯзпардохт ё соатпардохт) ё дигар пардохтҳо гузарем.

Истифодабарии тамоми захираҳо дар ин иқтисодиёт бо усулҳои замонавӣ ва бо кумаки воситаҳои замонавӣ, вобаста аз даромадҳои аҳолӣ дониста мешавад.

Шаклҳои пардохтнамоии хизматрасониҳо дар як дараҷаи бисёр хуб ба роҳ монда мешавад. хароҷотҳои иловагие, ки имрӯз аз тарафӣ давлат, ширкатҳо ва аҳолӣ барои пардохти хизматрасониҳо сарф карда мешаванд, алакай аз байн бардошта мешаванд.

Назорат - ин тартибдиҳандаи асосии иқтисодитёти рақамӣ дониста мешавад, чунки ҳама беинтизомӣ ва аз доираи инсонигарӣ баромади ҳар як инсон ин аз рӯи беназорат монданӣ ӯ ба ҳисоб меравад. Тамоми намудаи фаъолиятҳо дар ин системаи рақамӣ назорат карда шуда, ҳамаи фаъолиятҳо ва сарчашмаи даромади тамоми аҳолӣ муайян карда мешавад.

Аз гуфта маълум мешавад, ки ворид гардидан ба иқтисодиёти рақамӣ, ҳама он мушкилиҳои асосие, ки имрӯз барои рушд ва инкишоф ёфтани иқтисодиёти мамлакат монеа гардидааст аз байн меравад. Ба монандӣ: истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмоли ҳар гунна молҳо ва хизматрасониҳои ғайри қонунӣ, решакан кардани нашъаю нашъамандии ҷавонон, аз байн бурдани амалҳои каррупсионӣ, аз байн бурдани амалҳои терористӣ ва дигар амалҳои номатлуби ҷомеа.

Дар охир ҳаминро қайд намуданием, ки гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, ба мо имкон медиҳад, ки беҳтарин мутахасисони соҳавиро дар асоси талаботҳои истеъмолии, аҳолӣ омода карда, фаъолияти хуби самараноки истеҳсолии кишварро ба роҳ монда, зиндагии хубу осударо дошта бошем.

## АДАБИЁТ

1. Бондаренко В.М. Мировоззренческий подход к формированию, развитию и реализации «Цифровой экономики»/В.М. Бондаренко //Современные информационные технологии ИТ - образование. – М.: «Лига интернет-медиа», 2017. -Т. 13. - № 1. - С. 237-251.

2. Искандаров Х.Х. Методологические основы обеспечения конкурентоспособности работников на рынке труда//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: Сино, 2016. -№2-4 (204). -С. 16-21.
3. Искандаров Х.Х., Давлатов С.Н. Мировой опыт формирования и развития конкурентоспособности работников/Х.Х. Искандаров, С.Н. Давлатов //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: Сино, 2017. - № 2/5. -Ч.2. - С.53-58.
4. Искандаров Х.Х. Эффективность системы подготовки кадров и развития потенциала трудовых ресурсов/Х.Х. Искандаров, Р.Ф. Неъматов//Вестник Таджикского государственного национального университета. Серия: Экономика. - Душанбе: Сино, 2007. -№1(33). - С.219-225.
5. Медведев А. В. Современные подходы к формированию кадрового потенциала для устойчивого развития сельских территорий. /А.В. Медведев//Вестник Российской Академии Естественных наук. Серия экономическая, 2010/2. - С.52-54.
6. Табарзода О.С. Современные перспективы развития мобильных платежей в системе электронных платежей. Таджикистан: экономика и управление. Научный журнал. Таджикского национального университета 2020№3, Душанбе 2021, - С. 40.
7. Устаев Р.М. Развитие инновационного потенциала человеческого капитала в региональной экономике//Автореф. дисс. ... канд. экон. наук. / Устаев Рустам Мерзеферович. – Ставрополь, 2016. – 22с.
8. Федченко А.А., Полухина С.М. Оценка влияния человеческого капитала на уровень средней заработной платы в регионе/А.А. Федченко, С.М. Полухина //Современные проблемы экономики и менеджмента/матер.межд. науч. прак. конфер. (г. Воронеж 28. 10. 2016 г.). – Воронеж, 2016. - С. 311-315.
9. Ходиев Д.А., Искандаров Х.Х. Человеческий капитал и кадровое обеспечение в сельском хозяйстве/Д.А. Ходиев, Х.Х. Искандаров//Инновационные доминанты социально-трудовой сферы: экономика и управление/Материалы ежегод. межд. науч. прак. конф. (г. Воронеж). - Воронеж, 2016. - С. 246-251.
10.Ходиев Д.А., Искандаров Х.Х. Анализ системы подготовки кадров аграрного профиля в Республике Таджикистан/Д.А. Ходиев, Х.Х. Искандаров//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: Сино, 2017. - № 2/4. -Ч.2. - С.13-20.
11.Шайдулина А.Р. Кластер как механизм интеграции образовательных учреждений и предприятий. /А.Р. Шайдулина//Известия Волгоградского государственного педагогического университета. – Волгоград, 2009. - №4. – С.50-54

## СОВРЕМЕННЫЕ ТРЕБОВАНИЯ К ПОДГОТОВКЕ КАДРОВ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

**ИСКАНДАРОВ ХОФИЗ ХАКИМОВИЧ**

кандидат экономических наук, доцент кафедры управления человеческими ресурсами Таджикского национального университета, 7340025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17, тел.: (+992) 988-28-60-05. E-mail: hofiz.iskandarov@mail.ru.

*В научной статье характеризуются и констатируются современные понятия цифровой экономики, комплекс современных отношений, основные экономические контексты,*

*электронные деньги, современная техника и технология, эффективность использования ограниченных экономических ресурсов и современные пути удовлетворения потребностей человека. Обосновывется, что в условиях ускоренного развитии информационно-коммуникационных технологий и изменения курса современного экономического развитии, электронные деньги преобретают основную роль денежнего эквивалента, нежели бумажные дениги, а производство основных видов продукции обмениваются на основе заказов и доставок. Цифровая экономика характеризуется основными тенденциями подготовки кадров и для опережение тех факторов, которые являются барьером развития формирования человеческих ресурсов, а также важным инструментом. Определяется взаимосвязь процессов подготовки кадров и цифровой экономики, так как современные кадры должны подготовиться на основе потребительских спросов населения, потому, что в условиях цифровой экономики специалисты готовятся для службы на долгосрочную перспективу. Обосновывается, что повышение роли человеческих ресурсов в форме новейшей экономики изменят всесторонние государственные мероприятия в отношении кадровой политики, во всех отраслях разрабатываются свои специальные требования. Для формирования и развития человеческих ресурсов в контексте цифровой экономики предлагается необходимость своевременного обеспечения и правильное использование современных технологий.*

***Ключевые слова:*** *экономика, цифровая экономика, отношения, производство, распределение, обмен, потребление, электронные деньги, техника и технология, кадровые ресурсы, природные ресурсы, порядок, персонала, труд, заработная плата, население, стоимость, эффективность труда.*

## MODERN TRAINING REQUIREMENTS IN THE DIGITAL ECONOMY

**ISKANDAROV KHOFIZ KHAKIMOVICH**

candidate of economic sciences, associate professor of the department of human resource management, Tajik National University, 7340025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17, tel.: (+992) 988-28-60-05. E-mail: hofiz.iskandarov@mail.ru.

*The scientific article characterizes and states the modern concepts of the digital economy, the complex of modern relations, the main economic contexts, electronic money, modern technology and technology, the efficiency of using limited economic resources and modern ways of meeting human needs. It is substantiated that in the conditions of the accelerated development of information and communication technologies and changes in the course of modern economic development, electronic money acquires the main role of a monetary equivalent, rather than paper money, and the production of basic types of products will be exchanged on the basis of orders and deliveries. The digital economy is characterized as the main trends in personnel training, and for outstripping those factors that are a barrier to development, the formation of human resources is an important tool.*

*The relationship between the processes of personnel training and the digital economy is determined, since modern personnel must be trained based on the consumer demands of the population, because in the digital economy, specialists will be prepared to serve in the long term. It is substantiated that increasing the role of human resources in the form of the most common economy will change all-round state measures in relation to personnel policy, in all sectors it develops its own special requirements. For the formation and development of human resources in the context of the digital economy, the need for timely provision and correct use of modern technologies is proposed.*

***Keywords:*** *economy, digital economy, relations, production, distribution, exchange, consumption, electronic money, technique and technology, human resources, natural resources, order, personnel, labor, wages, population, cost, labor efficiency.*

**УДК:334.75**

## ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛЁБИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ МАҶИДЗОДА ДАВЛАТБАХТ МАҶИД

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17, тел.: (+992) 987-17-06-55, E-mail: ndavlatbakht@mail.ru

*Мувофиқи ақидаи муаллиф донистани равандҳои иқтисодӣ ва падидаҳо, омӯзиши на танҳо бавуҷудоии категирияҳои онҳоро пешниҳод менамояд, балки баъзе ҳолатҳо дар асоси қонунҳо ва принсипҳои иқтисодӣ асос ёфтаанд, ки омӯзиши онҳо барои ҳар яки мо муҳим мебошад. Категорияҳои иқтисодӣ, аз ҷумла категорияҳои бозори меҳнат, ки аломатҳои муносибатҳои иқтисодӣ ва ҷанбаҳои муайяни зуҳуротҳои ҷамъиятиро инъикос кунанда, ташаккулдиҳанда ва инкишофдиҳандаи муносибатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ дониста мешавад.*

*Чуноне ки таҷриба нишон медиҳад, ки солҳои аввали бозсозиҳои иқтисодӣ, иқтисодиёти миллии Тоҷикистон бо таназзули соҳаҳои истеҳсолот ва сатҳи зиндагии аҳолӣ на танҳо дар шаҳр, балки дар деҳоти кишвар пайгирӣ мешуд.*

*Феълан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди инкишофёбии иқтисодиёт ба мушоҳида мерасад, ки чунин тамоюл ба раванди ташаккулёбии синфҳои нави иҷтимоӣ, аз ҷумлаи аҳолии табақаи камбизоат, синфи миёна ва сарватманд, ки яке аз омилҳои асосии устувории иқтисодиёт маҳсуб меёбанд, арзёбӣ карда мешавад. Аз ин хотир, тадқиқотбарии комплексии муносибатҳои меҳнатӣ на танҳо аҳамияти иҷтимоиву иқтисодӣ, балки сиёсиро низ касб намуда, он ба инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ дар ҳамаи соҳаҳову бахшҳои иқтисоди миллӣ, бахуссус дар комплекси агарарии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалият пайдо мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *хусусият, бозор, меҳнат, иқтисодиёт, принсип, ташаккулёбӣ, комлекс, инкишоф, муносибат, ҷаҳонишавӣ.*

Донистани равандҳои иқтисодӣ ва падидаҳо, омӯзиши на танҳо бавуҷудоии категирияҳои онҳоро пешниҳод менамояд, балки баъзе ҳолатҳо дар асоси қонунҳо ва принсипҳои иқтисодӣ асос ёфтаанд, ки омӯзиши онҳо барои ҳар яки мо муҳим мебошад. Категорияҳои иқтисодӣ, аз ҷумла категорияҳои бозори меҳнат, ки аломатҳои муносибатҳои иқтисодӣ ва ҷанбаҳои муайяни зуҳуротҳои ҷамъиятиро инъикос кунанда, ташаккулдиҳанда ва инкишофдиҳандаи муносибатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ дониста мешавад.

Мафҳуми принсип ҳамчун асос, ҳамчун воситаи аввалин, ҳамчун маҳаки муҳим, хамчун идеяи идоракунанда ва ҳамчун ҳадафи татқиқот фаҳмида мешавад. Мафҳуми «Принсип» (аз калимаи лотинии «princpium»)

гирифташуда, асос ва аввалинро мефаҳмонад. Ҳамчун мафҳуми мантиқӣ, зери мафҳуми принсип – идеяи идоракунанда ё ин ки ҳуқуқҳои аввалин фаҳмида мешавад. Дар илми фалсафа, зери мафҳуми принсип идеаҳои марказӣ фаҳмида мешавад, ки дигар идеаҳоро дар гирди худ ҷалб менамояд.

Принсип яке аз шаклҳои намунавии илмӣ мебошад, ки мазмуни иншоотро таҳқиқ мекунад. Дар робита ба фаъолият ва рушди муносибатҳои бозори меҳнат шаклест, ки мундариҷаи муносибатҳои меҳнатии бозорро ошкор мекунад.

Муносибатҳои бозаргонии бозори меҳнат, ки тавассути принсипҳои мушаххаси иқтисодӣ танзим карда мешаванд, як шакли навини назариявии донишро мегиранд. Принсипҳои иқтисодӣ имкон медиҳад, ки ба мафҳуми муносибатҳо дохил шуда, шаклҳо ва тамоюлоти рушди онҳо муайян карда шаванд. Ҳамин тариқ, принсипҳо ба мо имконияти эҷоди системаи мукаммал барои омӯхтани муносибатҳои бозори меҳнатро, на дар шакли оморӣ, балки дар шакли динамикӣ пешниҳод менамояд.

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ иҷрои ҳадафҳои дар пеши худ гузошта, аз ҷониби функсияҳои он имконпазир аст, чунки он аз истифодабарии принсипҳои муайяншуда вобастагӣ дорад. Принсипҳои гузошташуда, ҳамон вақт самаранок истифода бурда мешавад, хусусияти якҷониба надошта бошад.  Дар баробари ин гуфтаҳо принсипҳои асосии ташаккулёбии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле гуногунпаҳлу буда хусусиятҳои функсионалии инкишфёбии худро дорад.

Принсипи муттаҳидсозии универсалӣ ва меҳнати ихтиёрӣ. Азбаски системаи иқтисодии муносибатҳои бозори меҳнат дар асоси хусусиятҳои меҳнатӣ асос ёфтааст, яке аз принсипҳои асосии фаъолияти он принсипи «мутаҳидсозии универсалии меҳнат» мебошад. Мафҳуми ин принсип дар он аст, ки ҳамаи аъзоёни ҷамъият, ки қобили меҳнатӣ доранд (ба истиснои онҳое, ки эҳтимолияти иҷтимоиашон ба таври мусбӣ ҳисобида мешавад) бояд ба фаъолияти иҷтимоиву иқтисодӣ машғул шаванд. Паҳлуи дигари ин принсип, меҳнати ихтиёрии шаҳрвандон ҳисобида мешавад, ки ба ҳуқуқи шаҳрвандон асос ёфта, шаҳрванд озодии механизмҳои худро дар ихтиёр дорад, аз ҷумла:

- озодии мустақили интихоби мустақилона аз ҷониби шаҳрвандон дар иштирок варзидан наварзидан дар фаъолиятҳои меҳнатӣ. Ҳамзамон, бекории ихтиёрӣ ҳар гуна чораҳои шиддатнокро аз ҷониби давлат ба чунин намуди озодӣ маҳдуд мекунад;
- маҳдудият набудан дар ҳуқуқи шаҳрвандон барои интихоби соҳаи истифодаи меҳнати худ, яъне таҷрибаи касбӣ;
- ҳуқуқи интихоб кардани шаклҳои моликият ҳангоми истифодаи меҳнати онҳо, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнати фардӣ;

- интихоби мустақилонаи корманд аз ҷониби корфармо ва муайяннамоии мустақилонаи реҷаи кории корманд. Ҳамчунин корфармо метавонад, ки корманди худро пурра, муақатӣ ва ҳамкор ба кор қабул намуда, ҷадвалҳои муайяни кориро барои ӯ пешниҳод намояд.

- интихоби ихтиёрии ҷои ҷуғрофии фаъолияти меҳнатӣ. Ҳаракати озоди меҳнат, ҳамчун истифодабарии навъҳои навини захираҳои истеҳсолӣ, мобилӣ, ҷуғрофӣ ва иқтисодиро дар бар мегирад [2,220].

Принсипи «баробарии имкониятҳои ибтидоӣ». Амалиёт дар бозори меҳнат бо як қатор фарқиятҳо ва дараҷаи баланди фардикунонӣ тавсиф меёбад, зеро ҳар як корманд дорои сифати муайяни хусусиятҳои шахсӣ ва донишҳои касбӣ мебошад, ва ҳар як ҷои кор барои қисмҳои алоҳида талаботҳои махсуси худро барои довталабон пешниҳод менамояд. Бо вуҷуди ин, дар ҳар як талаботе, ки барои фаъолияти касбӣ аз ҷониби корфармо пешкаш карда мешавад, корманд бо сифатҳои касбии худ ба онҳо посух хоҳад гуфт ва аз ҷониби корманд барои ӯ тамоми шароитҳои корӣ муҳаё карда мешавад.

Мавҷудияти ҷойҳои кории холӣ ва бозомӯзии кормандон мувофиқ ба ҷойҳои кории холии мавҷуда ва бастани шартномаи меҳнатии давомдор бо кормандони навомӯзонидашуда, вазифаи асосии корфармо дар бозори меҳнат дониста мешавад. Маҳдуд кардани шумораи ҷойҳои корӣ, ки ба манфиати кормандон дониста мешавад, қобили қабул набуда, корманд вазифадор аст, ки дар ҳолати бекор мондани кормандони доимии корхона, ҳарчи зудтар ҷойҳои навини корӣ пайдо намояд [1,17].

Принсипи розигии назарҳои субектони бозори меҳнат ва муносибатҳои онҳо. Принсипи мазкур ба даромаднокии иқтисодӣ асос ёфтааст. Коргари кироя ва кордиҳанда, баҳри ба даст овардани манфиат вориди бозори меҳнат мешаванд. Ҳарду ҷониб дар он ҳолат ҳавасманданд, ки манфиат ба даст биоранд. Якеро касбу ихтисос ва дигареро мутахассисаш фоидаовар бояд бошад.

Фаъолияти дуҷонибаи иштирокчиёни бозори меҳнат аз таҳаввулотҳои иқтисодӣ вобастагӣ доранд. Маркази системаи муносибатҳо дар бозори меҳнат ин муносибат байни коргари кироя ва корфармо дониста шуда, дар асоси розигии тарафайн шартномаи меҳнатӣ баста мешавад. Мақсадҳои умумии иштирокчиёни бозори меҳнат аз он иборат аст, ки ҳам кордиҳанда ва ҳам коргари кироя нигарони дар як ҳолати хуб нигоҳ доштани шартномаи басташудаи байнашон мебошад.

Иштирокчии сеюм - давлат, танҳо танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ байни коргари кироя ва корфармо дар бозори меҳнат ба ҳисоб меравад. Дар ҳолати вайрон шудани қонуншиканӣ ё саркаши аз шартномаи басташуда, давлат тарфи гунаҳгорро ба ҷавобгари кашида, ҷуброни тарафи

гунаҳгорро пардохт менамояд. Вазифаи асосии давлат дар бозори меҳнат ин ҷори намудани сиёсати давлати дар ин бозор дониста мешавад.

Принсипи ҳаракати якҷояи талабот ва таклифот. Таъғирёбии талабот ва таклифот дар бозори меҳнат, вусъатёбӣ ё ин ки камшавии мубориза байни субъектони бозори меҳнат, муайянкунандаи нархи бозории қувваи кориро мефаҳмонад. Дар ин шароит як тараф ҳаракати дарёфти кор бо шароитҳои мусоидро бо музди меҳнати баланд ҷуё аст, тарафи дигар ҳаракати онро намуда истодааст, ки беҳтарин мутахассисро бо дониши мукамал, бахри мустаҳкам намудани иқтидории кадрии корхонаи худ ва фоидаи зиёд ба даст овардан дарёфт намояд. Ин ҳаракатҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳарду тараф манфиатҳои худро ҷӯё буда, ҳаракати доимии талабот ва таклифоти бозори меҳнатро доим ба амал меоваранд.

Қонунҳои таклифот ва талабот ба хидматҳои меҳнатӣ фарқияти байни ҷойҳои корӣ ва таркиби кормандонро вобаста ба намуди сифат ва миқдорӣ нишон медиҳад. Дурнамои байни талабот ва таклифот дар бозори меҳнат ҳамеша маъмулан аз шароитҳои шуғли пурра ва самарабахш асос ёфтааст. Агар таклифот аз талабот зиёдтар бошад, пас бекори дар бозор ҳукмфармост ва агар талабот аз таклифот норасии қувваи корӣ ё бекории пинҳонӣ дар бозор дида мешавад.

Чуноне, ки олими рус Толстых И.А. мефармояд «Бозори меҳнати имрӯза – ин ҳамчун қоида, бозори бо вазъияти меҳнатбарзиёд, аз қабили тавсифи бекории қуҳнашуда дар тамоми ҷоҳон дониста шуда истодааст» [5,24].

Принсипи риояи ҳадди ақали музди меҳнат. Принсипи мазкур ба шаклҳои баҳогузории ҳамаи нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории меҳнати мувофиқ, дақиқият ва тасдиқи иқтисодии баҳогузорӣ ва музди меҳнатро дар бар мегирад. Сатҳи музди меҳнат бояд мувофиқ ба шароитҳои ҷойдошта, фоидаи бадастомада, ҳосилнокии меҳнат ва дастовардҳои корманд муайн карда шавад. Музди меҳнати корманд барои корфармо на ҳамчун ҳақмузди корманд, балки ҳамчун сармояе, ки дар оянда барои рушд ва инкишофи корхона мусоидаткунанда, дониста шавад. Аз тарафи дигар ҳадди ақали музди меҳнате, аз ҷониби давлат муқарар карда мешавад, корфармо уҳдадор мешавад, ки аз ҳадди ақали муайяншуда, барои коргари кироя музди меҳнати паст муайян накунад.

Принсипи тафриқаи нархи дар музди меҳнат. Принсипи мазкур дар асоси сегментҳои бозори меҳнат асос меёбад. Чунончи, дар илми ҳандаса дар зери мафҳуми сегмент он қисмати доираро мефаҳманд, ки бо хорда (қисмҳо) ҷудо карда шудааст.

Сегментатсияи бозори меҳнат – ин тақсим кардани коргарон ва ҷойҳои корӣ ба минтақаву доираҳои маҳдудшудае мебошад, ки бо як қатор

нишондиҳандаҳои худ аз якдигар фарқ мекунанд. Асоси ин тақсимотро гуногун будани сатҳи самараноки иқтисодии истеҳсолот, сатҳи самаранокии иҷтимоӣ меҳнат ва сатҳи самаранокии иҷтимоии истеҳсолот ташкил менамояд.

Принсипи ҳамкории рақибон. Мушкилоти манфиатҳои кормандон ва кордиҳандагоне, ки ба мубодилаи меҳнат вориди бозори меҳнат мешаванд, имкониятҳои маҳдуди онҳо сади роҳашон мегардад. Барои татбиқи ин манфиатҳо аз ҷониби корманд дониши баланди касбӣ ва аз ҷониби кордиҳанда бошад, сатҳи музди меҳнати баланд талаб карда мешавад. Дар ҳолати ҷой доштани чунин мушкилӣ рақибоне, ки ин иқтидорро доранд соҳиби ҷойи кори хуб ва мутахассиси хуб мегарданд.

Вобаста ба шароити бозори меҳнати имрӯза рақобатнокӣ хеле зиёд буда, кормандони дорои касбу тахассусҳои ҷавобгу ба ин рақобатро талаб менамояд. Муаррифии кормандони чун манбаи муҳими рақобатпазирии корхона аз коллективи кормандон талаб мекунад, ки барои ҳалли масъалаҳои стратегӣ қодир бошанд. Дар баробари ин, зарур аст, ки кормандони на танҳо кор ва фаъолият дошта бошанд, балки хоҳишу истеъдоди иҷрои онро низ бояд дошта бошанд. Бинобар ин, яке аз масъалаҳои муҳим дар шароити муосир ин таъмини рақобатпазирии кормандон дар бозори меҳнат мебошад.

Дар асл бозори меҳнат аз нуқтаи назарии табии худ, ин бозорест, ки рақобатпазирии муайяни худро надорад. Чуноне, ки олими машҳури иқтисодӣ А.Смит мефармояд: «Дар бозори меҳнат, афзалият ҳамеша дар назди корфармоён мебошад, зеро онҳо хеле зиёданд, онҳо метавонанд муддати тӯлонӣ зиёдтар шаванд» [4]. Олими дигари иқтисодӣ А.Маршал таҳқиқотчии дигари бозори меҳнат дониста мешавад, Ӯ мефармояд, ки «Ҳарчи қадар қобилиятнокии қувваи корӣ зиёд бошад, ҳамон қадар хароҷот барои баландбардории ихтисос кам сарф мешавад, ё ин ки ҳар чи қадар тарбияи команд хуб бошад, ҳамон қадар рақобатпазирии ӯ дар бозори меҳнат қавитар мегардад» [3,253]. Рақобатпазирии беҳтарин, мувофиқи ақидаҳои олимони иқтисодӣ дар бозори меҳнат ин доштани корманди беҳтарин категорияи меҳнат ба ҳисоб меравад. Корманде, ки беҳтарин категирияи меҳнатро дар худ дорад, ӯ аз иҷрои тамоми фаъолиятҳои меҳнатӣ баромада метавонад [1,17]. Аз ҷониби корфармо бошад, пардохт ё сармоягузории беҳтарин боиси ба даст овардани беҳтарин мутахассис мегардад.

Принсипи «изофашавандагӣ». Танҳо механизми нархгузории рақобатбунёди бозори меҳнат ин ҳамоҳангии таклифот ва талабот дар ин бозорро таъмин намекунад, зеро он ба омилҳои бисёри ғайримуқаррари вобаста аст ва қисмати қатъии ҳамкории бозорро, байни кормандон ва

корфармоён на танҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ, балки аз ҷиҳати манфиатҳои иҷтимоӣ низ ташкил медиҳанд. Бинобар ин, бозори ҳозираи меҳнат, ки инъикосгари таҳаввулоти рушди ҷомеа ва тамоми системаҳои муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки муносибатҳои он бо иштироки ниҳодҳои давлатӣ, қонун, шарикии иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ташкил карда мешаванд. Илова кардани механизмҳои бозори меҳнат бо механизмҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ имкон медиҳад, ки такмил додани захираҳои инсонӣ беҳтар гардонида шавад.

## АДАБИЁТ


12. Искандаров Х.Х. Методологические основы обеспечения конкурентоспособности работников на рынке труда//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: Сино, 2016. -№2-4 (204). -С. 16-21.
13. Искандаров Х.Х. Эффективность системы подготовки кадров и развития потенциала трудовых ресурсов/Х.Х. Искандаров, Р.Ф. Неъматов//Вестник Таджикского государственного национального университета. Серия: Экономика. - Душанбе: Сино, 2007. -№1(33). - С.219-225.
14. Маршалл А. Принципы экономической науки / А.Маршал. - М.: Издательская группа «Прогресс», 1993. - С. 253.
15. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. - М.: Соцэкгиз, 1956, с.490.
16. Толстых И.А. Занятость и рынок труда: новые реалии, национальные приоритеты, перспективы. − М.: Наука, 2001. - С.24.
17. Стратегическое управление: регион, город, предприятие / под ред. Д.С. Львова, А.Г. Гранберга, А.П. Егоршина; ООН РАН, НИМБ. 2-е изд., доп. М.: Экономика, 2005. 605 с.
18. Остапенко Ю. М. Экономика труда: Учебное пособие / Ю.М. Остапенко. - 2-е изд., перераб. и доп. - М.: НИЦ ИНФРА-М, 2019. - 272 с. Памбухчиянц, О. В. Организация торговли: Учебник / О. В. Памбухчиянц. -М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К°», 2018.
19. Пиликов Н.П. Секретные технологии организации труда у мировых гигантов розничной торговли Carrefour и Auchan / Менеджмент в торговле. - 2019. - №6. - 65с.
20. Управление человеческим потенциалом современной организации: монография / под ред. С.Д.Резника. Пенза: ПГУС, 2004. 584 с.
21. Чижова Л.С. Инновационная экономика: занятость, трудовая мотивация, эффективность труда / Л.С. Чижова. - М.: Экономика, 2011. - 430 с.
22. Щепакин М.Б. Экономика труда: Учебник / М.Б. Щепакин, А.С. Молчан, Э.Ф. Хандамова. - М.: Магистр, 2017. - 256 с.

# ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ ФОРМИРОВАНИЯ РЫНКА ТРУДА В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

**МАДЖИДЗОДА ДАВЛАТБАХТ МАДЖИД**

кандидат экономических наук, доцент кафедры национальной экономики и экономической безопасности Таджикского национального университета, 7340025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. тел.: (+992) 987-17-06-55, E-mail: ndavlatbakht@mail.ru

*По мнению автора, познание экономических процессов и явлений предполагает изучение не только выражающих их категорий, но и экономических законов и принципов, на основе которых они действуют. Как абстракция экономических категорий, в том числе и категории рынка труда, выступают абстракциями экономических отношений, логическими понятиями, в которых отражаются определенные стороны экономических явлений. Опыт показывает, что первые годы восстановления народного хозяйства Таджикистана ознаменовались падением производства и уровня жизни не только в городских, но и в сельских районах страны.*

*В настоящее время в Республике Таджикистан идет процесс экономического развития, который характеризуется формированием новых социальных классов, в том числе бедных, средних и богатых, что является одним из основных факторов экономической стабильности. Поэтому комплексное изучение трудовых отношений приобретает не только социально-экономическое, но и политическое значение, и ставит во главу угла развитие экономических отношений во всех секторах и секторах национальной экономики, особенно в аграрном секторе Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *особенность, рынок, труд, экономика, рынок, принцип, формирование, комплекс, рост, отношения, глобализация. рынок труда, условия труда, труд.*

# BASIC PRINCIPLES OF LABOR MARKET FORMATION IN THE CONDITIONS OF GLOBALIZATION

**MAJIDZODA DAVLATBAKHT MAJID**

candidate of economic sciences, associate professor of the department of national economy and economic security of the Tajik National University, 7340025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. tel.: (+992) 987-17-06-55, E-mail: ndavlatbakht @ mail .ru

*According to the authors, the knowledge of economic processes and phenomena presupposes the study of not only the categories expressing them, but also the economic laws and principles on the basis of which they operate. As an abstraction of economic categories, including the categories of the labor market, they act as abstractions of economic relations, logical concepts that reflect certain aspects of economic phenomena. Experience shows that the first years of the recovery of the national economy of Tajikistan were marked by a drop in production and living standards not only in urban, but also in rural areas of the country.*

*Currently, the Republic of Tajikistan is undergoing a process of economic development, which is characterized by the formation of new social class es, including the poor, middle and*

*rich, which is one of the main factors of economic stability. Therefore, a comprehensive study of labor relations acquires not only socio-economic, but also political significance, and puts at the forefront the development of economic relations in all sectors and sectors of the national economy, especially in the agricultural sector of the Republic of Tajikistan.*

***Key words:*** *feature, market, labor, economy, market, principle, formation, complex, growth, relations, globalization. labor market, working conditions, labor.*

УДК: 331.53 (575.3)

# ПРОБЛЕМЫ ТРУДОУСТРОЙСТВА НАСЕЛЕНИЯ В РЕГИОНАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ПУТИ ИХ РЕШЕНИЯ

**МАМАДРИЗОЕВА НИГИНА МАМАДВАФОЕВНА**

кандидат экономических наук, доцент кафедры статистики
Таджикского государственного финансово-экономического университета, 734067, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14, тел.:(+992) 987094988,
mamadrizoeva69@mail.ru

*В статье рассматриваются теоретические и практические аспекты управления занятостью населения. Приведен практический материал обобщения опыта отдельных регионов в этом направлении. Цель исследования состоит в обосновании необходимости изучения практики регионов Республики Таджикистан, управления занятостью и их специфики, которые способствуют наиболее эффективному оказанию социально-экономического содействия населению в трудоустройстве, что позволит определить наиболее приоритетные направления развития рынка труда. В рамках исследования были выявлены современные тенденции в решении проблем трудоустройства населения в передовых регионах.*

*Далее использованы анализ и сравнение подходов к решению проблем трудоустройства населения в отдельных регионах. В данном исследовании сделан вывод о последовательном проведении региональной политики в управлении занятостью, которая была бы направлена на стимулирование спроса и предложения на рабочую силу и ответственности участия органов власти и служб занятости регионов в решении этих вопросов, что способствовало бы обеспечению повышения качества жизни и его закрепления на данной территории.*

*В статье использован материал выступления Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в котором ясно и четко выражена дальнейшая политика страны в отношении вопроса трудоустройства граждан.*

***Ключевые слова:*** *трудоустройство, население, занятость, регион, рынок труда, условия, безработица, рабочая сила, развитие, качества жизни, занятость.*

Процесс трудоустройства населения на региональном уровне обуславливает систематический подход к изучению рынка труда, обеспечивающей социально-экономического развития. Решение проблемы трудоустройства населения Таджикистана, где 74% населения проживают в

сельской местности приобретают актуальность, в условиях не предвиденных изменений конъектуры мирового рынка.

Процесс формирования рынка труда была остается одной из важных задач преобразования социально-экономических отношений, отражающих основные направления в динамике и основных устройствах занятости, прежде всего в общественном разделении труда, а также перемещение рабочей силы, масштабы и динамику безработицы.

В данном процессе совершаются более глубокие перемены централизованного планового хозяйства в социально ориентированную рыночную экономику, которая затрагивает интересы участников данных взаимоотношений.

Национальный рынок труда нуждается в разработке стратегических направлений инновационного развития и обеспечения населения не только традиционным формами занятости, также новыми видами занятости, которые более продуктивны с учетом роста уровня конкуренции на рынке труда [2,70].

В связи с интеграцией мировой экономики и преобразованием системы рынка рабочей силы, проблема рынка труда и занятости населения на сегодняшний день становится более значимой. Известно, что рынок труда и занятость населения относятся к макроэкономическим проблемам, оказывающие непосредственное влияние на отдельно взятого члена общества. Для большинства людей неустойчивость экономического положения и падение уровня жизни связано с отсутствием постоянной работы, низкой оплатой труда или увольнением с работы.

Макроэкономическая политика государства обуславливает высокого уровня обеспечения жизни на основе внедрение механизма продуктивной занятости населения. Современная отечественная экономическая система, систематически вырабатывает новых рабочих мест, стремиться к достижению общественного продукта, особенно полной удовлетворения материальные потребности населения страны. Однако, на сегодняшнее день, имеющей трудовые ресурсы страны используются не в полной мере.

Рынок труда является системой социальных взаимоотношений, общественных норм и институтов, гарантирующих на базе соблюдения общепризнанных прав и свобод человека, формирование, обмен и использование рабочей силы [5,21-23].

Проблема организации рабочих мест и обеспечение занятости населения в Республике Таджикистан является одной из центральных.

Известно, что Таджикистан страна высокогорная. Регионы, расположенные в ней, имеют свои определённые условия как с социальной, так и с климатической стороны. Необходимо отметить тот факт, что за

последние годы численность населения горного Бадахшана имеет не высокий коэффициент роста, кроме того основная часть населения, а в особенности молодёжь по окончании средней школы или получая диплом о высшем образовании, в основном мигрирует в Российскую Федерацию, в страны Европы или за океан. Всё это связано, прежде всего, с тем, что люди не могут найти работу, а если и находят, то с низкой заработной платой, что ущемляет их интерес.

В поисках работы молодежь и люди среднего возраста покидают свои семьи, уезжают из республики, испытывая все тяготы жизни гастарбайтеров. Такое положение и в районах республиканского подчинения.

Число безработных имеет разные показатели. Некоторые статистические данные приведены в таблице 1.

**Таблица 1**

**Численность безработных, зарегистрированных в службах занятости Республики Таджикистан.**

на 1 января

| Наименование | годы | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Республика Таджикистан | | | | | |
| 1.Численность безработных всего, тыс. человек | 51,1 | 53,1 | 49,7 | 47,5 | 49,0 |
| 2.в том числе женщин | 27,3 | 27,4 | 25,5 | 22,6 | 21,9 |
| 3.в процентах от общей численности безработных | 53,4 | 51,6 | 51,3 | 47,6 | 44,7 |
| ГБАО | | | | | |
| 1. | 3,0 | 4,4 | 4,9 | 5,1 | 4,5 |
| 2. | 2,0 | 2,6 | 2,8 | 2,9 | 2,3 |
| 3. | 66,6 | 59,1 | 57,1 | 56,9 | 51,1 |
| Хатлонская область | | | | | |
| 1. | 21,0 | 18,9 | 16,0 | 15,0 | 14,6 |
| 2. | 12,8 | 11,0 | 9,5 | 7,5 | 6,4 |
| 3. | 61,0 | 58,2 | 59,4 | 50,0 | 43,8 |
| Согдийская область | | | | | |
| 1. | 11,0 | 10,8 | 9,7 | 8,1 | 8,9 |
| 2. | 5,4 | 5,5 | 4,9 | 4,0 | 4,3 |
| 3. | 48,9 | 50,9 | 50,5 | 49,4 | 48,3 |
| г. Душанбе | | | | | |
| 1. | 2,7 | 2,5 | 2,5 | 2,7 | 3,3 |
| 2. | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 1,4 |
| 3. | 42,5 | 48 | 48 | 44,4 | 42,4 |
| РРП | | | | | |
| 1. | 13,3 | 16,6 | 16,6 | 16,6 | 17,6 |
| 2. | 5,9 | 7,0 | 7,2 | 7,0 | 7,5 |
| 3. | 44,4 | 42,2 | 43,4 | 42,2 | 42,6 |

***Источник:*** Статистический ежегодник Республики Таджикистан. Душанбе, АСПРТ, 2020. С.94-95.

Из приведенных данных видно, что самый высокий показатель в 2020 году в процентном соотношении от общей численности безработных наблюдается по ГБАО-51,1 далее по Согдийской области-48,3 и по Хатлонской области – 43,8. Необходимо отметить, что согласно данным таблицы безработица в 2020 по сравнению с тремя предыдущими годами снизилась.

Согласно официальным источникам уровень безработицы в декабре 2020 по Таджикистану вырос до 7.5 %. Максимальный уровень достигал 7.5 %, а минимальный 2 %. Общая численность безработных в Республике Таджикистан на апрель 2021 года составляет-50.5 тыс. чел. [9]

Правительством страны принимаются все необходимые меры по вопросу трудоустройства граждан.

В своем очередном Послании Президент Республики Таджикистан, Лидера Нации, уважаемый Эмомали Рахмон отметил: «С 2013 года до сегодняшнего дня правительством страны были подписаны 17 соглашений о прямых инвестициях с отечественными и зарубежными компаниями, в рамках которых 15 новых производственных предприятий были возведены на общую сумму более 10 млрд. сомони, более семи тысяч жителей страны обеспечены постоянными рабочими местами.

В 1991 году в стране было зарегистрировано всего 358 промышленных предприятий. Только в 2020 году были построены и сданы в эксплуатацию 300 новых промышленных предприятий и цехов с рабочими местами более 6500.

В политике государства и правительства Таджикистана основное место занимает регулирование трудовых отношений, развитие рынка труда и обеспечение населения занятостью. Однако следует отметить, что, согласно анализам, уровень профессионализма рабочих еще не соответствует требованиям рынка труда, этот вопрос нуждается в серьезных реформах». [1,6]

К 30-летию государственной независимости в регионах Республики Таджикистан были открыты ряд предприятий производственной и непроизводственной сферы.

Свободная экономическая зона «Дангара» была оснащена четырмя производственными предприятиями это: ООО «Ауфен», ООО «Гаюрсаноат», ООО «Тоджпласт-1» и ООО «Шенси», две из которых были построены с главным инвестором Китаем и двумя отечественными спонсорами. Общее число созданных новых рабочих мест составляет 132 ед., а в будущем штат будет расширен.

В городе Бустон Согдийской области сдан в эксплуатацию предприятие по производству асбестового шифера и назвал инициативу

предпринимателей важной и достойной примера в направлении достижения четвертой стратегической цели - ускоренной индустриализации страны. [9]

Данные достижения конечно показывают положительный результат экономической политики страны, заботу о трудоустройстве населения.

Важное значение имеют преимущества развития, традиции населения, что могут поспособствовать дифференциации в воспроизводстве трудовых ресурсов и влиять на формирование и функционирование рынка труда на данных территориях. Разрабатывая мероприятия, которые направленны на поддержку населения и трудоустройство на рынке труда, региональные органы власти не должны забывать об уникальных особенностях своего региона. Кроме того, региональные программы по поддержке занятости населения, направленные на создание и сбережение рабочих мест, не должны допускать массовых высвобождений персонала и соответствовать республиканским программам.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера Нации, уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики» 26.01.2021, город Душанбе.
2. Васиев Ф.М. Тенеденции формирования и развития занятости населения Республики Таджикистан. Таджикистан: экономика и управление. Научный журнал Таджиксого национального университета. №2/2020, Душанбе 2020, - С. 70
3. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. Душанбе, АСПРТ, 2020.
4. Гинсбург М.В. Реализация программ по содействию занятости молодежи в условиях центров занятости населения // Отечественный журнал социальной работы. – 2015. – № 3
5. Елсуков М.Ю., Амиров Р.Р. Государственное управление занятостью населения в условиях кризиса экономики // Управленческое консультирование. – 2018. – № 11.
6. Павленко В. А. Рынок труда / В. А. Павленко. - М.: Юристъ, 2010.
7. Золин И. Е. Демографические аспекты развития рынка труда / И. Е. Зо-лин // Человек и труд. – 2013. - № 2.
8. Кузьмина Ю. Рынок труда требует реформирования / Ю. Кузьмина // Московский бухгалтер. – 2008. - № 11.
9. Микульский К. Формирование новой модели занятости / К. Микулев-ский // Экономист. – 2011. - №3.
10. https://take-profit.org/statistics/unemployment-rate/tajikistan/

# МУАММОҲОИ БО КОР ТАЪМИН НАМУДАНИ АҲОЛӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН


**МАМАДРИЗОЕВА НИГИНА МАМАДВАФОЕВНА**

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон, 734067, Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимова 64/14, тел.:(+992) 987094988, mamadrizoeva69@mail.ru



*Дар мақолаи мазкур, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии идораи шуғли аҳолӣ баррасӣ гардидаанд. Маводи амалии ҷамъбасти таҷрибаи минтақаҳои алоҳида дар ин самт пешниҳод шудааст. Ҳадафи тадқиқот дар зарурати омӯиши таҷрибаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, идораи шуғли аҳолӣ ва хусусияти он, ки ба таъсиррасонии самараноки иҷтимоию - иқтисодии бо кор таъмин намудани аҳолӣ мусоидат менамояд ва ба муайян кардани ҳама самтҳои афзалиятноки рушди бозори меҳнат имконият медиҳад, иборат аст. Дар доираи тадқиқот, тамоюлҳои муосири ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ дар минтақаҳои пешрафта ошкор гардид.*

*Дар мақола таҳлил ва муқоисаи усулҳои ҳалли муаммоҳои шуғли аҳолӣ дар минтақаҳои алоҳида истифода шудааст. Дар тадқиқоти мазкур хулоса оиди гузаронидани сиёсати марҳилавии минтақавӣ дар идораи шуғли аҳолӣ, ки барои ҳавасмандгардонии талабот ва пешниҳоди равона мебуд, иштироки масъулиятноки мақомотҳои ҳукуматӣ ва хадамоти шуғли минтақаҳо дар ҳалли ин масъалаҳо, бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ ва мустаҳкамнамоии он дар ҳудуди минтақаҳо баррасӣ гардидааст.*

*Дар мақола маводи суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оиди сиёсати дурнамои кишвар бо кор таъминкунии шаҳрвандон, ки возеҳ ва равшан баррасӣ гардидааст, истифода шудааст.*



***Калидвожаҳо:*** *таъмини кор, аҳолӣ, шуғл, минтақа, бозор, меҳнат, шароит, бекорӣ, қувваи корӣ, рушд, сифати зиндагӣ.*


# PROBLEMS OF EMPLOYMENT OF THE POPULATION IN THE REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND WAYS TO SOLVE THEM.


**MAMADRIZOEVA NIGINA MAMADVAFOEVNA**

candidate of economic sciences, associate professor of the department of statistics Tajik State University of Finance and Economics, 64/14 Nakhimov str., Dushanbe, 734067, Tajikistan, vol. :(+992) 987094988 mamadrizoeva69@mail.ru



*The article discusses the theoretical and practical aspects of employment management. The practical material of generalizing the experience of individual regions in this direction is given. The purpose of the study is to substantiate the need to study the practice of the regions of the Republic of Tajikistan, employment management and their specifics, which contribute to the most effective provision of socio-economic assistance to the population in finding employment, which will determine the most priority areas of labor market development. Within*

*the framework of the study, modern trends in solving the problems of employment of the population in advanced regions were identified.*

*Further, the analysis and comparison of approaches to solving the problems of employment of the population in certain regions were used. This study concludes that the consistent implementation of a regional policy in employment management, which would be aimed at stimulating demand and supply for labor and the responsibility of the participation of the authorities and employment services of the regions in solving these issues, which would contribute to improving the quality of life and its consolidation in this territory.*

*The article uses the material of the speech of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, in which the country's further policy regarding the issue of employment of citizens is clearly and clearly expressed.*

***Keywords:*** *employment, population, employment, region, labor market, conditions, unemployment, labor force, development.*

**УДК: 339.9 (1-925.3)**

## СТАНДАРТҲОИ СИФАТИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ ДАР ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**САФАРОВ НАВРУЗ УМАРАЛИЕВИЧ**

номзади илмҳои иқтисодӣ, ассистенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17. тел.: (+992) 988-72-21-23. E-mail: cheh-16@mail.ru

*Дар мақолаи илмӣ таъсири паҳншавии пандемияи COVID-19 ба сифат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунуни таҳлил гардидааст. Мавқеи Фонди Глобалии ҳифзи иҷтимоиро ҷиҳати бартараф намудани холигии маблағгузории кишварҳои камдаромад муайян карда шудааст. Зарурияти такмилу тақвияти даврагии стандартҳои давлатии ҳадди ақали ҳифзи иҷтимоӣ дар саросари мамлакатҳои ҷаҳон асоснок карда шудааст. Асоснок карда шудааст, ки пеш аз пандемияи COVID-19, 356 млн. кӯдак дар саросари ҷаҳон дар фақри шадид зиндагӣ мекарданд ва вобаста ба пандемияи ҷаҳонӣ тавофути ин рақамҳо нишон дода шудааст.*

*Вазъи иқтисодиёти муосири Тоҷикистон, бахусус дар масъалаҳои таъмини фаровонии бозорҳо ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таҳлил карда шудааст. Пурзӯр намудани корҳои ташкилӣ ва кишти такрорӣ, сафарбар кардани мардум ба истифодаи мақсадноки замини кишоварзӣ хусусан замини наздиҳавлигӣ ва бо ҳамин васила мусоидат намудан ба амнияти озуқаворӣ пешниҳод карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *стандарт, сифат, иҷтимоӣ, хизмат, пандемия, камбизоатӣ, иқтисодиёт, сатҳи зиндагӣ, амнияти озуқаворӣ, кӯмаки молиявӣ, кӯдакон, аҳолӣ, стратегия.*

Дар марҳилаи кунунӣ бӯҳрони иҷтимоию-иқтисодии ҷаҳонӣ вобаста ба пандемияи COVID-19 бори дигар зарурати таъҷилии татбиқи ҳуқуқи таъмини амнияти иҷтимоию-иқтисодиро таъкид мекунад. Аммо кишварҳои

даромади кам барои таъмини ҳуқуқҳои камбизоатон фазои кофии молиявӣ надоранд. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва дигар санадҳо талаб мекунанд, ки ҳама одамон аз камбизоатии шадид бо роҳи таъмини даромади кафолатноки онҳо дар сурати набудани даромад ё аз даст додани ҷои кор муҳофизат карда шаванд. Коршиносон бар он ақидаанд, ки зарурати фаврии таъсиси Хазинаи Глобалӣ вуҷуд дорад, ки ба кишварҳои камбизоат дар нигоҳ доштани ҳифзи иҷтимоӣ дар сурати ба вуҷуд омадани ҳамагуна буҳронҳо ба монанди пандемияи имруза метавонад кӯмаки молиявии худро расонад. Коршиносони СММ дар он назаранд, ки бидуни чунин фонд кишварҳои дар зинаи рушд қарор дошта наметавонанд бо шумораи зиёди камбизоатӣ дар и вазъият мубориза баранд [8, 67].

Имрӯз пандемияи COVID-19 бори гаронеро бар дӯши мардуми камбизоатӣ ҷаҳон гузоштааст, ки бе кумакҳои иҷтимоӣ аз ҷониби давлатҳо вазъи зиндагии онҳо метавонад боз ҳам вазнинтар гардад. Ҳатто пеш аз сар задани пандемияи вируси «корона», аксари мардуми ҷаҳон - 55 фоиз ё 4 млрд. нафар аҳолии дунё ҳеҷ гуна ҳифзи иҷтимоӣ надоштанд. Барои ҳар се кӯдаки ҷаҳон кумакпулӣ барои кӯдакон дода мешуд. Коршиносони Созмони миллали Муттаҳид (СММ) таъкид кардаанд, ки дар гузашта барои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ хеле кам сармоягузорӣ шудааст ва аз ин рӯ пандемияи COVID-19 бисёр кишварҳоро ба мушкили рӯ ба рӯ кардааст. Масалан дар кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ, ки дар маҷмӯъ сатҳи фарогирии намудҳои гуногуни кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ вуҷуд дорад, танҳо 42,5% аҳолӣ бо кумакпулӣ барои бекорӣ фаро гирифта шудаанд. Ҳангоми пандемия бисёр давлатҳо аҳолии худро аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ мекарданд, аммо дар маҷмӯъ 2,7 млрд. нафар дар саросари ҷаҳон дар муқовимат бо ин бӯҳрон ҳеҷ гуна кӯмаке нагирифтаанд. Дар натиҷа, тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ, ҳолати фавқулоддае, ки дар натиҷаи пандемияи COVID-19 дар соли 2020 ба вуҷуд омадааст, боиси афзоиши шумораи камбизоатон ба 88-115 млн. нафар расидааст ва дар назар аст дар соли 2021 шумораи онҳо боз ҳам бештар шавад.

Коршиносон боварӣ доранд, ки аз таъсири пандемия таҷриба гирифтан ва системаи кӯмаки иҷтимоиро дар сатҳи ҷаҳонӣ тақвият додан лозим аст. Онҳо барои таъсиси Бунёди Глобалии Ҳифзи Иҷтимоӣ барои пур кардани холигии маблағгузорӣ, ки бо кишварҳои даромади кам ва миёна рӯ ба рӯ аст, талош доранд. Имрӯз мо мебинем, ки вақти он расидааст, ки стандартҳои ҳадди ақали ҳифзи иҷтимоӣ дар саросари ҷаҳон низ муттаҳид карда шаванд. Ҳатто пеш аз пандемияи COVID-19 ҳар як шаш кӯдак ё 356 млн. кӯдак дар саросари ҷаҳон дар фақри шадид зиндагӣ мекарданд. Тибқи як тадқиқоти нави Бонки Ҷаҳонӣ ва Сандуқи Кӯдакони Созмони Милали Мутаҳид (ЮНИСЕФ), вазъ дар ояндаи наздик ба хусус ба таври махсусан

бад дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ бадтар хоҳад шуд. Аз се ду ҳиссаи кӯдакони камбизоат дар Сахараи Африқо зиндагӣ мекунанд, ки шабакаҳои амнияти иҷтимоӣ хеле заиф доранд. Инҳо писарон ва духтарони оилаҳое мебошанд, ки дар як рӯз 1,90 доллар барои як нафар ё камтар аз он зиндагӣ мекунанд ин маблағ барои муайян кардани нишондиҳандаи байналмилалии камбизоатии шадид асос ёфтааст. Ба кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ тақрибан аз панҷ як ҳиссаи кӯдакони камбизоат рост меояд. Аз ҳама осебпазир кӯдакон дар минтақаҳои ки имрӯз ҷангҳои дохилӣ вуҷуд доранд ҳастанд, ки беш аз 40 дарсади онҳо дар оилаҳои камбизоат умр ба сар мебаранд. [10, 3].

Тадқиқоти нави СММ нишон дод, ки шумораи одамоне, ки дар камбизоатии шадид умр ба сар мебаранд, дар байни солҳои 2013-2019 то 29 миллион нафар коҳиш ёфтааст. Аммо коршиносон ин дастовардро кам ва нобаробар меноманд. Илова бар ин онҳо метарсанд, ки ҳатто ин пешрафти хурд бо сабаби пандемия баръакс хоҳад шуд. Бисёре аз кишварҳои минтақа, аз ҷумла Осиёи Марказӣ дар муқоиса бо дигар минтақаҳои ҷаҳон таназзули афзоиши даромадро дар байни камбизоаттарин 40 % аҳолии худ аз сар гузаронидаанд. Аз тарафи дигар, чандин иқтисодҳое, ки дар натиҷаи даромади бӯҳронҳои молиявӣ ва қарз даромади 40 дарсади камбизоатон коҳиш ёфтааст, ҳоло барқарор мешаванд. Барои арзёбии сатҳи камбизоатӣ дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон, Бонки Ҷаҳонӣ якчанд меъёрҳоро истифода мебарад. Хати камбизоатии байналмилалӣ хароҷоти ҳаррӯза ба ҳар сари аҳолӣ дар як рӯз 1,90 долларро ташкил медиҳад, ки соли 2011 муқаррар шудааст ва аз он замон инҷониб таъғир наёфтааст [10, 5].

Аммо дар Осиёи Марказӣ ин навъи камбизоатӣ хеле кам ба назар мерасад ва аз ин рӯ ин нишондиҳанда ба он дахл надорад. Илова бар ин нишондиҳандаҳои камбизоатӣ барои кишварҳои дар сатҳи якхелаи рушд мавҷуданд. Барои кишварҳои даромади болоии миёна хатти камбизоатӣ 3,5 доллар дар як рӯз ва барои кишварҳои даромади камтар миёна 2,15 доллар дар як рӯз муқаррар шудааст. Кишварҳои даромади миёна дар Осиёи Марказӣ Қазоқистон ва кишварҳои даромадашон миёна Тоҷикистон, Қирғизистон ва Узбакистонро дар бар мегиранд. Барои таҳлили дақиқтар, Бонки Ҷаҳонӣ ҳамасола дар бораи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (паритети қобилияти харидорӣ) ба ҳар сари аҳолӣ тадқиқот мегузаронад ин нишондиҳандаи макроиқтисодӣ, ки арзиши бозории ҳамаи молҳо ва хидматҳои ниҳоиро (бо назардошти паритети харидорӣ), ки дар як кишвар истеҳсол карда мешавад инъикос мекунад дар як сол ба ҳисоби миёна як нафар (ба ҳар сари аҳолӣ). Ҳама нишондиҳандаҳо барои муқоиса бо асъори ягона доллари ИМА ифода карда мешаванд. Табдили асъори миллӣ тавре ки дар муқоисаҳои иқтисодии байналмилалӣ маъмул аст на аз рӯи қурби бозор балки аз рӯи паритети қобилияти харидорӣ сурат мегирад. Барои

кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) дар соли 2020 ингуна мебошад.




**Расми 1.** Динамикаи ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар паритети қобилияти харидорӣ дар кишварҳои ИДМ дар соли 2020 (бо доллар)

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои Бонки Ҷаҳонӣ дар соли 2021 тартиб дода шудааст.

Аз замони соҳибистиқлолӣ сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон ба таври назаррас коҳиш ёфтааст. Бо вуҷуди ин Тоҷикистон камбизоаттарин кишвари Осиёи Марказӣ мемонад, ки 26 % аҳолии он дар сатҳи камбизоатӣ зиндагӣ мекунанд. [6, 44].

Дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳолии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2019 9,1 миллион нафар буд. Суръати афзоиши солонаи аҳолии кишвар дар 28 соли охир ба ҳисоби миёна дар сатҳи 2,0% - 2,2% боқӣ монд. Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ) тахмин мезанад, ки бар асоси Тадқиқоти сатҳи зиндагии соли 1999 ва буҷаи хонаводаҳо дар солҳои 2000 то 2019, камбизоатӣ аз 83% то 26,3 фоиз коҳиш ёфтааст. Дар давоми солҳои 1990-2019 даромади миллӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар Тоҷикистон 347,6 доллар (49,9 %) афзуда, ба 1043,8 доллар расид. Афзоиши миёнаи солонаи даромади миллӣ ба ҳар сари аҳолӣ бо нархҳои ҷорӣ дар сатҳи 12,0 доллар ё 1,4 % буд.

Солҳои охир суръати коҳиши камбизоатӣ дар Тоҷикистон хуб буд. Дар соли 2019 сатҳи камбизоатии кишвар 26,3 %, сатҳи камбизоатии шадид 11,8 %буд. Тақрибан 1,25 миллион нафар бениҳоят камбизоат буданд. Камбизоатии шадид аз соли 2013 коҳиш ёфта, аз 18.2 % то 10.7 % дар соли 2019 коҳиш ёфтааст. [6, 44].




**Расми 2.** Нишондиҳандаи камбизоатӣ ва камбизоатии ғизоӣ (шадид) дар солҳои 2013 - 2019 (аз рӯи тадқиқоти буҷети хонаводаҳо)

**сарчашма**: аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Президенти ҶТ тартиб дода шудааст.

Ба туфайли ислоҳоти ҷорӣ ва нақшаҳои стратегии таҳияшуда, Ҳукумати кишвар аллакай дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар натиҷаҳои назаррас ба даст овардааст ва дар соли 2019 он 26,3 %- ро ташкил додааст.

Дар шароити муосир ҳангоми норасогии маблағҳои буҷетӣ ва нокифоягии иқтидорҳои молиявии давлаӣ, мунтазам тағйир ёфтани вазъи бозори хизмат, инчунин падидаҳои санитарию эпидемиологӣ ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат монеа мегардад, зарурати фаъол намудани механизмҳои устуворкунандаи ҳамкориҳои муштараки мақомоти давлатӣ бо бахши хусусӣ ва ҳамзамон пайдо намудани роҳҳои муассири ҷалби сармоягузорони ватанию хориҷӣ дар бозори хизматҳои иҷтимоии мамлакат зиёд менгардад [2, 27].

Асосан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар аксар кишварҳои ИДМ нишондиҳандаҳои асосӣ барои ҳисоб кардани сатҳи камбизоатӣ нишондиҳандаи маҷмӯи истеъмолӣ моҳона ба ҳар сари аҳолӣ истифода карда мешавад. Натиҷаи тадқиқоти буҷети хонаводаҳо тибқи баҳодиҳии Агентии омор ва Бонки Ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон ҳамасола нишондиҳандаи камбизоатӣ ва камбизоатии шадид (ғизоӣ) коҳиш ёфта истодааст.

Тадқиқоти буҷети хонаводаҳо (ТБХ) дар Тоҷикистон аз соли 1952 инҷониб гузаронида мешавад, ҳаҷми интихоб 1250 хонавода буд. Аз соли 2009 инҷониб дар ҳамаи 5 минтақаи кишвар ва бо фарогири 3000 оила баргузор мешавад. Тибқи тақсимоти намуна аз рӯи минтақаҳо бо чунин тартиб қабул шудааст:

• Душанбе - 400 хонавода.

• Суғд - 860 хонавода.
• Хатлон - 900 хонавода.
• ВМКБ - 240 хонавода.
• НТҶ - 600 хонавода.




**Расми 3.** Тадқиқоти буҷети хонаводаҳо аз рӯи минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020
**сарчашма**: аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Ҳадафи асосии сиёсати иҷтимоии минтақавӣ рушди мутавозуни минтақаҳо мебошад, ки ба ҳамон сифат ва шароити зиндагии аҳолӣ, новобаста аз минтақаи истиқомат кафолат медиҳад. Дар шароити якбора коҳиш ёфтани даромадҳо дар хонаводаҳои ҷумҳурӣ ҳангоми паҳншавии пандемияи COVID-19 дар кишвари мо, на танҳо далели рушд ва рушди устувори иқтисоди миллӣ дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ нақши муҳим мебозад, балки пеш аз хама таксими одилонаи натиҷаҳои фаъолияти он мебошад. Имрӯз пас аз қабули индустриализатсия ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар, натиҷаи воқеии рушди иқтисодӣ, ба назари мо бояд эҷоди ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши музди меҳнат бо афзоиши ҳосилнокии меҳнат бояд рушду равнақ дода шавад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба рушди соҳаи кишоварзӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода шудааст ва аз ҷумлаи тадбирҳое, ки ба назари мо ба ин рушд мусоидат хоҳанд кард, ислоҳоти замин, таҷдиди сохтори хоҷагӣ, либерализатсияи бозор, эҷоди робитаҳои иқтисодӣ, ки афзоиши арзиши изофиро таъмин мекунанд.

Ҳукумат дар доираи ин стратегия вазифаҳои зеринро гузоштааст:
сатҳи камбизоатиро бештар аз 2 маротиба коҳиш диҳад ва камбизоатии шадидро решакан кунад; хароҷотро барои хифзи иҷтимоии аҳолӣ хеле зиёд кунанд.

Барои ҳалли вазифаи сеюм, таъмин намудани афзоиши ҳиссаи табақаи миёна (тибқи методологияи арзёбии байналмилалӣ) дар соли 2030 то 50 % таъмин карда шавад.

Тадқиқоти гузаронидашуда ба мо имкон медиҳад, ки хулосаҳои асосии зерин барорем:

- Индекси музди меҳнат дар бахши давлатӣ мувофиқи болоравии нархҳо дар бозор ва тарифҳои хизматрасонӣ;
- Афзоиши маблағгузорӣ барои барномаҳои кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ ба аҳолии камбизоат;
- Рушди соҳибкории хурд ва миёна дар мамлакат;
- Баланд бардоштани сифати захираҳои меҳнат ва истифодаи самараноки онҳо.

Ҳамин тариқ, аз натиҷаи таҳқиқот муайян мегардад, ки ҷиҳати таҳия ва татбиқи стандартҳои давлатии иҷтимоӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ паҳлӯҳои ташкилии институтсионалии таҳияи стандартҳои иҷтимоӣ дар мувофиқа бо истифодаи воқеии нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ мавқеи калидӣ доранд. Барои он, ки ҳангоми мувофиқа будани онҳо ҳамоҳангии мустақим пайдо гардида, ниҳоят ҳамаи страндартҳои давлатии иҷтимоӣ ба ҳамагуна тағйиротҳои ғайричашмдошти ҷамъиятӣ тобовар гардида, баландшавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бо маротиб афзоиш меёбад.

## АДАБИЁТ


1. Адам Смит «Тадқиқот оид ба табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо» //Нашри Уилям Стрэнд, Шотландия, Шоҳигарии Британияи Кабир, соли 1776 – С. 627.

2. Аҳмадов Р.Р. Фаъолгардонии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ/Р.Р. Аҳмадов// Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.- Душанбе: Сино, 2020. - №10/2. – С.27

2. Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2020. [манбаи электронӣ]. URL: https://investcom.tj/uploads/programm_tj.pdf. (санаи истифодабарӣ (9.10.2021).

3. Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳо. Агентии Омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2020, - С. 44.

4. Носирова У.Н. Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум дар шароити табадулоти иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон). Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ. Хуҷанд соли 2014, - С. 18.

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Точикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, аз 26 январи соли 2021, маҷаллаи «Ҷумҳурият» аз 27 январи соли 2021 № 252.

6. Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 [манбаи электронӣ].URL:https://vkd.tj/index.php/tj/masoili-mubram/18246 trategiyai-millii-rushdi-um-urii-to-ikiston-baroi-davrai-to-soli-2030. (санаи истифодабарӣ 3.10.2021).
7. Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 - Душанбе, соли 2012 - С. 130.
8. Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 - 2012.- Душанбе, соли 2009 - С. 67.
9. Тадқиқоти Созмони Милали Муттаҳид «Пандемия метавонад дастовардҳои солҳои охирро ба қатл расонад, аммо умед ҳаст» [манбаи электронӣ].URL: https: //www.mk.ru /economics/2020/07/20/eksperty-obespokoilis-koronavirus-otbrosil-mir-v globalnuyu-bednost. html. (санаи истифодабарӣ 5.10.2021).
10. Ҳакимов Ҳ. Р. Мушкилоти камбизоатӣ бо фарогирии мактабҳои гуногуни илмҳои иқтисодӣ, Аудит ва таҳлили молиявӣ - 2013. - № 4 – С. 415.

## СТАНДАРТЫ КАЧЕСТВА ЖИЗНИ В СТРАНАХ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

**САФАРОВ НАВРУЗ УМАРАЛИЕВИЧ**

кандидат экономических наук, ассистент кафедры национальной экономики и экономической безопасности Таджикского национального университета, 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. тел.: (+992) 988-72-21-23.
E-mail: cheh-16@mail.ru

*В научной статье анализируется влияние, распространённой пандемии COVID-19 на уровень жизни населения Среднеазиатских стран, в том числе в Республике Таджикистан в современном периоде. Определено место Глобального фонда социальной защиты в преодолении пробелов финансирования низкодоходных стран. Периодическое формирования и совершенствование государственных стандартов прожиточного минимума обосновывается на мировом уровне.*

*Обосновывается, что до пандемии COVID-19 356 млн. детей в мире жили в чертах бедности, а после появление мировой пандемии эти показатели характеризованы. Анализировано современное состояние экономики Таджикистана, особенно вопросы изобилия на рынках и производство сельскохозяйственной продукции. Предлагается активизация организационных работ, повторные посевы и привлечение населения к целевому использованию сельскохозяйственных земель, особенно приусадебных земель, таким образом влиять на продовольственную безопасность страны.*

***Ключевые слова:*** *стандарт, качество, социальная защита, услуги, пандемия, малоимущий, уровень жизни, продовольственная безопасность, финансовая помощь, дети, население, стратегия.*

# QUALITY OF LIFE STANDARDS IN CENTRAL ASIAN COUNTRIES

**SAFAROV NAVRUZ UMARALIEVICH**

candidate of economic sciences, assistant of the department of national economy and economic security of the Tajik National University, 734025, Tojikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17. tel.: (+992) 988-72-21-23. E-mail: cheh-16@mail.ru

*The scientific article analyzes the impact of the widespread COVID-19 pandemic on the standard of living of the population of Central Asian countries, including in the Republic of Tajikistan in the modern period. The role of the Global Fund for Social Protection in bridging funding gaps for low-income countries was identified. Periodic formation and improvement of state standards of the subsistence minimum is justified at the world level.*

*It is substantiated that before the COVID-19 pandemic, 356 million children in the world lived in poverty lines, and after the emergence of the global pandemic, these indicators are characterized. Analyzed the current state of the economy of Tajikistan, especially the issues of abundance in markets and agricultural production.*

*It is proposed to intensify organizational work, re-sowing and attracting the population to the targeted use of agricultural land, especially household land, and thus influence the food security of the country.*

***Key words:*** *standard, quality, social protection, services, pandemic, poor, living standards, food security, financial assistance, children, population, strategy.*

**УДК: 331.109**

# РАВИШҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТИ МУҲОҶИРАТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

**САЪДУЛЛОЗОДА НАСРУЛЛОИ САЪДУЛЛО**

доктори (PhD) кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17. тел.: (+992) 985-16-91-91. E-mail: nasrullo_1991@mail.ru.

*Дар мақола равишҳои асосии иҷтимоию иқтисодии муҳоҷирати байналмилалии меҳнат дар шароити ҷаҳонишавӣ муҳокима карда мешаванд. Қайд карда мешавад, ки хусусияти хоси марҳалаи имрӯзаи рушди муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ин муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ мебошад, ки дар даҳсолаҳои охир хеле босуръат рушд меёбад. Муаллиф қайд мекунад, ки муҳоҷирати байналхалқӣ ҳамчун раванди иҷтимоию иқтисодӣ дар дигаргуниҳои иқтисодӣ, этникӣ ва демографӣ нақши назаррас дошта, дар рушди ҷамеаҳо ва дар маҷмӯъ ба ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии одамон пешбинӣ шудааст.*

*Муайян карда шуд, ки муҳоҷирати байналхалқии меҳнатӣ на танҳо ба бозорҳои миллии меҳнат, балки ба бозори ҷаҳонӣ низ таъсир мерасонад. Ин як падидаи бисёрҷабҳа буда, ба яке аз муҳимтарин унсурҳои равобити иқтисодии байналмилалӣ табдил ёфтааст.*

*Ғайр аз он, муаллиф қайд мекунад, ки мушкилии омӯзиш ва таҳлили муҳоҷирати байналхалқии меҳнатӣ аз он иборат аст, ки одамон дар он иштирок мекунанд ва рафтори онҳо на танҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ муайян карда мешавад. Маълум карда шуд, ки ҳоло омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, таърихӣ, экологӣ ва дигар омилҳо ба муҳоҷират таъсир мерасонанд.*

***Калидвожахо***: *муҳоҷират, ҷараёни муҳоҷират, зинаҳои муҳоҷират, ҷаҳонишавӣ, муҳоҷирати байналхалқӣ, оқибатҳо.*

Муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ дар шароити муосир яке аз зернизомҳои мураккабтарини муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ мебошад, ки ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ таъсир расонида, дар маркази диққати бисёр олимон – иқтисодчиёни ҷаҳон қарор гирифтааст.

Бо рушд ва тағйирёбии нақши равандҳои муҳоҷират дар муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ, ҳамчунин пайдоиши шумораи зиёди нашрияҳо ва тадқиқотҳо дар мавзӯи муҳоҷирати байналмилалӣ ва муҳоҷирати байналмилалии меҳнатӣ шарҳи ин мафҳум тағйир ва гуногун гаштааст. Аз ҷониби Л.Л. Рибаковский яке аз аввалин тавсифи мафҳуми муҳоҷират пешниҳод гардидааст, ки ба ақидаи ӯ муҳоҷират ин «тағйирёбии доимӣ ё муваққатии ҷои зисти одамон» мебошад. Баъдтар тавсифҳои нави муҳоҷират пайдо шудаанд, ки аксарияти онҳо то андозае ба рӯъёи ин падидаи Равенштейн такя менамуданд [11, 25].

Бояд қайд кард, ки солҳои охир мафҳуми «муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ ва муҳоҷирати байналхалқии меҳнатӣ» аз ҷониби муаллифон ҳамчун мафҳумҳои ҳамаъно баррасӣ карда мешаванд. Инчунин, дар муайян намудани муҳоҷирати байналмилалӣ баъзан мафҳуми меҳнати кироя илова карда мешавад. Масалан, Ливенсев Н.Н [3, 28] муҳоҷирати байналмилалиро ҳамчун ҳаракати ашхоси меҳнати кироя тавассути сарҳад барои ҷустуҷӯи кор муайян намудааст. То ба имрӯз мафҳумҳои гуногуни «муҳоҷирати байналмилалии меҳнатӣ» вуҷуд доранд. Ба таъриф ва тавсифи баъзе аз коршиносон таваҷҷуҳ менамоем.

А.П. Киреев муҳоҷирати қувваи кориро ҳамчун «кӯчиши аҳолии қобили меҳнат аз як мамлакат ба дигар ба муҳлати зиёда аз як сол» шарҳ медиҳад. Ба ин раванд сабаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар хусусиятҳо таъсир мерасонанд [3, 35]. А.С. Булатов муҳоҷирати байналмилалии меҳнатро ҳамчун ҳаракати аҳолӣ тавассути сарҳадҳои давлатӣ бо мақсади ташкили муносибатҳои меҳнатӣ бо корфармо, ки дар дигар кишвар қарор дорад, шарҳ медиҳад [5, 110]. А.И. Евдокимов муҳоҷирати байналмилалии қувваи кориро ҳамчун кӯчиши аҳолии қобили меҳнат аз як мамлакат ба мамлакати дигар бо мақсади соҳиб шудани кор ба муҳлати зиёда аз як сол, муайян намудааст. Муаллиф асосан ба сабабҳои иқтисодии муҳоҷират ишора мекунад, гарчанде ки ӯ ба сабабҳои сиёсӣ, этникӣ, фарҳангӣ, оилавӣ ва дигар сабабҳо низ

аҳамият медиҳад [2, 150]. Т. Драгунова қайд мекунад, ки шарҳи мафҳуми муҳоҷират ҳамчун ҳаракати аҳолӣ маънои васеъ дошта, муҳоҷиратро ҳамчун кӯчиши гурӯҳи одамоне, ки бо нишондиҳандаҳои муайяни миқдорию сифатӣ муайян карда мешаванд, бояд нишон дод [1, 18].

Аз нигоҳи мо, муҳоҷирати байналмилалиро ҳамчун раванди иҷтимоӣ-иқтисодӣ баррасӣ бояд намуд, ки он бо як қатор омилҳо муқаррар шудааст ва дар дигаргуниҳои иқтисодӣ, байниэтникӣ ва ҷуғрофӣ, дар рушди ҷамъият ва умуман ҷомеа нақши назаррасро бозида, ба пешрафти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии мардум таъсир мерасонад.

Ба муҳоҷирати байналмилалии меҳнат, ки қисми таркибии муҳоҷирати байналмилалии аҳолӣ мебошад, як қатор омилҳои дорои хусусияти иқтисодӣ ва ғайриқтисодӣ таъсир мерасонанд. Илова бар ин, муҳоҷирати байналмилалии меҳнат дар кишвари қабулкунанда оқибатҳои иқтисодӣ ва ғайриқтисодӣ дорад, ки он бо як қатор омилҳо вобаста аст. (ҷадв. 1)

**Ҷадвали 1**

**Оқибатҳои муҳоҷирати байналмилалӣ**

| Таъсиррасони аз муҳоҷират | Эзоҳ (шарҳ) |
|---|---|
| ҷуғрофӣ | шумораи зиёди муҳоҷирон вазъияти демографиро дар кишвари қабулкунанда тағйир медиҳанд. |
| иқтисодӣ | муҳоҷирон ба бозори меҳнат таъсир мерасонанд, ки бо тағйирёбии музди миёнаи меҳнат, зиёдшавии ҷойҳои корӣ ва ғайра алоқаманд аст. |
| байниэтникӣ | меҳнаткашон – муҳоҷирон анъанаҳои фарҳангии худро доранд, ки бо ташкили гурӯҳҳои муайян кӯшиш мекунанд то онро нигоҳ доранд ва ин дар навбати худ боиси норозигии аҳолии маҳал мегардад. |

***Сарчашма***: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Муҳоҷирати байналмилалии меҳнат на танҳо ба бозорҳои меҳнатии миллӣ, балки ба бозори ҷаҳонӣ низ таъсир мерасонад. Он як падидаи гуногунҷабҳа аст, ки ба яке аз унсурҳои муҳими муносибатҳои иқтисодӣ табдил ёфтааст. Мушкилоти омӯзиш ва таҳлили муҳоҷирати байналмилалии меҳнат дар иштироки шахсони алоҳида аст, ки рафтори онҳо танҳо асоси иқтисодӣ надорад. Хусусиятиҳои психологӣ, вазъи оилавӣ, шароитҳои иҷтимоӣ, ки дар он шахс қарор дорад, ба қабули қарори муҳоҷират намудан таъсир мерасонанд. Бо вуҷуди ин, ба назари мо, сабабҳои иқтисодии муҳоҷират бояд омилҳои асосии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ҳисобида шаванд.

В.Л. Иноземсев қайд мекунад, ки муҳоҷирати аҳолӣ дар тамоми таърихи инсоният ду намуди равандҳои муҳоҷиратро ҷудо менамояд [1, 20]:

1) муҳоҷирати аҳолӣ дар натиҷаи инкишофи системаҳои иҷтимоӣ

2) муҳоҷирати аҳолӣ дар натиҷаи таҳаввулоти қабилаҳои кӯчманчӣ ва халқиятҳо, ки системаҳои иҷтимоии онҳо ба таври кофӣ инкишоф наёфта буд.

Аҳамияти аввали муҳоҷират дар тӯли садсолаҳо мавқеи худро нигоҳ дошта, аҳамияти дуюмдараҷаи он бошад бо инкишофи тамаддун ва такмили системаҳои иҷтимоӣ дигаргун шудааст. Дар тадқиқотҳои худ В.Л. Иноземсев нақши бузурги кишварҳои Аврупоро дар рушди равандҳои ҷаҳонии муҳоҷират қайд намуда, инчунин аҳамияти аввалиндараҷаи эҳтиёҷоти моддии инсонро дар муҳоҷират қайд менамояд [2, 151].

Дар асрҳои XVII-XVIII ҷараёни муҳоҷирон ба Аврупо вусъат гирифта буд, илова бар ин баъзе аз кишварҳо ба ин ҳавасманд буданд ва дидаю дониста, сиёсати ҷалб намудани онҳоро пеша мекарданд. Муаллифон кӯчиши оммавии аврупоиёнро ба Амрико дар сабабҳои динӣ ва сиёсии муҳоҷират медиданд, аммо аз асри XIX сар карда то ба имрӯз мавқеи аввалро сабабҳои иқтисодии ҳаракати аҳолӣ ишғол менамоянд.

Д. Массей чаҳор давраи таърихиро дар рушди муҳоҷирати байналмилалӣ ҷудо мекунад [3, 125]:

– давраи меркантилизм (тақрибан солҳои 1500 то 1800) – вақте ки муҳоҷирон аз мамлакатҳои Аврупо, Амрико, Африқо, Осиё, Назди Уқёнус ҳаракат менамуданд. Ӯ қайд менамояд, ки шумораи дақиқи муҳоҷирони байналмилалиро дар он давра баҳо додан номумкин аст, вале гуфтан мумкин аст, ки ҷараёни онҳо муҳим буданд ва аз ҳамин сабаб дар баъзе аз қисматҳои ҷаҳон аврупоиҳо ҳукмрон гардиданд. Он замон ба муҳоҷирати байналмилалӣ раванди мустамликасозӣ ва афзоиши иқтисодӣ таъсир мерасониданд;

– давраи саноатӣ (индустриалӣ) (аввали асри XIX) тақрибан то солҳои 20-уми асри XX кишварҳои Аврупо бо омилҳои истеҳсоли меҳнат бартарӣ дошта, асосан кишварҳои муҳоҷиринтиқолдиҳанда (эмигратсия) буданд ва шумораи зиёди муҳоҷирон ҷазираҳои Британия, Италия, Австро – Венгрия, Германия ва Испанияро тарк намуданд. Инро бояд қайд намуд, ки «муҳоҷирати оммавӣ дар дигаргун сохтани шароитҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва демографии Аврупо нақши бузургро гузошт». Омилҳои таъсиррасон ба муҳоҷирати байналмилалӣ тағйироти сохтории кишварҳои Аврупо аз рӯйи дараҷаи саноатикунонӣ, муносибатҳои тиҷоратӣ ва инчунин фарқият дар сатҳи даромад ба сари аҳоли байни кишварҳои Аврупо ва Ҷаҳони Нав буданд; ба ҳаракати аҳолӣ тарофаҳои паст (андозҳо), марзҳои кушода барои молу сармоя, сиёсати муҳоҷирати озод дар кишварҳои қабулкунанда мусоидат намуд.

– давраи муҳоҷирати маҳдуд (дар давоми солҳои 20-40 -уми асри XX) ба Ҷанги якуми Ҷаҳон, Таназзули Бузург ва Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ алоқаманд

аст. Солҳои 20 – уми асри XX чи дар Аврупо ва чи дар Амрико бо руҳияи мутлақ дар шакли маҳдуд будани ҳаракати молҳо, сармоя ва қувваи корӣ мегузашт. Дар солҳои 30-юм қариб тамоми муҳоҷирати байналмилалӣ боздошта шуда буд. Солҳои 40-ум бошад, муҳоҷират бо ҷустуҷӯи фоидаи иқтисодӣ алоқаманд набуда, аксарияти муҳоҷиронро гурезагон ва панохҷӯяндагон ташкил мекарданд.

– давраи муҳоҷирати постиндустриалиро (баъд аз саноатӣ – аз миёнаи солҳои 1960) Д.Массей бо табдилёбии муҳоҷират ба падидаи ҷаҳонӣ, вақте ки шумораи кишварҳои пайдоиш ва қабулкунандаи муҳоҷират бо суръат афзоиш ёфт, алоқаманд намудааст. Ба сафи кишварҳои пайдоиши муҳоҷирон кишварҳои Олами Сеюм дохил гардиданд, ки дар ҳоли рушдёбӣ қарор доштанд. Ҷараёни асосии муҳоҷирон аз ҷомеаи индустриалӣ ба постиндустриалӣ ҳаракт мекарданд.

Илова менамоем, ки аз нимаи дуюми асри XX вазъияти муҳоҷират дар Аврупо ба таври назаррас тағйир ёфт, рушди босуръати иқтисодиёти кишварҳои Аврупо (Британияи Кабир, Фаронса, Олмон, Дания, Белгия, Швейтсария, Люксембург, Нидерландия ва кишварҳои Аврупои Шимолӣ) шумораи зиёди коргаронро талаб менамуд, аммо ин талабот дар сатҳи миллӣ қонеъ гардонида намешуд, ки ин дар навбати худ боиси ҷалби қувваи корӣ аз Испания, Португалия, Италия, Юнон, Югославия, Туркия ва Африқои Шимолӣ гардид. Ҳамин тариқ, аз нимаи асри XX кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ба мамлакатҳои қабули муҳоҷирон табдил ёфт. Самти асосии ҳаракати аҳолӣ дар Аврупо бошад аз Ҷануб ба Шимол гардид. Истифодаи фаъоли қувваи ҷалбшуда, ба кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон дар барқарорсозӣ ва рушди соҳаҳои саноатӣ, инчунин нигоҳ доштани сатҳи нисбатан пасти музди меҳнат ва шароити кор имкон фароҳам овард, аммо бо вуҷуди ин коргарони хориҷӣ дар шароити вазнин ва сиёсати сахти муҳоҷират фаъолият менамуданд. Дар давоми солҳои 1960-ум сиёсати муҳоҷирати кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ба тағйиротҳо дучор гардид. Бо беҳтар гардидани вазъи иқтисодии аксарияти кишварҳои Аврупо ва тағйир ёфтани шароити сиёсӣ низоми раводид сода карда шуд, инчунин ба истиқомат доштани аъзоёни оилаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар қаламрави мамлакати қабулкунанда иҷозат дода шуд [11, 75].

Хижний Е.К., ба мисли дигар муаллифон марҳилаи сеюми муҳоҷирати оммавиро дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ бо якчанд сабабҳо алоқаманд менамояд. Аввалан ин оғози бухрони энергетикӣ дар соли 1973 мебошад. Дуюм ин коҳиш ёфтани талабот ба қувваи корӣ бо сабаби коҳиш ёфтани хароҷоти меҳнат, ки бо роҳи рушди пуршиддати иқтисодёт алоқаманд буд [12].

Дар чунин шароит ҳукумати мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ҷалби қувваи кориро аз дигар мамлакатҳо ва мустамликаҳо камтар намуда, бори дигар назоратро аз болои сиёсати муҳоҷират тақвият доданд ва ба ватан баргаштани муҳоҷироне, ки дар қаламрави онҳо буданд, кӯшиш мекарданд. Аммо ин вазифаи душвор буд. Ғайр аз ин ба афзоиши шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ, коэффитсиенти баланди таваллуднокии муҳоҷирон (яъне қобилияти баланди фарзанддор шудани муҳоҷирон), афзоиши ҷараёнҳои гурезагон ва паноҳҷӯяндагон мусоидат менамуданд. Ҳамин тариқ дар солҳои 1970-ум ҷараёни муҳоҷират дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ба ҳисоби миёна ҳамасола 240 ҳазор нафарро ташкил медод [12]. Барои ҳифзи бозорҳои миллии меҳнат аз ҷараёни муҳоҷирони хориҷӣ баъзе аз кишварҳои Аврупои Ғарбӣ (масалан, Олмон) барои истифодаи коргарони хориҷӣ маҳдудиятҳои иловагӣ ҷорӣ намуданд. Бо вуҷуди ин, чунин амал ба тамоюли воқеии муҳоҷират ва талаботи бозори меҳнат мутобиқат намекард.

Муҳоҷирони хориҷӣ қисман ё пурра талаботи қувваи кориро дар чунин соҳаҳои иқтисодиёт, масалан, истеҳсоли либос, хоҷагидорӣ ва хизматрасониҳо таъмин менамуданд. Арзиши пасти корҳо чунин шарҳ дода мешавад, ки дар ин ҷойҳои кори асосан занони муҳоҷир аз кишварҳои рӯ ба инкишоф (рӯ ба тараққӣ) ва кишварҳои иқтисодиёти гузариш фаъолият менамоянд. Мардҳо – муҳоҷирон талабот ба коргаронро дар соҳаҳои сохтмон ва ғайра таъмин менамудаанд. Маҳз муҳоҷирон дар барқарорсозии Аврупои Ғарбӣ дар солҳои 1950-60-ум нақши муҳимро бозидаанд. Инчунин қайд кардан зарур аст, ки дар давраи баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз воситаҳои асосии ҳалли мушкилиҳои демографӣ дар соҳаи захираҳои меҳнатии кишварҳои аъзои – СИА (созмони иқтисодии аврупо) гардид. Дар даҳсолаи охир муҳоҷирон дар бартараф намудани норасоии қувваи корӣ дар соҳаҳои технологияи информатсионӣ, муҳандисӣ, сайёҳӣ, маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо кӯмак мерасонанд. Фаъолияти ин соҳаҳо аз муҳоҷирон вобастагӣ дошт ва ин падидаи муваққатӣ набуд [10, 5].

Аз рӯйи тадқиқотҳо, кишварҳое, ки ба бозори меҳнати худ дастрасии умумӣ ҷорӣ кардаанд, бо ҷалби муҳоҷирон ҷойҳои кории холиро пурра намуданд ва як сол баъд аз васеъшавии Иттиҳоди Аврупо ҳисоб карда шуд, ки Британияи Кабир аз ҷалби қувваи кории иловагӣ, дар ҳаҷми 500 млн. фунт-стерлинг даромади молиявӣ гирифтааст.

Дар солҳои охир қувваи кории баландихтисос, ки метавонад боиси болоравии самаранокии меҳнат гардад ва таъсири мусбӣ ба рақобатпазирии маҳсулот дошта бошад, афзоиш ёфта истодааст. Саҳми мутахассисони баландихтисос қисми ҷузъии рушди на танҳо корхонаҳо, балки умуман

иқтисодиёт гардидааст, аз рӯйи тадқиқотҳо, дар Олмон танҳо як аз барномасози баландихтисос 2,5 ҷойи нави кориро таъсис медиҳад [10, 6]. Джозеф Шами собиқ директори шуъбаи кор бо халқиятҳои СММ дар соли 2000-ум қайд намуда буд, ки кушодани сарҳадҳои Аврупо ба манфиати худи кишварҳои аъзо мебошад, чунки иқтисодиёти Аврупо ба қувваи кории иловагӣ ниёз дошт ва муҳоҷирон бошанд метавонанд ин ниёзи аввалиндараҷаи онҳоро бароварда созанд.

Ҳангоми таҳлил намудани марҳилаҳои оммавии муҳоҷират дар қитъаи Аврупо, аз нигоҳи мо, бояд марҳилаи дигари муҳоҷират (2007-2012) қайд гардад, ки он ба бӯҳрони молиявию иқтисодӣ алоқаманд аст. Бо оғози бӯҳрони молиявию иқтисодӣ баъзе аз кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (Британияи Кабир, Ирландия, Ҷумҳурии Чехия ва ғ), бо мақсади ҳимоя намудани шаҳрвандони худ аз бекорӣ чораҳои иловагиро ҷорӣ намуданд. Нисбат ба нафароне, ки аз кишварҳои сеюм ба қаламрави Иттиҳоди Аврупо муҳоҷир шудаанд, ҳукуматҳои мамлакатҳои узви аъзо умед доштанд, ки бӯҳрон онҳоро ба кишварҳои худ бармегардонад ва ҳатто ба онҳо дар шакли кӯмакпулӣ ё ҷуброни хароҷоти роҳ мусоидат мекарданд. Аммо ин натиҷаи дилхоҳ надод ва шумораи ками муҳоҷирон ба ватани худ баргаштанд. Ба ақидаи тадқиқотчиён, аз бӯҳрони молиявию иқтисодӣ, ки боиси ихтисори ҷойҳои корӣ ва афзоиши шумораи бекорон дар соҳаҳои сохтмон, бахши истеҳсолӣ, молиявӣ ва сайёҳӣ мегардад, асосан муҳоҷирон зарар мебинанд, зеро корфармоён шаҳрвандони Иттиҳоди Аврупоро ихтисор намекарданд [11, 15].

Имрӯз ба раванди муҳоҷират омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҷуғрофӣ, таърихӣ, экологӣ ва дигар омилҳо таъсир расонанида истодаанд. Раванди ҷаҳонишавӣ ба тақвияти раванди муҳоҷират таъсири назаррас дошта, бо рушди он монеаҳои воридшавӣ ба кишвар коҳиш ёфта, ҳаракати мунтазами одамон, ки мехоҳанд кори беҳтари дорои шароити мусоидро пайдо намоянд ва аз мушкилоте, ки дар ватани худ доштанд, озод бошанд ё дар мамлакати дорои сатҳи баланди зиндагӣ умр ба сар баранд, ба танзим даровварда мешавад. Бо рушди глобализатсия таъсири он ба ҳаёти иқтисодии ҷомеа афзоиш ёфт. Имрӯз, ҷаҳонишавӣ ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ва ҳам дар сатҳи миллӣ, ки соҳаҳо ва равандҳои гуногунро фаро мегирад, зоҳир мешавад. Бо тавсеаи кушодани иқтисоди миллӣ, глобализатсия ҳамзамон ҳаракати қувваи кориро фаъол менамояд ва боиси афзоиши муҳоҷират мегардад. Равандҳои муҳоҷират ва глобализатсия ба ҳам пайваст буда, ба якдигар таъсир мерасонанд. Баландбардории қобилияти меҳнатии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ тамоюли объективист, ки шаклҳо, зуҳурот ва самти худро дар тӯли 100 - 150 соли охир хеле тағйир додааст. Гарчанде ки

дар раванди муҳоҷирати ҷаҳонӣ аксарияти кишварҳои муосир иштирок мекунанд, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико яке аз марказҳои асосӣ боқӣ мемонад [8, 83].

Ҳаракати муҳоҷират, хусусан муҳоҷирати зеҳнӣ, қисми ҷудонопазири ҷаҳонишавии муосир мебошад. Ин масъалаҳоро омӯхта, олимон чунин фикру ақидаҳоро пешниҳод менамоянд: пеш аз ҳама муҳоҷират шиддатнок мегардад; ҷараёни одамони муҳоҷир зиёд буда, вале нисбат ба ҷараёни сармояҳо, мол ва технологияҳо камфаъоланд. Сохтори бозори меҳнат низ нақши муҳимро мебозад. Махсусан, бо вуҷуди нисбатан хурд будани ҳаракати кадрҳои илмию техникӣ, муҳоҷирати зеҳнӣ ҳангоми оқилона ва дуруст истифода бурдани он барои рушди ҷаҳонӣ нақши калидӣ дорад, бинобар ин давлатҳо бояд сиёсати муҳоҷиратро бо дарназардошти манфиатҳои шаҳрвандӣ ташаккул диҳанд [6, 225].

Рушди босуръати технологияҳо дар даҳсолаҳои охири асри XX ҳайати коргаронеро, ки ба ҷалби онҳо кишварҳо ҳавасманд буданд, тағйир дод. Кишварҳои саноатӣ ҷалби кормандони соҳибтахассусро ба соҳаҳои технологияҳои иттилоотӣ, саноати мошинсозӣ, дизайн, биотехнология, маориф ва тандурустӣ афзоиш доданд, зеро онҳо эҳтиёҷоти бозори меҳнати дохилиро дар сатҳи миллӣ қонеъ карда натавонистанд. Яке аз сабабҳои асосии муҳоҷирати мутахассисони баландихтисос аз кишварҳои нисбатан суст рушдёфта, фарқияти сатҳи музди меҳнат буд, ҳаст ва мемонад. Масалан, дар Америкои Шимолӣ чунин мутахассисон дар муқоиса бо Ҳиндустон музди меҳнати нисбатан баланд доштанд. Бо вуҷуди ин, ҳангоми ҷараёни калони муҳоҷирони меҳнатӣ муайян кардани сатҳи таҳсилот ва овардани онҳо ба кишварҳои қабулкунанда хеле душвор буда, аз ин рӯ масъалаи кадрҳои баландихтисос бояд ҷузъи тамоми раванди муҳоҷиратро ташкил намояд [5, 110].

Дар ибтидои асри XXI ба афзоиши шумораи муҳоҷирон низ шиддатнокии равандҳо, фарқияти сатҳи зиндагӣ дар байни кишварҳо ва имкониятҳои шуғл дар хориҷа, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва дастрасӣ ба иттилоот, таҳкими робитаҳо байни кишварҳо, афзоиши шумораи хатмкунандагони донишгоҳҳои олӣ мусоидат мекунад (дар кишварҳои дорои сатҳи пасти музди меҳнат шумораи онҳо тақрибан 5.5% дар як сол афзуд, дар ҳоле ки дар кишварҳои рушдёфта ин нишондиҳанда ба 1% мерасид) [5, 109].

Таҳлили тадқиқоти ҷорӣ ва нашрияҳо нишон медиҳанд, ки ба сатҳи воридоти қувваи корӣ ба кишварҳои Америкои Шимолӣ, Аврупо ва кишварҳои Уқёнусӣ чунин тамоюлҳои дарозмуддат ба монанди афзоиши давомнокии умр ва хароҷотҳои иҷтимоӣ, коҳиш ёфтани таваллуднокӣ,

норасоии қувваи корӣ, сарфаи вақт ва харочот барои омӯзонидани мутахассисоне, ки дар бозори меҳнат талаб карда мешаванд, таҳсилоти донишҷӯён дар хориҷа ва имконияти кор пайдо кардан дар кишвари қабулкунанда таъсири назаррас доранд.

Бояд қайд кард, ки афзоиши динамикии ҳиссаи донишҷӯён ва аспирантҳо, ки дар кишварҳои забонҳои англоолмонию фаронсавӣ таҳсил мекунанд, аҳамияти калон доранд, зеро ҳаракати онҳо барои кушодани сарҳадҳо байни кишварҳои Аврупо саҳм мегузорад. Бештари онҳо пас аз таҳсил ба ватан барнагашта, дар марказҳои асосии тадқиқотии байналмилалӣ кор мекунанд.

Дар адабиёти соҳа яке аз нуқтаҳои умумӣ ин аст, ки омили муҳими таъсиррасон барои муҳоҷирон дар кишвари худ камбизоатӣ аст ва ин дар навбати худ боиси пайдоиши муҳоҷират гардидаст.

Бо вуҷуди ин, сабабҳои аслӣ вуҷуд доранд ва онҳо шаҳодат аз он медиҳанд, ки на фақат гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ муҳоҷират мекунанд. Муҳоҷират мутаносибан ба харочоти муайян алоқаманд аст, аз ҷумла харочот барои ҷустуҷӯи иттилоот ва кӯчидан ба кишвари нав, ҷустуҷӯи манзил ва дигар харочоти марбут ба муҳоҷират вобаста буда, ҳамин тариқ, дар аксар ҳолатҳо муҳоҷират мутаносибан хавф дорад ва доштани дониши муайян, забонҳои хориҷӣ, малака ва иштирок дар шабакаҳои иҷтимоиро талаб менамояд. Аз ин рӯ, баъзе муаллифон нуқтаи назари муқобил дошта, чунин мешуморанд, ки муҳоҷират бе сатҳи муайяни инкишофи иҷтимоиву иқтисодӣ номумкин аст.

## АДАБИЁТ


1. Аксютин Ю. М. Влияние процессов трансформации идентичностей жителей регионов постсоветской России на оценку характера межэтнических отношений // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение. Вопросы теории и практики. 2013. № 11 (37). Ч. 2. С. 17-19.
2. Евдокимов А. И. Нарративы восприятия миграции в региональном социуме (на примере центрально-азиатской миграции в республиках Южной Сибири)//Международный научно-исследовательский журнал. 2016. № 11 (53). Ч. 1. С. 149-152.
3. Киреев А.П. Международная экономика. Учебное пособие в 2-х частях М.: Международные отношения, 1998. - С.321.
4. Лебединцева Л.А. К вопросу об оценке результатов интеллектуального труда в науке / Л.А. Лебединцева // Проблемы современной экономики. - № 1 (41). - 2012. - с. 365-369
5. Лебединцева Л.А. Понятие и сущность интеллектуального труда в современных экономико-социологических исследованиях / Л.А. Лебединцева // Общество. Среда. Развитие (Terra Humana). - 2012. - № 1. - с. 108-111.
6. Миграция населения. Вып. 6: Миграционная политика / О.Д. Воробьева. - Приложение к журналу "Миграция в России". - М. - 2001. - 176. с.

7. Мировая экономики и международные экономические отношения. Под ред. проф. А.С. Булатова М.: КноРус. – 2018. –С. 135
8. Мищенко А.С. Международная миграция ученых как фактор изменения этоса российской науки / А.С. Мищенко // Социология науки и технологий. - 2011. - №2. - с. 82-88.
9. Регент Т.М., Архипов Ю.А. Миграция населения / Т.М. Регент, Ю.А. Архипов // Вып. 4: Система иммиграционного контроля. Приложение к журналу «Миграция в России». - М. - 2001. - 160 с.
10. Рощин Ю.В., Волох В.А., Куценко Т.И. Управление международной трудовой миграцией / Ю.В. Рощин, В.А. Волох, Т.И. Куценко. - Вып. 1. - М.: Авангард. - 2006. – С.6.
11. Рыбаковский Л.Л. Миграция населения / Л.Л. Рыбаковский // Вып.5: Стадии миграционного процесса. - М.: Мин. по делам федерации, нац. и мигр. политики РФ. - 2001. - 160с.
12. Юдина Т.Н. О социологическом анализе миграционных процессов [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://soc-work.ru/article/102 (дата обращения: 16.10.2018).

## ОСНОВНЫЕ ПОДХОДЫ ИССЛЕДОВАНИЯ МЕЖДУНАРОДНОЙ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИЯ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

**САЪДУЛЛОЗОДА НАСРУЛЛОИ САЪДУЛЛО**

доктор (PhD) кафедры финансы и страхавания Таджикского национального университета. 734025, Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17.
тел.: (+992) 985-16-91-91. E-mail: nasrullo_1991@mail.ru.

*В статье рассмотрены основные направления социально-экономической трудовой международной миграция в условиях глобализация. Отмечается, что характерной чертой современного этапа развития международных экономических отношений является международная миграция рабочей силы, которая развивается очень стремительно в последние десятилетия. Автор отмечает, что международная миграция как социально-экономический процесс играет значительную роль в экономических, межэтнических и демографических изменениях, боле того в развитии сообществ и общества в целом и имеет проекцию в общественно-политическую и культурную жизнь людей. Выявлено, что международная трудовая миграция влияет не только на национальные рынки труда, но и на глобальный рынок. Она представляет собой многогранное явление, которое превратилось в один из важнейших элементов международных экономических отношений. При этом автор указывает, что сложность изучения и анализа международной трудовой миграции заключается в том, что в ней принимают участие индивиды, поведение которых обуславливается не только экономическими мотивами. Выявлено, что ныне на миграцию влияют экономические, политические, социальные, демографические, исторические, экологические и другие факторы.*

***Ключевые факторы***: *миграция, миграционные потоки, этапы миграции, глобализация, международная миграции, последствия.*

## MAIN APPROACHES TO RESEARCH INTERNATIONAL LABOR MIGRATION IN THE CONDITIONS OF GLOBALIZATION

SADULLOZODA NASRULLOI SADULLO

doctor (PhD) of the department of finance and insurance Tajik National University 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: (+992) 985-16-91-91. E-mail: nasrullo_1991@mail.ru.

*The article examines the main directions of socio-economic labor international migration in the context of globalization. It is noted that a characteristic feature of the current stage of development of international economic relations is international labor migration, which has been developing very rapidly in recent decades. The author notes that international migration as a socio-economic process plays a significant role in economic, interethnic and demographic changes, moreover, in the development of communities and society as a whole and has a projection into the socio-political and cultural life of people. It was revealed that international labor migration affects not only national labor markets, but also the global market. It is a multifaceted phenomenon that has become one of the most important elements of international economic relations. At the same time, the author points out that the complexity of the study and analysis of international labor migration lies in the fact that individuals take part in it, whose behavior is determined not only by economic motives. It was revealed that nowadays migration is influenced by economic, political, social, demographic, historical, environmental and other factors.*

***Key factors:*** *migration, migration flows, stages of migration, globalization, international migration, consequences.*

УДК: 339.138

## ХИЗМАТҲОИ МАРКЕТИНГӢ ДАР БАХШИ АГРАРӢ: МУШКИЛОТ ВА АФЗАЛИЯТҲОИ РУШД

ҲАСАНОВА ФАРЗОНА ШЕРМАДХОНОВНА

ассистенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи Давлатии ба номи Абубадуллоҳи Рӯдакӣ, 735360, Тоҷикистон, ш. Кулоб, к. Сангак Сафаров. тел.: (+992) 985021210

*Дар мақолаи илмӣ масъалаҳои асосии ташкил ва ташаккули хизматҳои маркетингӣ дар соҳаи аграрӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои фарққунанди фаҳмиши хизматҳои маркетингӣ аз дигар мафҳумҳои ҳамшабеҳ ошкор карда шудааст. Асоснок карда шудааст, ки яке аз хусусияти асосии хизматҳои маркетингӣ дар ташаккули маҷмӯи муносибатҳои муайяни байни харидорон ва истеҳсолкунандагон мебошад, ки дар байни онҳо хизмат ҳамчун предмети алоқамандкунанда ва ё занҷираи пайвасткунандаи муносибатҳои ҳарду тараф арзи вуҷуд намуда, дар якҷоягӣ бозори истеҳсолкунандагон ва харидоронро ташкил медиҳанд. Ошкор карда шудааст, ки хизматҳои маркетингӣ дар устуворгардонии рақобатпазирии корхонаҳо мавқеи калидиро касб намуда, инчунин дар баландбардории сатҳи самаранокии истеҳсолоти корхонаҳои кишоварзии мамлакат ба сифати чораёни ҳамоҳангкунанда ва ҳамгироикунанда баромад менамояд. Ошкор карда шудааст, ки асоси ташаккули хизматҳои маркетингиро дар соҳаи кишошварзӣ технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ташкил дода, тавассути истифодаи*

*шабакаи ҷаҳонии Интернет хело вусъат ёфта истода, ҷузъи таркибии тиҷорати электронӣ гардида истодааст.*

*Таҷрибаи фаъолияти субъектҳои хизматрасони маркетингии ватанию хориҷӣ таҳлил карда шуда, тамоюлҳои рушди онҳо муайян карда шудааст. Бо мақсади ташаккули хизматҳои маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии мамлакат, таъсиси кооперативҳои давлатии хизматрасонии маркетингии ҳавасмандкунандаи молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар самти нигоҳдорӣ ва эҳтироми манфиатҳои дигар иштирокчиёни бозори хизмат, бехтаргардонии рушди низоми харид, таъмини технологияҳои муосири нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва фурӯш пешниҳод гардидааст.*

***Калидвожаҳо***: *хизмат, маркетинг, кишоварзӣ, кооператсия, мол, истеҳсолот, тиҷорати электронӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, бозор, озуқаворӣ, фурӯш, ташаккул.*

Хизматҳои маркетингӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ аҳамияти махсус дошта, онҳо имкон фароҳам меваранд, ки талаботи истеъмолкунандагон ба таври воқеӣ баҳо дода шуда, ба ҳаҷми он таъсир расонад. Низоми ташкили фаъолияти корхонаи дар асоси таҳқиқи ҳамаҷонибаи вазъи бозор таъсис дода шуда, талаботи бозорро бо ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулот мувофиқа менамояд. Бахусус барои истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ маҳз ҳамин масъала баҳсталаб буда, таҳқиқотҳои воқеиро тақозо менамоянд. Барои ҳамин хизматҳои маркетингӣ дар якҷоягӣ бо низоми идоракунии фаъолияти истеҳсолию фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, чӣ дар шакли маҳсулоти таёри озуқаворӣ ва чӣ дар шакли ашёи хом барои соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳим дорад.

Сохтори ташкилӣ-идоракунии низоми хадамоти аграрӣ аз навъҳои зиёд ва шаклҳои гуногуни фаъолияти истеҳсолӣ иборат мебошад. Онҳо дар худ таъмир ва хизматҳои техникии техникаҳои кишоварзӣ ва таҷҳизоти фермаҳои чорводорӣ, таъминоти моддӣ-техникӣ, хизматҳои нақлиётӣ, хизматҳои агротехникӣ, умуман пешниҳоди хизматҳои бисёри аз ситеҳсолкунанда то истеъмолкунанда расонидани маҳсулотро таҷассум менамояд [1,18].

Дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии мубодилаи молу маҳсулот, амалиёт ба сифати воҳиди асосӣ баромад менамояд, ки дар илмҳои иқтисодӣ ҳамчун мубодилаи тиҷоратии (арзишҳо) дороиҳо байни ду тараф маънидод мегардад. Шарти асосӣ ва хусусияти хоси ташкил ва рушди хизматҳои маркетингӣ ин ташаккули маҷмӯи муносибатҳои муайяни байни харидорон ва истеҳсолкунандагон мебошад, ки дар байни онҳо хизмат ҳамчун предмети алоқамандкунанда ва ё занҷираи пайвасткунандаи муносибатҳои ҳарду тараф арзи вуҷуд намуда, дар якҷоягӣ бозори истеҳсолкунандагон ва харидоронро ташкил медиҳанд.

Хизматрасонӣ – натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва корҳое, ки ба дигаргуншавии хусусияти объекти моддӣ вобаста намебошанд [3].

Маркетинг аз як тараф ҳамчун консепсияи идоракунӣ (тасаввуроти ақидаронӣ) баррасӣ мегардад, ки дар навбати худ чунин принсипҳои асосиро фарогир мебошад: афзалиятҳои бештари талаботҳои истеъмолкунандагон; равишҳои комплексию системавии фаҳмиши бозор ва унсурҳои он; чандирии мутобиқшавӣ ба талаботҳои бозор ва таъсиррасонии фаъол ба он [4,58].

Бо назардошти бозор ҳамчун категорияи иқтисодӣ, ки асоси онро амалиётҳои хизматрасонӣ байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда ташкил медиҳанд, фаҳмиши маркетингро ҳамчун ҷузъи таркибии хизматҳо дониста, Ф. Котлер маркетингро чунин маънидод намудааст: маркетинг ҳамчун шакли фаъолияти инсонӣ буда, тавассути мубодила барои қонеъгардонии эҳтиёҷот ва талабот сафарбар шудааст [5,148].

Дар асоси таҳқиқи ақидаҳои муҳақиқони хориҷӣ оид ба мафҳум ва моҳияти хизмат ва маркетинг, ба ақидаи мо моҳияти асосии ҷанбаъҳои ба вуҷуд омадани хизматҳоро дар фаъолияти маркетингӣ ба таври зерин ҷудо намудан муҳим аст: пешбинӣ, банақшагирӣ, ташкил ва идоракунии талаботи истеъмолкунандаи дар муносибатҳои бозорӣ таҷассумёбандаи сатҳи гуногун.

Маркетинг ҳамчун методи ташкил ва идоракунӣ чӣ дар корхонаҳои алоҳидаи агросаноатӣ ва чӣ дар соҳаи алоҳида имкон медиҳад, ки фаъолияти истеҳсолӣ-тиҷоратии шаклҳои гуногуни ташкилии корхонаҳои агаросаноатӣ, мувофиқи тағйиротҳои вазъи бозор ва ояндабинии рушд, талаботи пардохтпазирӣ ва инчунин вобаста ба талаботи бозории пешниҳоди маҳсулоти кишоварзӣ дуруст танзим карда шаванд [2.101].

Ҳамин тариқ, дар асоси ақидаҳои назариявии муҳақиқони хориҷию ватанӣ ва омӯзишу мушоҳидаҳои равишҳои гуногуни таҳқиқотии доираҳои бисёрпаҳлӯи илмӣ, дар доираи алоқамандӣ ва ҳамоҳангии мафҳумҳои хизмат ва маркетинг қайд намудан лозим аст, ки ҳардуи ин мафҳумҳо дар алоҳидагӣ маънӣ ва моҳияти гуногун доранд. Аммо дар амалия хизматҳо ҷузъи таркибии маркетинг буда, ҳамагуна функсияҳои маркетингӣ дар фаъолияти хоҷагидорӣ дар асоси пешниҳоди хизматҳо татбиқ мегардад. Ҳамзамон маркетинг фазои мусоиди фаъолияти ташкилоту ширкатҳои хизматрасон буда, вобаста ба принсипҳо ва мақсади ниҳоӣ, яъне дар асоси фаъолияти иқтисодӣ дар бозор қонеъ гардонидани эҳтиёҷот ва талаботи ҳам истеҳсолкунандагон ва ҳам харидорон якҷоя амал менамоянд.

Устувор гардидани талабот ва меъёрҳои муносибатҳои иқтисодиёти бозорӣ, таҳияи усулҳо ва чораҳои тавсифи идоракунидошта, инчунин таъсисдиҳии механизмҳои иқтисодию ташкилии субъектҳои хоҷагидорикунанда ва дар заминаи онҳо коркарди стратегияи рушди хизматҳои маркетингии низоми иқтисодиёти аграрӣ маҳз аз таҳқиқи дуруст, шинохт ва ба таври функсионалӣ истифода намудани шаклҳои

хизматрасониҳои маркетингӣ ва ҳамзамон ошкорсозии хусусиятҳои онҳо вобастагӣ дорад.

Хеле бамаврид аст, ки истеҳсоли ашёи хоми аз ҷиҳати экологӣ тозаи аграрӣ барои соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз манфиат холӣ набуда, балки ба болоравии сатҳи истеҳсоли молҳои саноатии ба талаботи замрна ҷавобгӯ кӯмак мерасонад [13,113].

Хизматҳои маркетингӣ дар низоми иқтисодиёти аграрӣ ҳамчун самти муҳими рушди стратегии иқтисодиёти Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дорои раванди ташкил ва идоракунии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, маҳсулот барои таъмини талаботи аҳолӣ, омода намудани ашёи хом барои соҳаҳои саноат ва инчунин вусъат бахшидан ба иқтидори содиротӣ мебошад.

Предмети хизматҳои маркетингӣ дар низоми иқтисодиёти аграрӣ на танҳо ҳаракати маҳсулоти кишоварзию озуқаворӣ аз молистеҳсолкунандагон то харидорон мебошад, балки аз омӯзиши ҳамаи паҳлӯҳои ба масъалаҳои ташкилӣ фаъолияти хизматрасонии истеҳсолӣ-фурӯши корхона, ширкат ва ҳатто хоҷагиҳои сектори аграрӣ иборат мебошад. Аз рӯи моҳияти илмӣ низомбандии шаклҳои хизматҳои маркетингӣ дар низоми иқтисодиёти аграрӣ раванди ташкилӣ-идоракунӣ, мусоидаткунӣ ё заминагузорӣ ба давраҳои истеҳсоли молу маҳсулот, таҳқиқи вазъи бозор, муайянсозии ҳаҷм ё сатҳи истеъмолот, шинохти рақибон, ошкорсозии иқтидори пардохтпазирии харидорон, ниҳоят таъминкунандаи шароитҳои хуби ташаккул ва рушди истеҳсолию ғайриистеҳолии корхонаҳо, ширкатҳо ва инчунин хоҷагиҳои кишоварзиро инъикос менамояд.

Дар робита бо рушди технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ имрӯзҳо хизматҳои маркетингӣ тавассути шабакаи ҷаҳонии Интернет хело вусъат ёфтааст ва ташаккули онҳо идома ҳам дорад. Хизматҳои ҳаракати мол ва пешниҳоди дигар хизматҳо дар шабаки номбурда хело фаъол буда, ҳатто дар баъзе мавридҳо хизматҳои маркетингии хусусияти миёнаравӣ доштаро низ дучор шудан мумкин аст. Аз ҷумла, ин гуна шаклҳои хизматрасониҳои маркетингӣ дар асоси тиҷорати электронӣ ба роҳ монда шуда, нисбат дигар шаклҳои хизматҳо тамоюлҳои мусбии рушд ва ташаккулёбӣ дорад. Масалан, ширкати «Исфарафуд»-и шаҳри Исфара дар самти истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, борҷомакунӣ, қуттикунонӣ, логиста ва фурӯши мева, ҶСП «СуғдАгросервис»-и шаҳри Хуҷанд дар самти фаъолияти комплексии сектори аграрӣ-фурӯши яклухт ва чаканаи воситаҳои муҳофизати растанӣ, тухмӣ, пахта ва ғ.

Инчунин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии маркетинги хизматҳои маркетингӣ дар самти бизнес-таҳлил, маркетинги рақамӣ, муарифии ширкат дар фазои Интернет, ташкили пурсишномаҳо ва баргузори намоишу

ярмаркаҳо, таъсис додани промороликҳо, реклама барои васоити ахбори омма, нашри маводҳои чопӣ, барномаҳои компютерӣ, ва ғайраҳо роҳ монда шудааст [8].

Муносибатҳои тиҷоратии мамлакатҳои ҷаҳон сатҳи некуаҳволию рушди иқтисодиёти аграрии онҳоро муайян менамояд ва иқтидорҳои рақобатпазии онҳо бошад, мавқеи рақобаткунӣ ва пешвоиро дар бозорҳои ҷаҳонӣ инъикос менамояд. Иттиҳоди Аврупо (ИА), ки яке аз иштирокчиёни бузурги бозори маҳсулоти кишоварзии ҷаҳон ба шумор меравад, ба рушди хизматҳои маркетингии низоми иқтисодиёти аграрӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Дар Олмон хусусиятҳои хоси рақобатпазирии соҳаи хизмат, аз ҷумла дар пешниҳоди хизматҳои маркетингӣ ин намоиши (ярмаркаҳои) молу маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Ҷумҳурии федеративии Олмон ҳамчун узви фаъоли ИА буда, дар ташкил ва баргузории намоишҳои гуногун, ки бештари онҳо ба ҳамгирой ва фаъолияти кооперативии хоҷагиҳои кишоварзӣ рост меоянд таалуқ дорад, таҷрибаи бой дорад. Ҳамасола дар Олмон 160-180 намуд намошҳо баргузор мегардад, ки 5-6 намуди онро намоишҳои сатҳи байналмилалӣ ташкил дода, зиёда аз 10 млн. нафар одам иштирок менамоянд. Иштирокчиёни ин гуна намоишҳо дар маҷмӯъ 23 млрд. евро ба буҷаи ИА бахусус 10 млрд. евро ба хазинаи буҷети Ҷумҳурии Олмон ворид намуда, ҳамзамон тақрибан 250 ҳаз. нафар бо ҷои корӣ, аз ҷумла пешниҳоди хизматҳои маркетингӣ-намоишҳо машғули кор мебошанд. Пешниҳоди чунин шакли хизматҳои маркетингӣ воситаи муҳими коммуникатсия ва фурӯши молу маҳсулоти кишоварзӣ маҳсуб ёфта, ширкатҳои хизматрасон дар ин намоишгоҳ натанҳо таъминкунанда, фурӯшанда ё интиқолдиҳандаи худро пайдо менамоянд, балки ин ба майдони мубадал мегардад, ки дар он дар баробари шаклҳои дигари хизматҳои маркетингӣ ба монанди пешниҳоди реклама, хизматҳои логистикию миёнаравӣ, консалтингӣ, сармоягузорони воқеӣ пайдо мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтисодиёти аграрӣ ҳамчун низоми таркибии иқтисодиёти миллӣ ба шумор рафта, дар сохтори истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) новобаста аз падидаҳои ғайричашмдошт-офатҳои табиӣ, бухронҳои молиявӣ, натиҷаҳои муносибатҳои таҳримонаи байни як қатор мамлакатҳои шарик ва вазъи эпидемиологӣ тамоюлҳои мусбии рушд дорад, ки зиёда аз 20% ММД мамлакатро таъмин менамояд. Бо вуҷуди инҳо масъалаҳои таркибии сиёсати аграрӣ, аз ҷумла номуайянии шаклҳои рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ дар пасманзари ташаккулёбии муносибатҳои бозорӣ ва мунтазам тағйирёбии вазъи бозорҳо, ки бештар ба

ташаккули хизматҳо алоқамандӣ доранд, ҳалли пурраи худро пайдо накардаанд.

Тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ дар соли 2021 таркиби асосии низоми иқтисодиёти аграрии Тоҷикистонро қариб 150 ҳаз. корхонаҳои кишоварзии коллективӣ ва зиёда аз 450 ҳаз. хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил медиҳанд ва 60% истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва 34 % дигаран ба хоҷагиҳои аҳолӣ рост меояд.

**Ҷадвали 1**

**Мавқеи соҳаҳои асосӣ дар иқтисодиёти мамлакат (солҳои 2018-2019)**

| категорияҳо | солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | фарқият |
| ММД бо нархҳои ҷорӣ (млн. сомонӣ) | 71059,2 | 79109,8 | 107,4 |
| Саноат (млн. сомонӣ) | 15031,5 | 16873,8 | 110,3 |
| Кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал (млн. сомонӣ) | 14049,8 | 16507,9 | 107,0 |
| Хизматрасонӣ (млн. сомонӣ) | 10844,0 | 11797,8 | 105,1 |

**Сарчашма:** маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2020. – С23.

Дар соли 2020 новобаста аз вазъи мураккаби иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ҳамзамон иқтисодиёти миллии мамлакат, ММД ба микдори 4,5 %, ё ин ки ба 82,5 млрд. сомонӣ (7,3 млрд. долл. ИМА) расидааст. Ҳиссаи сектори аграрӣ дар сохтори истеҳсолии ММД 22,6% ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳандаҳо дар соҳаи саноат 17,4, савдо 15,9 рост меояд.

Қобили қайд аст, ки ҳамасола Ҳукумати мамлакат ба рушди низоми иқтисодиёти аграрии мамлакат, бахусус барои таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва коҳиш додани тафриқаи тавозуни содироту воридоти маҳсулоти озуқаворӣ диққати бештар зоҳир намуда истодааст. Аз ҷумла, дар Стратегияи милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 якчанд барномаҳо ба монанди барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 таҳия гардида буд, ки заминаи асосии ташаккули хизматҳои маркетингии низоми иқтисодиёти аграрии мамлакатро дар шароти густариши муносибатҳои бозорӣ ташкил медиҳанд.

Ҳуҷҷатҳои давлатии стратегӣ ва ҳамзамон барномаҳои миёнамуҳлати рушди иқтисодиёти мамлакат собит менамоянд, ки барои ташаккули хизматҳои маркетингии рушди низоми иқтисодиёти аграрӣ заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилию иқтисодӣ мавҷуданд. Албатта таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки татбиқи бомуваффақи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномаҳои номбаргардида ва ҳамин васила ноил таъмини рушди стратегии иқтисодиёти мамлакатро бе ташаккули хизматҳои маркетингӣ ғайриимконпазир мебошад.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди дигар мамлакатҳои ҷаҳон ширкатҳо, корхонаҳо ва гурӯҳҳо барои пешниҳоди хизматҳои маркетингӣ ба монанди Кооперативи хизматрасони «Био-кишоварз», Маркази Машварати-омӯзишии Кишоварзӣ (ММК), Хадамоти машваратии «АТАС», ҶСК «Нексигол Мушовир» [6] ва ғайраҳо машғул ҳастанд.

Имрӯзҳо дар Тоҷикистон дигар ширкату корхонаҳои хизматрасон ба монанди КВД «Тоҷикагролизинг», КВД «Мадад», ҶСК «Бизнес Консалтинг Групп», Ассотситасияи миллии менеҷерҳо ва маркетологҳо (АМММ), ҶСП «Рушд», ҶСК «Таҳлил ва машварат» (Z-Analytics Group) ва ғайраҳо дар низоми иқтисодиёти аграрии мамлакат фаъолият намуда, дар рушди иқтисодиёти мамлакат сол то сол эътибори хоса пайдо намуда истодаанд.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи ташаккули хизматҳои маркетингӣ дар низоми иқтисодиёти аграрӣ бо таваҷҷӯҳ ба таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои хориҷӣ водор менамоянд, ки таҳқиқотро дар ин мавзеъ чунин хулоса намоем. Дар шароити муосир барои фаъолияти самараноки низоми иқтисодиёти аграрӣ ташаккули хизматҳои маркетингӣ ҳамчун механизми васлкунандаи ҳамкориҳои мутақобила ва инчунин воситаи асосии таъминкунандаи даромад, ҳамзамон татбиқгари дигар манфиатҳои иқтисодию иҷтимоӣ баромад менамояд. Аз ин сабаб, созмонҳои расмии байналмилалӣ, ташкилотҳои бунуфузи соҳавию минтақавӣ ва инчунин ҳукуматҳои мамлакатҳои ҷаҳон барои ташаккул ва рушди хизматҳои маркетингӣ дар низоми иқтисодиёти аграрӣ диққати бештар зоҳир намуда истодаанд.

Ба назари мо, сабаби чунин раванди ташаккули хизматҳои маркетингии мамлакат дар масъалаҳои ташкилӣ-иқтисодии субъектҳои хоҷагидорикунандаи мамлакат мебошад. Зеро имрӯзҳо қисми зиёди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), кооперативҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои аҳолӣ дар шакли фаъолияти хурд амал менамоянд. Аз ин сабабҳо, таъсис додани хадамоти маркетингии худи барои истифода дар интихобу ташкил ва инчунин аз истеҳсолкунанда то ба истеъмолкунандаи ниҳои расонидани маҳсулоти кишоварзӣ мушкил мебошад. Барои ҳамин, ба ақидаи мо, устувор намудани амалҳои ҳамаҷониба барои таъсиси кооперативҳои давлатии хизматрасони маркетингии дорои унсурҳои мунтазам ташаккулдиҳандаи ҳавасмандгардонии деҳқонон (фермерҳо) ва дигар молистеҳсолкунандагони ватании кишоварзӣ, дар нигоҳдорӣ ва эҳтироми манфиатҳои дигар иштирокчиёни бозори хизмат, бехтарградонии рушди низоми харид, таъмини технологияҳои муосири нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, фурӯш, пешниҳоди имкониятҳои баландбардории иқтидори рақобапазирии молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ мувофиқи мақсад мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Арасланов Т.Н. Экономические основы определения выгодности услуг МТС // Международный сельскохозяйственный журнал. - 2001. - № 1. - С. 18-21.

2. Джамшедова Ф. Дж. Вопросы организации агромаркетинга в Республике Таджикистан. Известия Академии наук Республики Таджикистан. общественные науки, 2 (250) 2018. – С. 101

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» (АМОҶТ с.2006, №3, мод.158; с.2012, №4, м.265).

4. Кольз Р.Л. Уль Д.Н. Что такое маркетинг? (О продовольственном маркетинге) // АПК: экономика, управление. -1992 -№1.

5. Котлер Ф. Основы маркетинга: Пер, с англ.-М.: Прогресс, 1992.
6. Консалтинговые компании Республики Таджикистан. Сомонаи расмӣ: https://consulting.tj/services/11.html. Санаи мурочиат: 15.06.2021.
7. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмаии оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2020. – С23.
8. Маълумотҳои дастрас аз сомонаи расмии Агентии маркетингии Тоҷикистон. http://marketing.agentstva.tj/sozdanie-saytov/ (санаи мурочиат 24.02.2021).
9. Мурадова С. Ш., Лямин Б. М., Дудаков Г. С. Мерчандайзинг как инновационный инструмент торговой отрасли // Инновационная экономика: перспективы развития и совершенствования. - 2018. - № 5(31). - с. 107-114.
10. Маркетинг в агропромышленном комплексе: учебник и практикум для академического бакалавриата / Н. В. Суркова [и др.]. -Москва : Издательство Юрайт, 2019. — 314 с. URL: https://urait.ru/bcode/433025 (дата обращения: 14.10.2021).
11. Рабаданов А. Р. Особенности маркетинга в сельском хозяйстве и в переработке сельскохозяйственного сырья // Вопросы структуризации экономики. - 2005. - № 3. - С. 1-9.
12. Сарабекова И.З.Идоракунии маркетингии бозори истеъмолии молҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тоҷикистон: иқтисод ва идора. Маҷаллаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2020№2. - С.- 113

## МАРКЕТИНГОВЫЕ УСЛУГИ В АГРАРНОМ СЕКТОРЕ: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ

**ХАСАНОВА ФАРЗОНА ШЕРМАДХОНОВНА**

ассистент кафедры экономики предприятия и предпринимательство Государственного университета имени Абуабдуллоха Рудаки, 735360, Таджикистан, г. Куляб, ул. Сангак Сафаров. тел.: (+992) 985021210

*В научной статье рассматриваются основные вопросы организации и формирования маркетинговых услуг в аграрном секторе, выявлены отличительные особенности понятия маркетинговой услуги от других схожих понятий. Обосновывется, что одна из важных особенностей маркетинговых услуг заключается в формировании комплексных отношений покупателей и производителей в которой маркетинговые услуги выступают в качестве присоединяющего предмета, или связывающей цепочкой, способствующего совместной организации рынка производителей и покупателей. Определено, что в укреплении уровня конкурентоспособности предприятий важное место имеют маркетинговые услуги, а также в повышении уровня производственной эффективности отечественных сельскохозяйственных предприятий выступают в качестве координатора или интегратора.*

*Выявлено, что основы формирования маркетинговой услуги в сельском хозяйстве является информационно-коммуникационные технологии и на основе использования всемирной сети Интернета. Они развиваются и составляют важный компонент электронной коммерции.*

*Анализированы деятельность отечественных и зарубежных субъектов производителей маркетинговой услуги и определены тенденции их развития. Целью*

*формирования маркетинговых услуг в сфере сельского хозяйства страны, предложена организация государственных кооперативов маркетинговой услуги привлекающих товаропроизводителей сельского хозяйства в области укрепления рыночной позиции, улучшение развития системы покупок, обеспечение современыми технологиями по переработке и хранению сельскохозяйственной продукции.*

***Ключевые слова:*** *услуги, маркетинг, сельское хозяйство, кооперация, товар, производство, электронная коммерция, сельскохозяйственная продукция, рынок, продовольствие, продажа, формирование.*

## MARKETING SERVICES IN THE AGRICULTURAL SECTOR: PROBLEMS AND PROSPECTS FOR DEVELOPMENT

KHASANOVA FARZONA SHERMADKHONOVNA

assistant of the department of enterprise economics and entrepreneurship of the State university named after Abuabdulloh Rudaki, 735360, Tajikistan, Kulyab, st. Sangak Safarov. tel.: (+992) 985021210

*The scientific article examines the main issues of the organization and formation of marketing services in the agricultural sector, identifies the distinctive features of the concept of marketing services from other similar concepts. It is substantiated that one of the important features of marketing services is the formation of complex relations between buyers and producers in which marketing services come in as a connecting subject or a connecting chain, contributing to the joint organization of the market of manufacturers and buyers. It is determined that in strengthening the level of competitiveness of enterprises, marketing services play an important role, as well as in increasing the level of production efficiency of domestic agricultural enterprises, they act as a coordinator or integrator.*

*It was revealed that the basis for the formation of marketing services in agriculture is information and communication technologies and on the basis of the use of the World Wide Web, they are developed and constitute an important e-commerce.*

*The activities of domestic and foreign subjects of producers of marketing services are analyzed and the trend of their development is determined. The purpose of the formation of marketing services in the field of agriculture of the country, it is proposed to organize state cooperatives of marketing services for attractive agricultural producers in the field of holding back the position and respecting the interests of other participants in the service market, improving the development of the purchase system, providing modern technologies for processing and storing agricultural products.*

***Keywords:*** *services, marketing, agriculture, cooperation, goods, production, e-commerce, agricultural products, market, food, sale, formation*

## МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Мақолаҳо бо ёрии системаи «Antiplagiat» барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

### Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода ва бо ҳуруфи Times New Roman таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,15 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 15 (на бештар аз 20 саҳифа) саҳифаро бояд дар бар гирад.

### Сохтори мақола бояд бо ин тартиб таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
– номи мақола;
– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: **ШАРИФОВ ШАРИФ ШАРИФОВИЧ** ва набояд шумораи муаллифон аз 3 нафар бештар бошад);
– номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд, индекси почтавӣ, мамлакат, телефон ва почтаи электронӣ;
– матни асосии мақола;
– аннотатсия ва калидвожаҳо;
– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия набояд камтар аз 150-200 калима буда, калидвожаҳо дар ҳаҷми аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад ва дар аввали мақола оварда шавад;
– рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд аз 10-20 номгӯи адабиёти илмие иборат бошад, ки дар 15-20 соли охир таълифу таҳия ва нашр шудааст (соли нашрашон аз соли 20 00 боло бошад). Номгӯи адабиёти аз 15-20 сол пештар банашррасида набояд беш аз 10%-и рӯйхати адабиёти мақоларо ташкил диҳад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 ва бо ду шакл таҳия гардад: 1) ба забони аслии китоб (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) ва 2) тарҷумаи ҳама номгӯи адабиёт ба забони англисӣ.
– дар охири мақола бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд сафеду сиёҳ буда, рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин, онҳо бояд бо забонҳои русӣ ва англисӣ номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

Дар баробари пешниҳоди шакли электронии мақола пешниҳоди шакли чопии он дар як нусха ҳатмӣ мебошад.

Мақолаҳое, ки аз ҷониби муқарризон ба чоп тавсия намешаванд, на дар маҷалла нашр мегарданд ва на ба муаллифон баргардонда мешаванд.

## ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы «Antiplagiat». Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

### Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал 1,15.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 15 стр. формата А4 (не более чем 20-и страниц).

### Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);
– название статьи;
– фамилия и инициалы автора (ов) (например, **ШАРИФОВ ШАРИФ ШАРИФОВИЧ**);
– название организации, в которой работает автор статьи, почтовый индекс, страна, телефон и электронная почта;
– основной текст статьи;
– аннотация и ключевые слова
– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация не должна быт меньше 150-200 слов, ключевые слова оформляются в объеме от 7 до 10 слов или словосочетаний;
–список использованной литературы (не менее 10-20 наименований научной литературы) должны быт за последние 15-20 лет (издания не ранее 2000 г.), более ранние ссылки не должны превышать 10%. Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008, и в 2 вариантах: 1) в оригинальном написании (таджикский, русский, английский); 2) все источники должны быт указаны (переведены) на английском языке;
– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес с место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ].

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны быть черно - белым, и нужно их сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название на русском и английском языках.

При электронной подаче статьи необходимо представить 1 экземпляр статьи в распечатанном виде.

Статьи, не рекомендованные рецензентами к печати, не публикуются и не возвращаются авторам.

## RULES FOR THE AUTHORS

All the scientific articles entering the editorial office of the journal must meet the following requirements: a) the article should be written in compliance with the established requirements of the journal; b) the article should be the result of scientific research; c) the article must correspond to one of the areas (sections) of the journal.

All the materials coming to the editorial board are checked for borrowings from open sources (plagiarism) and the verification is performed using the Antiplagiat system. Articles containing elements of plagiarism are automatically withdrawn from the consideration, and the authors are deprived of the opportunity to publish their work in the journal.

### Requirements for the design of the scientific articles:

The article should be prepared in Microsoft Word format, font – Times New Roman, size – 14, fields – 2.5 cm from all directions, interval – 1,15.

The volume of the article (including the annotation and the list of references) should be in the range of 10 to 15 pages of A4 format.

### The article should have the following structure:

– UDC index (the index can be obtained in any scientific library);
– the title of the article;
– the surname and initials of the author (for example, **SHARIFOV SHARIF SHARIFOVICH**);
– the name of the organization the author of the article works for, zip code, country, telephone and e-mail;
– the main text of the article;
– the list of the used literature (no less than 20 and not more than 30 titles of scientific literature). References are made in accordance with the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5 – 2008;
– the title of the article, abstract and key words are made in three languages (Tajik, Russian and English). Annotation is made in the volume of at least 150-200 words, keywords from 7 to 10 words or phrases;
– Information about the author in Tajik, Russian and English languages. Here the author's full name, academic degree, academic title (if any), the name of the organization in which the author works (authors), the position of the author (authors) in the organization, phone, e-mail, and the postal address of the author's work are indicated.

When citing a particular material, references are indicated in square brackets []. Sample: [4, p.25]. That is, the literature number 4 and page 25.

Tables, schemes, diagrams and figures must be grouped and numbered. Tables, charts, diagrams and figures should have a name both in the language of the article and in English.

## ТОҶИКИСТОН: ИҚТИСОД ВА ИДОРА

Маҷалла соли 2020 таъсис дода шуда, дар як сол 4 шумора нашр мегардад.

*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр гашта, дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*
*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:*

08.00.01 - Назарияи иқтисодӣ
08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ
08.00.10 - Молия, гардиши пул ва қарз
08.00.12 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ, омор
08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳон

## ТОҶИКИСТОН: ИҚТИСОД ВА ИДОРА

**2021. №2.**

Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон



734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: *(www.vestnik-ec.tnu.tj).*
E-mail: tajikistan-iqtisodvaidora2020@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41